**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**

**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ**

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ 821.0:82-3
ТКБ 83.3(0)
С 20

**САИДҒАНИЗОДА САИДСУЛТОНХОН**

# ХУСУСИЯТҲОИ БАДЕӢ ВА УСЛУБИИ НАСРИ АҲМАДИ ҒАЗЗОЛӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,**

**профессор Ғаффорова Умеда Абдуллоевна**

**Хуҷанд – 2022**

# М У Н Д А Р И Ҷ А

**Муқаддима ........................................................................................ 3-15**

**Боби I. Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ............................................... 16-51**

**I.1**. Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ................................................................................................ 16-28

**I.2.** Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII.......................................................................................................... 28-36

**I.3**.Зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ ................................ 36-51

Хулосаҳои боби якум ................................................................................ 52-53

**Боби II. Сохтору муҳтаво ва ҷойгоҳи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар насри форсу тоҷик (дар мисоли «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» .............................................................................................. 54- 88**

**II.1**. Нусхаҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» ..................... 54-57

**II.2**. Сохтор ва муҳтавои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ......................................... 57-72

**II.3**. Сохтор ва муҳтавои «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ............ 72-77

**II.4** Шуруҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва арзиши адабии онҳо ..................... 77-84

**II.5.** Таъсирпазирии Аттор аз «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ...... 85-88

Хулосаҳои боби дуюм ................................................................................ 89-90

**Боби III. Аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ (дар мисоли «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр») ...................................... 91-141**

**III.1.** Сабки нигориши «Савонеҳ-ул-ушшоқ» .......................................... 91-116

**III.2. Шеваҳои корбурди** саноеи бадеӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» ....................................................................... 117-133

**III.3**. Истифодаи ашъор дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат ут-туюр» ........................................................................................................ 139-141

Хулосаҳои боби сеюм ................................................................... 142-143

**ХУЛОСАҲО** I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия ...................... 144-152

II.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ...................151-152

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ............................................................................ 153-166

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ................. 166-168

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Ташаккули афкори адабиву ирфонӣ ва фалсафӣ, таҷассуми он дар оинаи осори арзишманди суханварону донишмандони гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тамоми даврони рушди тамаддуни башарӣ осори манзум ва мансур ҳамчун воситаҳои муҳимтарини шарҳу тафсири матлабҳои фалсафӣ, андешаҳои ирфониву ҳикамӣ хидмат намуда омадааст. Бахусус, адабиёти сӯфия бо сарчашмагирӣ аз осори фалсафиву ҳикамии тоисломӣ, китоби муқаддаси «Қуръон»-у ҳадис, таълифоти ҳиндиву юнониву румӣ, барои эҷоди мактабҳои ҷудогонаи фалсафӣ ва ирфонӣ хидмат намудааст, ки ҳадаф ва мароми аслии ин макотиб пеш аз ҳама дар осор ва таълифоти соҳибони онҳо ҷилвагар шудаанд. Маълум аст, ки дар аҳди аввали густариши тасаввуфи исломӣ аксари намояндагони барҷастаи он чун Иброҳими Адҳам, Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Шиблӣ, Ҳасани Басрӣ ва дигарон дар ташаккули тасаввуфи амалӣ ё маъруф ба хонақоҳӣ саҳм гузоштаанд. Аммо нубуғи фикрии Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Абдулқодири Гелонӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Наҷмиддини Кубро, Маҷдуддини Бағдодӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ ва дигарон асосан ба ривоҷи маънавию назарии афкори фалсафӣ ва ирфонии асрҳои миёна сабаб гардида, барои ташаккули мактабҳои марбут ба номи эшон ва таҷассуми ин афкор дар таълифоташон омил гардидааст. Дар баробари ин бузургон бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои зуҳури афкори фалсафӣ ва ирфонӣ Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун мутафаккир ва файласуфи ориф тавонист, ки мақоми махсуси худро пайдо намуда, барои таълифи кутуб ва рисолаҳои пубори ирфонию фалсафӣ дар ҷаҳоншиносии мардумони Машриқзамин саҳми босазое аз худ гузорад.

Афкори адабӣ, ирфонӣ ва фалсафии ин мутафаккир ва нависандаи ориф низ пеш аз ҳама дар кутуб ва рисолаҳои маъруфи ӯ чун «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Мактубот» ва «Рисолат-ут-туюр» таҷассум ёфтааст. Аз назари дигар, ношинохтагии ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиёти асримиёнагии тоҷик ва арзишҳои адабии ин ҳама таълифот дар назди мо вазифаҳоеро мегузорад, ки

бештару пештар ба ин таълифот руҷуъ намуда, пеш аз ҳама онҳоро дар сурати чандин навъи насри адабӣ ҳамчун маҳсули адабиёт баррасӣ намоем. Аз сӯи дигар, баррасии амиқи сабки нигориши ин осор, инчунин корбурди анвоъи шеърӣ дар таркиби таълифоти осори мансури вай гувоҳ бар онанд, ки Аҳмади Ғаззолӣ як нависандаи тавоноест, ки дар инкишофи насри классикии тоҷик хидмат кардааст. Фузун бар ин, ашъори таркиби осори насрии вай башорат аз он ҳам доранд, ки ӯ дар баробари таълифи асарҳои насрӣ дар эҷоди шеър ҳам таҷрибаҳои ҳунарӣ анҷом додааст, ки то кунун ин арзишҳои муҳими осори насрии ӯ ба риштаи таҳқиқ кашида нашудаанд. Баррасӣ ва таҳқиқи вежагиҳои сабкӣ, ҷанбаҳои поэтикии насри Аҳмади Ғаззолӣ, истифодаи шеър дар таркиби таълифоти насрии ӯ ба таври куллӣ ба мо имкон медиҳад, ки мақомашро дар рушди насри классикии форсу тоҷик муқаррар ва мушаххас намоем.

**Дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ.** Мусаллам аст, ки зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯзам ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ нашудааст ва шояд яке аз аввалин омили зуҳури чунин муаммо ба ҳуруфи сириллик нашр нагардидани осори ӯ маҳсуб шавад. Ҳарчанд муҳаққиқони таърихи афкори фалсафии тоҷик чун Кароматулло Олимов [157], Мусо Диноршоев [83], Нозир Арабзода [77], Нодир Одилов [158] ва дигарон бештар дар мавориди муайян ба ҷанбаҳои фалсафиву ахлоқии осори ӯ дар равиши корҳои илмии худ, ки ба мавзуоти дигаре ихтисос ёфтаанд, ишора кардаанд, аммо зуҳури чанд таҳқиқоти ҷудогонаи марбут ба афкори фалсафиву иҷтимоии ӯ ба даҳсолаҳои охир пайванд мегирад, ки ин амр бозкунандаи оғози тамоюли таҳқиқи мероси ин мутафаккир аз диди фалсафӣ ба шумор меравад. Муҳаққиқи тоҷик Амирхонов Ш. [138] дар рисолаи номзадӣ масъалаи ҷаҳонбинии ирфонӣ дар рисолаҳои Аҳмади Ғаззолиро ба риштаи таҳқиқ кашидааст, аммо бо ин ҳама тавре гуфта омад, таҳқиқи арзишҳои адабии осори адиб ва муҳимтар аз ҳама ҷойгоҳи вай дар рушди насри классикии форсу тоҷики асрҳои миёна ба дурустӣ ва ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Ин ҷо дар навбати аввал метавон аз баъзе пажӯҳишҳои анҷомдодаи академик Салимов Н., ки дар заминаи анҷоми баррасиҳое перомуни наср ва такомулу таҳаввули он дар адаби форсӣ-тоҷикӣ бо номи «Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик» (асрҳои IX-XIII) ишорат намуд, ки бахше аз ин китобро нақду баррасии насри сӯфия ба вуҷуд овардаааст. Дар ин асар, доир ба забон ва шеваи баёни рисолаҳои ирфонӣ ва ҳусну қубҳи онҳо, аз ҷумла «Савонеҳ-ул-ушшоқ»- и Аҳмади Ғаззолӣ андешаҳои хешро дар пайванд ба вазъи куллии рушди насри форсу тоҷик дар асрҳои миёна ва хусусиятҳои аслии сабки нигориши осори ин давра баён кардааст, ёдовар шуд [115].

Академик Салимов Н. қайд мекунад, ки «Аҳмади Ғаззолӣ низ дар такомули тасаввуф бо таълифи кутуби мухталифи хеш нақши банур гузоштааст. «Баҳр -ул- ҳақиқат» ва «Савонеҳ»-и ӯ аз намунаҳои барҷастаи осори мансури сӯфиёна ба шумор меоянд. Муҳтавои рисолаи «Баҳр -ул-ҳақиқат» дар мусофирати солик дар ҳафт баҳр ғунҷоиш ёфтааст. «Савонеҳ» низ аз ҷумлаи расоили геронбаҳои ирфонӣ шинохта шуда, бино ба қайди Аҳмади Муҷоҳид, он нахустин асарест, ки дар боби ишқ таълиф гардидааст ва сармашқи нависандагони баъдӣ қарор гирифтааст [115, 162].

Дар баробари ин, кори таҳқиқии махсус дар Тоҷикистон оид ба «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ рисолаи адабиётшинос Б.Мирсаидов «Тимсоли бадеии паррандагон дар назми ирфонии асрҳои миёна (асрҳои XI-XIII)» мебошад [93]. Дар ин китоб дар робита ба тадқиқи тимсоли туюр дар ҳамосаи миллӣ ва достонҳои рамзӣ-фалсафӣ барои исботи гуфтаҳои хеш аз достонҳои рамзиву фалсафии Ибни Сино, Сӯҳравардӣ, Аҳмади Ғазолӣ, Наҷмиддини Розӣ, Рӯзбеҳони Бақлӣ намунаҳо меоварад. Ба таъбири дигар, дар китоби мазкур маҷмӯан манзараи куллии омӯзиши рисолаҳои ирфонӣ оид ба «Рисолат-ут-туюр», мақому арзиши адабиву ирфонӣ ва таъсиргузории онро дар осори қаламкашон баррасӣ ва таҳқиқ шудааст.

Дар баробари ин, бори аввал матни китоби «Рисолат ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба кӯшиши адабиётшиноси ҷавон Иззатбек Шехимов бо

тавзеҳот бо хати криллӣ дар шумораи 3, соли 2015, фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ» рӯи чоп омад [28].

Таҳқиқу баррасии осори Аҳмади Ғаззолӣ, нашри китобҳои ӯ дар Ҷумҳурии Исломии Эрон бо кӯшиши Аҳмади Афлокӣ, Насруллоҳи Пурҷаводӣ, Ҳашматуллоҳи Риёзӣ, Муҷтабо Минавӣ, Аҳмади Тафаззулӣ, Шафеии Кадканӣ, Саид Абдулфотеҳ ва дигарон анҷом ёфтааст. Муҳаққиқони таърихи адабиёти форсӣ ва мероси сӯфия, чун Маликкушшуарои Баҳор, Забеҳулло Сафо, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Аҳмади Муҷоҳид ва аз шарқшиносони шуравӣ В.В.Браун, Е.Э.Бертелс, И.С.Брагинский дар раванди пажӯҳишоти худ ба зиндагинома ва мероси Аҳмади Ғаззолӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар иртибот бо масъалаҳои асосии пажӯҳиши хеш ба бархе аз самтҳои муайяни афкор ва осори ин мутафаккир таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки албатта ин мулоҳизоти эшон аз аҳамияти илмӣ холӣ намебошанд.

Тавре маълум мешавад, зиндагинома, осор ва ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ бештар аз сӯи донишмандон ва муҳаққиқони эронӣ сурат гирифтааст. Дар ибтидои қарни XX дар ин раҳгузар як зумра пажӯҳишоти муфиду ҷолиб ба муомилоти илмӣ ворид гардидаанд, ки аз тарафи донишмандони соҳибноме чун Насруллоҳи Пурҷаводӣ, Забеҳулло Сафо, Ҳусайнӣ Шамсулурафо ва дигарон сурат гирифта, дар онҳо муҳимтарин арзишҳои адабиву ирфонӣ ва фалсафии ин таълифот ба риштаи таҳқиқ гирифта шудаанд. Ин тарвиҷи корҳои пажӯҳишӣ дар Эрон пеш аз ҳама ба нуфузи тасҳеҳ ва нашри мукаррари мероси Аҳмади Ғаззолӣ марбут аст.

Аз тарафи донишманди соҳибном Насруллоҳи Пурҷаводӣ ва дигар муҳаққиқон нашри осори Аҳмади Ғаззолӣ ривоҷ пайдо кард. Хоса, тадқиқоти анҷомдодаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ роҷеъ ба рӯзгору осори Аҳмади Ғаззолӣ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ин муҳаққиқ баробар ба нашри осори Аҳмади Ғаззолӣ ба он пешгуфтори муфассал ва муҳаққиқонае навишта, аз ин роҳ хидматҳои боарзише дар баррасии ҷойгоҳи Аҳмади Ғаззолӣ дар адабиёти форсу тоҷик ва мақоми адабии осори гаронмояи ӯ ба анҷом расонид.

Ҳамзамон, барои шарҳу тавзеҳи матолибу мабоҳиси китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» талош варзида, ки бештарини онҳо арзиш ва аҳамияти адабиётшиносиро соҳиб мебошанд. Аз як нигоҳ ба муқаддимаи муҳаққиқона ва таълиқоту тавзеҳоти фозилонаи ӯ пайдост, ки асоси кор ин донишмандро шинохта, арзишҳои адабӣ, фикрӣ ва маърифати афкори фалсафиву ирфонии Аҳмади Ғаззолиро ба вуҷуд овардаст.

Бояд зикр кард, ки дар таҳқиқу шинохт ва ба таври комил дар дастрасии аҳли мутолиа қарор гирифтани мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ хидмати адабиётшиноси эронӣ Ҳашматуллоҳи Риёзӣ низ бузург аст. Ин марди донишманду фидоӣ бо меҳру ихлоси беандозае, ки ба эҷодиёти Аҳмади Ғаззолӣ даст дошт, дар натиҷаи фаро гирифтани тамоми нусахи мавҷудаи асари Аҳмади Ғаззолӣ бо номи «Рисолат-ут-туюр» ва «Савонеҳ-ул-ушшоқ», ки дар китобхонаҳои Эрону Туркия ва дигар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз буданд, ба таҳқиқу баррасӣ пардохт ва тамоми нусхаҳои ин асарро фароҳам овард. Хидмати беназири Ҳашматуллоҳи Риёзӣ дар ин асар худ баёнгари он аст, ки ӯ теъдоди зиёде аз нусхаҳои дигарро кор бурда, дар ин замина ба фароҳам овардани шакли комили китоби мазкур ва нигориши тавзеҳоту таъликоти шоистаи аҳамият бар он муваффақ гардид.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар такя ба ишороти адабиётшиносон – Ҳашматуллоҳи Риёзӣ, Тақии Тафаззулӣ, Саъид Абдулфаттоҳ, Шамсиддини Заҳабӣ, Бадеъуззамон Фурӯзонфар ва дигарон тамоми ашъори Аҳмади Ғаззолиро аз ғазалиёту рубоиёт то ашъори нотамоми ӯ ба муқобалаву қиёс гирифта, махсусан рисолаи «Савонеҳ»-ашро ба сурати комил бо риояти амонати илмӣ пешкаши хонандагон гардонид.

Дар баробари ин, роҷеъ ба таъсири афкори фалсафӣ ва ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба адабиёти форсу тоҷик, инчунин муқоисаи андешаҳои фалсафиву ирфонӣ ва ҷаҳоншиносии вай чанд рисола ва мақолаҳои илмӣ ба қалам омадаанд, ки аз ҷумлаи онҳо тадқиқоти доктор Ҳашматуллоҳи Риёзӣ зери унвони «Оёти ҳусн ва ишқ» мебошад [113]. Дар канори ин, аз мақолаҳои чанд тан аз пажӯҳишгарони дигари эронӣ, аз ҷумла

Ҳашматуллоҳи Озармакон ва Марзия Рабеӣ, ки зимни таълиф ва нашри дигар донишмандон аз Аҳмади Ғаззолӣ низ ёдовар шудаанд, ривоҷи рӯзафзуни таҳқиқи афкори ӯро ҳикоят мекунанд. Бахши дигари таҳқиқоти анҷомёфта дар заминаи китобҳои куллии адабиётшиносӣ, таърихи адабиёт ва амсоли ин сурат гирифтаанд, ки аз ҷумлаи онҳо мулоҳизоти судманди устод Забеҳулло Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» ба шумор меравад. Бо тақозои шеваҳои нигориши китобҳои таърихи адабиёт ин донишманманди эронӣ пеш аз ҳама ба баррасии шарҳи ҳол ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ пардохта, роҷеъ ба замони зиндагонии адиб, ҷавонӣ ва камолот, таърихи вафот ва арзишҳои адабиву илмии осори ӯ иттилоъ дода, дар баробари ин мулоҳизоти хешро оид ба ҳунари нависандагӣ ва сабки таълифи асарҳои адиб баён доштааст.

Бо ин ҳама, аз мутолеаи осори Аҳмади Ғаззолӣ равшан мегардад, ки асарҳои «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» дорои арзиш ва аҳамияти муҳими адабиву бадеӣ буда, ҳанӯз дар ин замина тадқиқоте лозима анҷом нашудааст. Хоса, масъалаҳои сабкшиносӣ ва ҷанбаҳои поэтикии ин осор, инчунин истифодаи ашъори фаровоне аз суханварони форсу тоҷик онро ҳамчун сарчашмаи адабӣ муаррифӣ мекунад, ки вуҷуди намунаҳои шеърии мазкур барои тасҳеҳи мутуни адабӣ метавонад истифода шавад. Баробари ин, ин ду асари бузург «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» барои нишон додани шахсияти Аҳмади Ғаззолӣ ба унвони як нафар шоири соҳибсухан хидмат карда метавонад, зеро аксари намунаҳои ашъори ӯ низ дар ин китобҳо бевосита ба кор рафта, ҳатто баъдан ба девон ва маҷмуаи ашъори шоирони дигар ворид шудаанд. Баррасии ашъори мавриди истифода дар осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ имконият медиҳад, ки пеш аз ҳама ашъори худи ӯро муқаррар ва дақиқ намоем, ки баъдан ба осори дигар суханварон ҳамроҳ шуда, бо номи эшон маъруфу машҳур гардидаанд. Дар канори ин, хоса дар адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба ҳолнома ва осори илмию адабӣ, махсусан забону сабки баёни китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва мақоми он дар таҳаввулу такомули насри ирфонӣ тадқиқоти хос сурат нагирифтааст. Аз ин

рӯ, таҳқиқу баррасии забон ва шеваи нигориш, арзиши адабию ирфонии китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» ва нақши Аҳмади Ғаззолӣ дар ривоҷи насри ирфонӣ, барои адабиётшиносии имрӯзаи тоҷикӣ муҳим ва муфид хоҳад буд, ки меҳварҳои аслии пажӯҳишии рисолаи моро ба вуҷуд овардааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи барномаи корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи филологияи арабӣ факултети забонҳои шарқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» таҳти унвони «Робитаҳои адабии арабу аҷам ва поэтикаи Шарқ» барои солҳои 2021-2025 иҷро шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади асосии таҳқиқи мазкур баҳсу баррасӣ роҷеъ ба зиндагинома ва мероси адабӣ, вежагиҳои насри ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ, таҳқиқ дар сабки нигориш ва мундариҷаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр», баррасии маҳорати адабии Аҳмади Ғаззолӣ мебошад. Барои расидан ба ҳадафҳои аслии таҳқиқ иҷрои вазифаҳои зерин зарур дониста мешавад:

**Вазифаҳои таҳқиқ.**

- Пажӯҳише дар авзои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии замони зиндагӣ ва таъсири он ба ташаккули шахсият ва эҷодиёти Аҳмади Ғаззолӣ;
- Баррасии вазъи куллии ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик ва мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар инкишофи он;
- Таҳқиқ ва тайъини ҷойгоҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти асри XII ва таъсири калом ва андешаҳои ӯ ба осори суханварон, донишмандон ва мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик.
- Баррасии мукаммали зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ бар асоси сарчашмаҳои таърихиву адабӣ, тазкираҳо ва дигар пажӯҳишоти дар ин замина анҷомёфта.

- Шинохти ҳунари нависандагии Аҳмади Ғаззолӣ бар асоси шеваи нигориши «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» ва дар ин замина анҷоми таҳқиқ роҷеъ ба таҷассуми афкори фалсафӣ ва ирфонии муаллифи асар дар намунаҳои насри классикии форсу тоҷик. Ба ибораи дигар таҳқиқи мақоми нависандагии Аҳмади Ғаззолӣ дар инъикоси афкори фалсафӣ ва ирфонӣ дар оинаи осори бадеӣ.

- Баррасӣ ва таҳқиқии мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар ташаккули шеъру ҳикмат, рушди наср дар забони форсии тоҷикӣ бар асоси асарҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр».

- Таҳқиқ дар маърифатшиносӣ ва мақоми маънавии Аҳмади Ғаззолӣ дар фарҳанг ва адабиёти форсу тоҷик.

- Омӯзиши вежагиҳои забон ва шеваи нигориш, корбасти санооти шеърӣ ва нақли ақволу латоиф дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ.

- Пажӯҳиши усулҳои истифодаи оёту аҳодис, ашъори форсию арабӣ ва амсолу ҳикам дар асари мавриди таҳқиқ.

- Баррасӣ ва шинохти ҷойгоҳи осори «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар қаламрави адабиёти форсии тоҷикӣ, хоса насри ирфонӣ.

- Таъсири сабки «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва ҷаҳоншиносии ӯ бар осори нависандагони асримиёнагӣ.

- Баррасии шарҳҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва аҳамияти адабии онҳо дар шинохти андешаву афкор ва назароти адиб;

- Таҳқиқи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ ба унвони сарчашмаҳои аслии шинохти ашъори ӯ,ки минбаъд аз номи шоирони дигари машҳур гардиданд;

- **Объекти таҳқиқи диссертатсияро** осори «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ташкил медиҳад.

**Предмети таҳқиқ** муайян кардани муҳимитарин хусусиятҳои сабкиву поэтикии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар заминаи масоили мавзуӣ, поэтикӣ, бадеӣ ва сабкии онҳо ба ҳисоб меравад.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Дар ҷараёни таълифи диссертатсия ба афкори назарӣ ва таҳқиқотии адабиётшиносону муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, амсоли Забеҳуллоҳ Сафо, Маликушшуаро Баҳор, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Ваҳиди Дастгардӣ, Муҷтабо Минавӣ, Шафеии Кадканӣ, Маҳмуди Футуҳӣ, Парвиз Нотили Хонларӣ, Сируси Шамисо, Аҳмади Тамимдорӣ, Сайид Ҷаъфари Саҷҷодӣ, Хоҷа Султонҳусайни Гунободӣ, Эдуард Браун, Евгений Эдуардович Бертелс, Иосиф Самуилович Брагинский, Михайловна Лариса Рейснер, Садриддин Айнӣ, Холиқ Мирзозода, Абдуғанӣ Мирзоев, Юрий Бобоев, Тӯрақул Зеҳнӣ, Баҳром Сирус, Расул Ҳодизода, Саҳобиддин Сиддиқов, Раҳим Мусулмониён, У.Каримов, С.Саъдиев, А.Афсаҳзод, Х.Шарифов, А.Алимардонов, Ҷ.Додалишоев, К.Олимов, Абдунабӣ Сатторзода, Абдулманнон Насриддинов, Носирҷон Салимӣ, Умеда Ғаффорова, М.Оқилова, М.Очилова ва дигарон такя карда шуд.

**Асосҳои методологии таҳқиқ**. Диссертатсия дар заминаи корбурди усулҳои муқоисавию таърихӣ, татбиқӣ, қиёсӣ-тавсифӣ, шарҳу тафсир, таҳлили сохторӣ, китобхонаӣ, оморӣ ва дигар равишҳои адабиётшиносии муосири тоҷик таълиф гардидааст.

**Сарчашмаи таҳқиқ.** Ба сифати манобеи таҳқиқ пеш аз ҳама осори Аҳмади Ғаззолӣ, махсусан, кутуби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр», ки дар Эрон ва Тоҷикистон нашр шудаанд, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Ҳамзамон дар ҷараёни таълифи диссертатсия аз Қуръони маҷид, аҳодиси набавӣ, «Кашф-ул-асрор»-и Усмони Ҳуҷвирӣ, «Тазкират-ул-авлиё»-и Шайх Аттор ва «Нафаҳот-ал-унс мин ҳазрот ил- қудс»-и Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ба ҳукми сарчашма баҳрабардорӣ шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот.** Дар рисола бори аввал рисолаҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун

намунаҳои барҷастаи насри ирфонии форсу тоҷик бо назардошти мазмуну мундариҷа, сохтор, банду баст, вижагиҳои адабиву ҳунарӣ, шеваҳои нигориш, қимати илмиву адабӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Бо такя бар арзишҳои адабиву ҳунарӣ ва мавзӯии ин осор мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар ташаккули насри форсу тоҷик баррасӣ шуда, осори мансури мавриди таҳқиқ чун сарчашмаҳои аслии шинохт ва дақиқ намудани ашъори мутааллиқ ба қалами худи ӯ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ, пеш аз ҳама бар асоси истифодаи сарчашмаҳои адабиву таърихии наздик ба замони ӯ, тазкираҳо ва осори дигар мавриди омӯзиш қарор мегирад, чун бештари маълумот дар бораи муаллифи асар дар таркиби ин навъ осор ҷой гирифтаанд, зеро то кунун ба таври мустақил дар адабиётшиносии тоҷик ин мавзуъ ба унвони масъалаи ҷудогона мавриди пажуҳиш қарор нагирифтааст.

2. Дар асоси мутолиаи осори Аҳмади Ғаззолӣ метавон муқаррар намуд, ки ӯ ҳам дар забони форсӣ ва ҳам дар забонӣ арабӣ таълифоте дорад, ки нақш ва ҷойгоҳашро дар густариши наср дар забонҳои форсиву тоҷикӣ ва арабӣ муқарррар месозанд. Ин амр баёнгари он аст, ки мақоми Аҳмади Ғаззолӣ дар ҷараёни таҳқиқ ҳамчун нависандаи соҳибнзар дар таълифи осоре арзишманд дар ду забон муаррифӣ мешавад, ки баробар ба ин саҳми ӯро дар ривоҷи насри арабӣ ва форсӣ бо сабку салиқаи хос мушаххас мегардонад.

3. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба унвони осори шомил дар навъи насри ирфонӣ-фалсафӣ буда, таҳқиқу баррасии он пеш аз ҳама барои шинохти сабку шеваи нигориши насри ирфонии адабиёти форсу тоҷик ва маърифати бадеии адабиёт нақши муҳим дорад. Аз ин рӯ, нақши ин адиб барои рушди шеваи нигориши насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик дар аҳди ӯ муҳим буда, барои ривоҷи ин шева ба ҳукми сарчашмаҳои муҳим хидмат кардааст.

4. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун осори дорои вижагиҳои адабӣ ва таълифоти ҷудогонаву мустақил дар

омӯзиши адабиёти гузаштаи форсу тоҷик ва маърифати насри форсӣ метавонад чун сарчашмаи муҳими адабӣ хидмат кунад. Истифодаи фаровони ашъори форсӣ аз суханварони қадим ва ҳамзамони хеш ин асарро ба унвони сарчашмаи адабӣ муаррифӣ кардааст, ки муқоисаи он бо мутуни аслии девони шуаро аз аҳамияти илмӣ холӣ нест. Сониян, дар ин китоб намунаҳои фаровони ашъори худи адиб низ истифода шудаанд, ки нақши онро дар муаррифии Аҳмади Ғаззолӣ на танҳо ҳамчун суханвар бозгӯӣ мекунанд, балки ба ҳукми сарчашмаҳои асосии ашъори худи ӯ хидмат мекунанд.

5. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз арзишҳои шоистаи адабӣ бархурдор буда, бо сабк ва шеваи нигориши хосае ба қалам омадааст, ки ин вежагиҳо пеш аз ҳама дар усули баён, корбурди фаровони саноеаи бадеӣ, аносири ҳунари нависандагӣ бозтоб ёфта, адибро дар баробари мутафаккир ва орифи соҳибназар будан, барои хонанда чун нависандаи чирадаст ва ҳунарвар ошно месозанд.

6. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» барои ташаккули адабиёти форсу тоҷик таъсири пурфайзе гузоштааст. Ба «Савонеҳ -ул-ушшоқ» навишта шудани 7 шарҳ, аз ҷумла як шарҳи манзум, ҳамзамон ду ҳикоят аз ин китобро ба назм даровардани Саноӣ дар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и хеш, инчунин дар истиқбол аз «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба қалам омадани силсилаи рисола ва осори манзум дар бораи парандагон, ки «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор аз ҷумлаи онҳост, нақши барҷастаи ҳар ду асари ӯро дар ташаккули адабиёти форсу тоҷик бозгӯӣ мекунад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** иборат аз он аст, ки натиҷаҳои бадастовардаи онро метавон дар таҳқиқу баррасии масоили гуногуни адабиётшиносӣ, аз ҷумла таърихи адабиёти асри XII, бавижа қисматҳои марбут бар таърихи насри форсу тоҷик, анвои адабӣ ва сохторшиносӣ,сарчашмашиносӣ, шарҳу тафсири осори манзур, матншиносии осори манзум ва мансур ва монанди ин мавриди истифода қарор дод. Таҳқиқоти диссертатсионӣ барои муҳаққиқоне, ки ба пажӯҳиши масоили

гуногуни адабиётшиносӣ оғоз менамоянд, маводи назарии фаровон дода метавонад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки маводи онро метавон дар таълифи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ оид ба таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, накди адабӣ, сабкшиносӣ, ҳамчунин, мақолаҳову диссертатсияҳои илмӣ ба ҳайси манбаъ истифода бурд. Натоиҷи бадастомадаи кор имкон дораад, ки зимни навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм ва магистрӣ, ҳамчунин, ҳангоми таълими курсу семинарҳои тахассусӣ дар омода намудани маводи лексионӣ мавриди истифода қарор бигиранд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзӯи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Фароҳам сохтан ва накду баррасии маводи фаровони адабиву илмӣ дар иртибот ба осори насрии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва дар ин замина бо далелҳои муътамади илмӣ ҳаллу фасл намудани масоили гуногуни марбут сабкшиносӣ, арзишҳои адабиву бадеӣ, истифодаи ашъор дар таркиби онҳо, таъсири ин китобҳои адиб ба ташаккули адабиёти форсу тоҷик саҳми шахсии муаллифро оид ба мавзӯи интихобнамудааш инъикос менамояд. Баргардони мутун, намунаҳои ашъори форсӣ ва тарҷума ашъор аз забони арабӣ ба худи муаллифи диссертатсия тааллуқ дорад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Мазмуну муҳтаво, масоил ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд» дар шакли гузоришҳои илмӣ баён гардида, мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи муштараки кафедраи филологияи араби

Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд» аз 9-уми декабри соли 2022 (протоколи № 6) муҳокима гардида, ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия**. Мазмуни асосии диссертатсия дар **12** мақолаи илмӣ баён гардидааст, ки аз ҷумлаи онҳо 4 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 11 фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат буда, дар маҷмуъ 168 саҳифаи стандартии компютериро дар бар мегирад.

## Боби I. Рӯзгор ва осори Аҳмади Ғаззолӣ

### I.1. Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмиву фарҳангии замони Аҳмади Ғаззолӣ

Замоне ки Аҳмади Ғаззолӣ дар он умр ба сар бурдааст, нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII-ро дар бар мегирад. Ин давра, агарчи аз нигоҳи авзои сиёсию иҷтимоӣ замони бисёр ҳассоси таърихӣ, даргириҳои байни қудратҳо, вазъи ноороми сиёсӣ ва хеле мураккаби иҷтимоӣ ба шумор меравад, аз назари теъдоди адибон, ташкили доираҳо ва мактабҳои бонуфузи адабӣ, тараққиёти адабиёт, густариши қаламрави адабиёт, инкишофи жанрҳои адабӣ, таҳаввули муҳтавоии адабиёт яке аз давраҳои муҳимми таърихи адабиёти форсу тоҷик маҳсуб мешавад. Дигаргуниҳое, ки дар ин давра дар адабиёт ба миён омаданд, аз бисёр ҷиҳат ба авзои сиёсию иҷтимоии замон бастагӣ доштанд. Ноороми дар авзои сиёсӣ ва дигаргуниҳои мафкуравии замони Аҳмади Ғаззолӣ, пеш аз ҳама, ба ихтилофу низоъҳо, ҷангҳои пай дар пай ва бардавоми сулолаҳои Ғазнавиёну Салҷуқиён ва бурду бохти онҳо вобастагии зиёд дошт. Паҳлуҳои гуногуни мавзӯи мазкур ба таври умумӣ дар осори бархе аз муҳаққиқони кишварҳои Шарқу Ғарб инъикос гардидааст. Аз ин миён, метавон аз муҳаққиқони хориҷӣ Забеҳуллоҳи Сафо [116, 10-21], Бадеуззамони Фурӯзонфар [129, 141-149], Бадавӣ Абдураҳмон [79, 156-158], Қосим Ғанӣ [81, 65-66] ва аз пажӯҳишгарони давраи шӯравӣ Е.Э. Бертельс [141, 170-172], И.С. Брагинский (143, 123-125), Б. Ғафуров [30, 529-531], И. П. Петрушовский [160, 231] ва дигаронро ном бурд, ки дар омӯзиши авзои сиёсию иҷтимоии замони мавриди назар ба суратҳои гуногун саҳми шоиста гузоштаанд.

Бо таваҷҷуҳ ба ахбори сарчашмаҳои таърихиву адабӣ ва корҳои тадқиқотии муаллифони муосир масъалаҳои муҳими марбут ба вазъияти сиёсию иҷтимоӣ ва омилҳои таъсири он ба адабиёти даврро ба таври хеле муъҷаз баррасӣ менамоем. Шароити сиёсӣ-иҷтимоӣ на танҳо ба шакл, балки ба мундариҷаи адабиёт, таъсири мустақим дошт. Бинобар ин, таваҷҷуҳ ба вазъи таърихӣ аҳамияти муҳим дорад. Мавриди назари мо воқеаҳои замони

ҳукмронии Султон Масъуди Ғазнавӣ ва Султон Санҷар мебошад. Салҷуқиён империяи бузурги худро бо номи «Давлати бузурги Салҷуқиён» барпо карданд, ки то соҳили баҳри Миёназамин доман паҳн карда буд. Дар адабиёти илмию тадқиқотӣ оид ба сабабу омилҳои ғалабаи қатъии Салҷуқиён ва пойдор гардидани давлати онҳо фикру ақидаҳои гуногун ва гоҳо ба ҳам мухолиф баён карда шудаанд. Аз ҷумла, Бертельс ва пайравони ӯ тавфиқи Салҷуқиёнро дар истифодаи онҳо аз миёнаравии шайхони бузурги тасаввуф бо ҳокимони маҳаллӣ марбут донистаанд [141, 170-172].

Дигар аз далоили аслии пирӯзии ақвоми кӯчнишин он буд, ки дар дохили давлатҳои маҳаллӣ ва байни қишри лашкариён ваҳдату ҳамоҳангӣ ва ҳамбастагӣ вуҷуд надошт, балки онҳо баръакс муқобили якдигар бархоста буданд, худашонро заиф, кишварро пароканда ва мардуми заҳматкашро шадидан истисмор ва ғорат мекарданду ононро алайҳи худ бармеангехтанд ва ба ин равиш заминаи пирӯзиро барои истилогарон, бидуни вобастагӣ ба сатҳи фарҳанг ва теъдоди лашкариёни онон, фароҳам менамуданд. Нерӯ ва қудрати истилогарон, ки сабаби комёбӣ ва пирӯзии онҳо мегашт. Онҳо дар даврони ҳуҷуми худ муттаҳид буданд ва ба сурати муташаккил ва осудахотир амал менамуданду дар миёнашон мухолифатҳо ва тазодҳое, ки дар миёни душманонашон ва сипас дар байни худашон низ падид омад, ҳанӯз вуҷуд надошт. Мавриди зикр аст, ки дар дохили давлате ва ё халқе ваҳдату ҳамоҳангӣ, итминон вуҷуд надошта бошад, ба он давлату халқ метавон ба осонӣ ғалаба ва онро нобуд кард, ки ин ба вазъи шоҳ Масъуд бисёр мувофиқ аст. Дар ҳокимияти вай ҳамоҳангӣ ва итминон вуҷуд надошт ва бар замми ин, маъмурони давлатиаш аз оммаи заҳматкаши кишоварзон, касабакорон ва тоҷирон хироҷу андозҳои гарон меситониданд. Чунин муомила норозигии халқро нисбат ба Султон Масъуд торафт меафзуд. Ба ҳар сурат шаҳри Ғазнин дар он замон маркази навине барои равнақи улум ва адабиёт табдил ёфта буд. Султон Маҳмуд донишмандону шоиронро ба дорулмулки худ ҷалб мекард. Кори Маҳмудро Масъуд низ давом дод, дорулкутуби Султон Алоуддавла Абӯсаъд Масъуди савуми Ғазнавӣ дар Ғазнин ба дараҷоти бештар аз

китобхонаи Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ аҳамият дошт Б. Ғафуров [30, 421-422]. Подшоҳи мазкур бар расми падар ва шоҳзодагони Ғазнавӣ шуароро сила мебахшид ва бо ин амал шоиронро ба дарбори хеш ҷалб менамуд Б. Ғафуров [30, 529-531].

Дар таърихи сиёсӣ ва иҷтимоию мадании Хуросони Бузург ва умуман қаламрави васеи зисти мардуми эронитабор шаҳри Ҳирот ҷойгоҳу эътибори хеле азим доштааст. Бисёре аз воқеаҳои бузурги сиёсӣ ва фарҳангие, ки дар рӯзгори форсизабонон аз ҳар ҷиҳат гардишу тағйирот ба вуҷуд овардааст, дар ҳамин шаҳр ба вуқӯъ пайвастааст. Заминагузори асосии сулолаи Ғазнавиён – Сабуктегин нахуст дар шаҳри мазкур ба истиқлол расид, инчунин, амирони Салҷуқӣ, Ғурӣ ва Оли Карт низ футӯҳоти худро аз ҳамин шаҳр оғоз карда буданд. Муставфӣ дар «Таърихи гузида» чунин меорад, ки дар тамоми Хуросону Мовароуннаҳр шаҳре ба бузургӣ, ба монанди Ҳирот, ёфт намешавад. Ҳирот анбори атмаъа ва колоҳои тиҷоратии Эрон ва Хуросон аст [40, 271]. Китобхонаи подшоҳии Ғазнин махзанеро мемонд, ки дар он анвои кутуб, расоил, луғат, китобҳои тафсиру ҳадису фиқҳ, таълифоти чоргонаи мазоҳиб, ҳикмату калом, ирфону нуҷум, риёзию таъриху қасас ва девонҳои шоирони араб маҳфуз буданд. Амирони донишдӯсте дошт, ки китобҳоро ба ин махзан аз ҳар ҷой ҷамъоварӣ менамуданд ва бахше аз кори худро ба китобхона ихтисос дода буданд. Дар ҳақиқат, Ғазнин дар даврони Баҳромшоҳ маркази аҳли фазл шуда буд. Ба қавли Б. Ғафуров тарбияти фирқаи шоиронро аз ин подшоҳ беҳтар касе накардааст [30, 421-422]. Муҳимтарин падидаи адабии ҷолибе, ки дар аҳди Баҳромшоҳ ба вуқӯъ пайваст, бунёди шеъри ахлоқӣ ва тасаввуфӣ мебошад. Китоби «Калила ва Димна»-ро дар аҳди подшоҳи мазкур Ҳамидаддин Абулмаолии Насруллоҳ аз арабӣ ба форсӣ тарҷума карда, ба номи Баҳромшоҳ пардохт. Ҳаким Саноӣ, ки аз қайди алоиқи дунявӣ ба куллӣ раста буд, китоби «Ҳадиқа»-ро ба номи Баҳромшоҳ таълиф кард [30, 421-422]. Маълум мегардад, ки дар ин даврон донишмандони зиёде зуҳур кардаанд. Толибилмон барои истифода аз дарси имом Абулфазл Рукнидин Абдураҳмони Кирмонӣ, ки ситораи Шарқ ба

шумор рафта, бар ҳамзамони худ пешӣ дошт, аз дигар нукот ба наздаш меомаданд. Саҳми вазири хирадманди Салҷуқиён – Низомулмулк дар муътадилии вазъи сиёсию иҷтимоии замон бениҳоят бузург аст. Вай намегузоштааст, то ки низомиён дар корҳои идорӣ дахолат намоянд, дар сурате ки чунин дахолатро дар даврони салтанати Султон Санҷар ба хубӣ мушоҳида менамоем. Дар аҳди Низомулмулк камтар иҷозаи чунин зиёдаравиҳое ба аносири низомӣ дода мешуд ва иқтидори ин гуруҳ дар маҳдудаи хоси худашон буд. Низомулмулк дар чандин шаҳрҳо «масоҷиду мадорис барои туллоб ва боғоту китобхонаҳо кушода буд» [30, 421-422].

Дар давраи футуҳоти Салҷуқиён ва талоши онон барои барпо мондан, ки нооромиҳои зиёдеро дар пай дошт, бо вуҷуди ин, вазъи илму адаб дар Хуросон мувофиқ ба сиёсати он замон ба таҳаввулот дучор шуда, ҳавзаҳои муҳими эҷодӣ ташкил шуданд. Салотини Салҷуқӣ барои шукӯҳу шаҳомати дарбори хеш ва салтанаташон шоиронро аз гӯшаю канор ба дарбори худ ҷалб намуда, дар шаҳрҳои бузург барои толибилмон ва ташнагони баҳри илм мадрасаҳо бино намуданд ва инро барои худ ифтихор дониста, чунин иқдомотро барои хидмат ба дин, барои аҷру подоши ухравӣ ва ҷиҳати таҳкими мақоми иҷтимоии хеш анҷом медоданд. Дар натиҷа, илму дониш ҳам пешрафт карда, шеъру шоирӣ равнақ ёфт. Забеҳулло Сафо дар китоби худ «Таърихи адабиёт дар Эрон» бар он назар аст, ки «доштани мардони фозил ва нависандаву шоиронро дар дастгоҳи худ аз ҷумлаи лавозими раёсат медонистанд ва бинобар расме, ки дар тамаддуни исломӣ ҷараён дошт, ҳар як мекӯшиданд, ки дастгоҳи онон аз ин ҳайс бар дастгоҳҳои дигарон бартарӣ дошта бошад» [116, 677]. Ба ин минвол ҳам шуҳрати дастгоҳҳои хешро нигоҳ медоштанд ва ҳам василаи ташвиқ ба омӯхтани илмҳо мегардиданд ва шоирону нависандагони зиёде дар дастгоҳҳои эшон ҷамъ омада буданд, ки шуморашон кори ниҳоят душвор аст. Дар кушодани ҳавзаҳои дарсӣ, бунёди китобхонаҳо ва пуштибонии аҳли илму адаб ташаббусҳо ва саҳми вазири донишманд ва сиёсатмадори ин давра Хоҷа Низомулмулк бузург аст. Далели ин гуфтаҳо бунёди мадрасаҳои «Низомия» мебошад, ки дар дигар шаҳрҳо низ

ба шарафи номи Низомулмулк таъсис ёфта буданд. Аз ҷумла, дар шаҳрҳои Бағдод, Омул, Басра, Исфаҳон ва Балх бо маслиҳат ва дастгирии ин Хоҷаи хайрандеш мадорис бино карда шуд, ки беҳтарин шахсиятҳо аз ин мадрасаҳо сар баровarda ва ба авҷи камол расиданд. Аз ҷумла, Аҳмади Ғаззолӣ низ таҳсилкардаи мадрасаи Низомияи Ҳирот мебошад. Иқдоми наҷиби дигари ин Хоҷаи бузург он буд, ки барои толибилмон дар мадрасаҳо идрорпулӣ таъйин намуд, ки ин низ барои пешрафти илму адаб саҳми басо бузург ба шумор мерафт. Ба қавли Забеҳуллоҳи Сафо, чунин тартиби кор ва шароити хуб фароҳам овардан ба толибилм бори нахуст аз тарафи ин Хоҷаи бузург ба миён омадааст (116, 235). Бузургтарин донишмандони ин давра Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (ваф.1111) ва машҳуртарин шоири он рӯзгор Авҳадуддин Анварии Абевардӣ (1105-1187) аз мадрасаи «Низомия»-и Нишопур бархостаанд. Рашидаддини Ватвот (1090-1183) адиб ва ходими сиёсии он замон «Низомия»-и Балхро хатм кардааст. Самъонӣ (ваф.484/1091), фақеҳи бузурги шофеӣ, Абулқосим Исмоил ибни Абӯалии Байҳақӣ (ваф.512/1118) ва бисёр олимони дигар дар мадрасаи «Низомия»-и Марв таҳсил кардаанд [116, 242].

Бузургтарин донишмандон, бародарон Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ (ваф. 1111) ва Аҳмади Ғаззолӣ – бо Султон Санҷар муосир буданд ва дар назди бузургони ин дудмон мақоми хоса доштанду мавриди эҳтироми онҳо қарор гирифта буданд. Таъсири андешаҳои ин донишмандон ба муҳити фикрии замон ниҳоят зиёд ба чашм мерасид. Ғаззолӣ ҳамаи ашколи маърифати инсониро дар шинохти ҳақоиқи динӣ истифода бурда, бо равиши таҳқиқии хеш таконе ҷиддӣ ба улуми исломӣ бахшид. Таваҷҷӯҳи Ғаззолӣ ба эҳёи улуми динӣ маҳз бо ҳаводиси замони ӯ, тезу тундшавии муборизаи байни фирқаҳои исломӣ, дар айни замон пешравии илм ва васеъ шудани доманаи баҳсҳои фиқҳию илмӣ алоқаманд аст. Вай, чунонки аз ахбори сарчашмаҳо ва гуфтаи муҳаққиқон бармеояд, ҳамчун Носири Хусрав ва Саноӣ дар марзи чиҳилсолагӣ ба худ омад ва дарёфт, ки дар зиндагӣ бероҳа меравад, бинобар ин, ба таълифи китобҳо барои дарёфт ва муждаҳои

умедбахши ухравӣ мепардозад. Беҳуда нест, ки донишмандон перомуни дар охирҳои умр ба таълифоти бузург пардохтани ӯ сухан карда буданд. Аз ҷумла, Шамсиддин Заҳабӣ овардааст, ки «Аз мардум махфӣ шуд ва ба таҳзиб ва тасфияи нафс машғул шуд. Даҳ сол дар Байтулмуқаддас дур аз чашми ошноён ба худ пардохт. Дар ҳамон вақт ба ирфон ва тасаввуф гароид ва дигар то охири умр зери бори мансаб нарафт» [31, 197]. Бисёре аз бузургони илму фалсафа, ба монанди Абдулфаттоҳ Тоҷуддин Муҳаммади Шаҳристонӣ (ваф. 1159), Шаҳобиддин Яҳёи Суҳравардӣ (ваф. 1191), Муҳаммад Фахриддини Розӣ ва дигарон аз осори ӯ илҳоми тоза гирифта, фалсафаву каломро сайқал доданд. Донишманди бузург Умари Хайёми Нишопурӣ (1048-1132), ки дар замонааш дар риёзату нуҷум истеъдоди фавқулода дошту ягонаи замони хеш буд ва аз вай осори гаронбаҳое ба мерос мондааст, файласуфи машҳур Абулбаракоти Бағдодӣ (ваф. 1152), соҳиби «Китоб-ут-тафсир», ки онро дар тафсири «Китоб-ун-нафс»-и Арасту таълиф намудааст, Абулҳасани Байҳақӣ (ваф. 1169), ки ӯро бо лақаби «Фариди Хуросон» мехонданду дар аксари анвои улуми ақлӣ даст дошт, парваришёфтагони мактабҳои илмии аҳди мавриди назар ҳастанд. Абулҳасани Байҳақӣ китоби «Ҷавомеи аҳком-ан-нуҷум»- ро доир ба риёзат бо забони форсӣ таълиф намудааст. Дар илми тиб китоби «Захирии Хорамзшоҳӣ» (иборат аз 12 - ҷилд) ба форсӣ таълиф шудааст, ки ба қалами Саид Исмоили Ҷурҷонӣ тааллуқ дорад. Дигар аз мутакаллимони ин аср Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1088) аст, ки «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин» ва «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-ро дар каломи мазҳаби исмоилия таълиф намудааст [44, 566]. Дар ин давра Низомулмулк Маликшоҳи Салҷуқӣ дастур медиҳад, то ки дар Исфаҳон расадхона бино кунанд. Дар ин расадхона бузургтарин мунаҷҷимону ҳайатшиносон ва риёзидонони замон, ба монанди Абдурраҳмони Хозинӣ, Абӯҳотам Музаффари Исфизорӣ, Ибни Наҷиби Воситӣ ва Абулаббос Лӯкарии Марвазӣ бо сарварии Умари Хайём ба кор ҷалб карда шуданд. Онҳо баислоҳу такмили солшумории шамсӣ машғул шуданд ва мақсадашон ба вуҷуд овардани «Тақвими Ҷалолӣ» буд, аммо бо фавти шоҳ Маликшоҳ ин кор

нотамом монд ва онро баъдтар шогирди Умари Хайём – Абдурраҳмони Хозинӣ ба итмом расонида, бо номи «Зичи Санҷарӣ» ба шоҳ Санҷар бахшид. Ин дастовард баёнгари тараққии улуми ақлӣ дар он замон мебошад. Дар аҳди мавриди пажуҳиши мо улуми шаръӣ беш аз ҳарвақтаривоҷу равнақи босазое дошт. Доир ба илмҳои қироат, тафсир, ҳадис, фиқҳ, калом ва амсоли инҳо китобҳои зиёде таълиф шуданд. Муфассирони бузурги ин давра Абӯбакри Байҳақӣ (ваф. 1065), Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Арабӣ (ваф. 1148) ва Абулҳасан Алии Табарӣ (ваф. 1120) мебошанд. Аз ҷумлаи тафсирҳои машҳур, ки ҷанбаи каломию ҳикамиашон пурзӯр буда, дар ҳамин давра таълиф шудаанд, «Мафотеҳул-асрор ва масобеҳ-ул-аброр»-и Абулфатҳи Шаҳристонӣ (ваф. 1153) ва «Тафсири кабир»-и Имом Фахри Розӣ (ваф. 1205) мебошанд.

Азбаски Салҷуқиҳо ва Низомулмулк аз аҳли суннат буданд, дар рӯзгори онҳо фиқҳи аҳли суннат ва ҷамоат хеле пеш рафт, ки аксаран дар доираи ду мазҳаб: мазҳаби Абӯҳанифа ва Имом Шофеӣ таҳқиқу андешаҳои илмӣ ривоҷ пайдо карданд. Улуми балоғӣ низ дар давраи Салҷуқиён хеле пеш рафт ва бузургтарин донишманди ин аҳд дар ин фан Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ (ваф. 1081) мебошад, ки ду китоби ӯ: «Асрор-ул-балоға» ва «Далоил-ул-эъҷоз» нахустин китобҳои нисбатан мукаммал оид ба маонӣ ва баён дар таърихи адабиёти Шарқ ба шумор мераванд. Аллома Замахшарӣ низ китобе бо номи «Асос-ул-балоғат» таълиф намудааст. Таълифи асарҳои «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»- и Рашидуддин Муҳаммади Ватвот, «Чаҳор мақола»- и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Лубоб-ул-албоб»- и Муҳаммад Авфии Бухороӣ ва чанде дигар, аз як тараф, намунаи каломи балеғи мансури ин қарнро бозгӯ кунад, аз тарафи дигар, оид ба шинохти шеър ва адабиётшиносӣ зарурати донистани илмҳои гуногун ва аҳамияти онҳо дар ҳаёти инсонӣ басо зарурӣ маҳсуб меёбанд. Донишмандони ин аҳд оид ба улуми адабӣ таълифоте бо забони форсӣ намуданд, ки машҳуртарини онҳо «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ (охири асри ёздаҳ) мебошад, ки шомили мавзӯоти маонӣ, баён ва бадеъро фарогиранда буда, таълифоти

чунин асар гувоҳ бар он аст, ки дар давраи мавриди омӯзиши мо инкишофи назму насри бадеӣ бо забони форсӣ пешрафт пайдо карда буд. Асари мазкур ба ҷуз қиммати илмӣ доштанаш, инчунин, аҳамияти бадеиро низ доро мебошад, зеро муаллиф аз асарҳои як зумра адибони гузашта ба тариқи намуна мисолҳо овардааст, ки асли он асарҳо то имрӯз боқӣ намондаанд. Дар мавриди вазъи шеъру шоирӣ бояд гуфт, ки рӯзгори Султон Санҷар давраи дуввуми тараққии шеъру шоирӣ маҳсуб меёбад. Чунонки қаблан зикр шуд, Санҷар тоҷдори фозил ва шеършиносу шеърпарвар буд. Илму адаб ва ҳунарҳои зеборо дӯст медошт. Хуш дошт, ки устодони сухан паҳлӯяш бошанд ва дар мадҳаш чакомаҳои ғаррое бигӯянд. Тарбияти ин фирқаро беҳтар аз ӯ касе накардааст [75, 108].

Шоири номдори давраи омӯзиши мо Ҳаким Саноии Ғазнавӣ (1075-1135), ки дар маркази қудрати Ғазнавиён, яъне Ғазна зиндагӣ мекард, бо офаридани осори гаронбаҳо адабиёти тасаввуфиро ба марҳалаи такомул расонид ва дар ин шева пешгоми шайх Аттор (1144-1222) ва Мавлои Рум (1207-1274) гардид. Саноӣ дар баёни мазомини тасаввуфӣ шеваи тозаеро падид овард. Бузургоне, чун Низомӣ (1141-1209) дар «Махзан-ул-асрор» ва Аттору Мавлавӣ дар маснавиҳои ҳикамӣ ва ирфонии худ дунболи кори ин устодро гирифта, равиши ӯро бо тағйирҳо ва ибтикороти хеш такмил карданд.

Адабиёти асрҳои Х1-ХП дар муқоиса бо адвори гузаштаи адабу фарҳанги тоҷику форс аз ҷиҳати пуробурангӣ фарогирӣ ва вусъати анвоъу ашколи шеърӣ, мазмун ва мундариҷа ва соири хасоиси ҳунарӣ давраи хеле сермаҳсул ба ҳисоб меравад.

Дар асрҳои Х1-ХП адабиёт ба забони форсӣ-тоҷикӣ нисбат ба давраҳои гузашта хеле инкишоф ёфт. Давлати Ғазнавиён дар нимаи дуюми асри Х1 нуфузи худро дар хоки Хуросон тамоман аз даст дода, барои вусъати мамлакатдорӣ дар хоки Ҳинд ҳаракат намуд. Дар Мовароуннаҳр, асосан Қарахониён ҳокимият доштанд ва баъдтар Қарохитоиҳо ҷойнишини онҳо шуданд. Дар Хуросон бошад, сулолаи Салҷуқиён мустаҳкам шуд. Онҳо

баъдан Хорамз, Эрони Ғарбию Озарбойҷонро низ зери султаи хеш қарор додаанд, ки ниҳоят дар Осиёи Сағир низ давлате бо номи Салҷуқиёни Рум ба вуҷуд омад. Тадриҷан, баъди иртиҳоли Султон Санҷар Хорамзшоҳиён истиқлолият ёфтанд ва дар охири асри Х11 ҳокимияти худро то Эрони Ғарбӣ густариш доданд. Бидуни ин дар асри Х11 дар маркази Афғонистони имрӯза давлати Ғуриён сар бардошт. Дар кулли ин давлатҳо забони давлатию муросилот арабӣ ва баъди он форсӣ- тоҷикӣ буд. Қисми зиёди хидматгорону маъмурони дарборҳо аз мардуми маҳаллӣ буданд ва онҳо бо вуҷуди табдили сулолаҳо русуму забону маданияти аҷдодиро нигоҳ медоштанд. Доираи тасарруфи сулолаҳои мазкур васеътар гардида, забону адабиёт ва маданият ҳам дар сарзаминҳои дигар доман паҳн мекард.

Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри Х1 ва аввали асри ХП дар маркази сиёсии Ғазнавиён - Ғазнин ва Лоҳур инкишоф ёфтааст. Дар нимаи дуюми асри Х1 дар Лоҳур доираи адабие ташкил ёфт, ки Сайидӣ, Хатиб, Ато ибни Яъқуб, Абулфараҷи Рунӣ, Саъди Салмон барин адибонро муттаҳид карда буд. Доираи адабии Ғазнин бо исмҳои Мухторӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Саноӣ, Имодӣ, Рошидӣ барин суханварон дар нимаи дуюми асри Х1 ифтихор мекард.

Дар асрҳои Х1-ХП адабиёт гарчанде дар доираҳои адабӣ бештар нашъунамо меёфт, вале гурӯҳи муайяни шоироне, мисли Саноӣ, Аттор, Низомӣ берун аз доираи дарбор фаъолияту эҷод мекарданд ва ба дарбор куллан муносибат надоштанд.

Шоирони ин давр шахсиятҳои барҷастаи адабӣ буда, услуби хосе доштанд ва дар таърихи адабиёт ба эътибори мавзуъ, тозагии масоили эҷодӣ, сабки сухан, ғояи иҷтимоӣ нақши муҳиме гузоштанд. Чунончӣ, Абӯсаиди Абулхайр дар рубоӣ, Бобо Тоҳир дар дубайтӣ, Саноӣ ва Аттор дар маснавиёти ирфонӣ, Ансорӣ дар насри мусаҷҷаъ ба қуллаи баланди эҷодиёт расида, барои адабиёти асрҳои баъдина намунаи шоёни ибрату пайравӣ ва тақлид буданд.

Мундаричаи адабиёт монанди даврахои собиқа танхо аз мадҳ, ҳиҷо, тасвиру тавсиф, ишқ, панду насиҳат иборат набуда, балки ҷомаи нав пӯшид. Мавзӯҳои зӯҳду ирфон, танқиду шикоят, панду ахлоқи мазҳабию фалсафӣ ба адабиёт бештар ворид гардиданд, ки инҳо бевосита дар зери таъсири тасаввуфу ирфон сурат гирифтанд.

Адабиёти асрҳои Х1-ХП аз нигоҳи сабку тасвир низ қобили таваҷҷуҳ аст. Бо вуҷуди риоя шудани соданависӣ ва тарзи реалистии тасвир, ки хусусиятҳои намоёни сабки роиҷи нимаи аввали асри Х1, яъне сабки хуросонӣ буд, шеър ниҳоят суфта гардида, ноҳамвориҳои лафзӣ, дуруштиҳои байн ва сактаҳои вазнии он тамоман аз байн бардошта шуданд. Вале аз нимаи дуюми асри Х1 ва давоми асри ХП сабки ироқӣ ҳокими назм мегардад. Истифодаи истилоҳоту мафҳумҳои илмию мазҳабӣ дар шеър бештар гардид. Умқи фикру андешаи суханварон амиқтар гардида, адибон дар харҷи ҳунарии санъати шоирӣ саховати беш нишон медоданд. Ҷои тасвирҳои содаю табиӣ ва ҳолатҳои воқеиро баёни хаёлангез ва гоҳо мафҳуми шоирони мушкилписанд ишғол карданд. Баъзе аз муҳаққиқон сабки ашъори ин давраро сабки байнобайн гуфтаанд, яъне шеъри шуарои ин давра хусусиятҳои ҳар ду сабк – хуросонӣ ва ироқиро дар худ ғунҷонида буд.

Навъҳои шеър дар адабиёти асрҳои Х1-ХП асосан ҳамонҳоянд, ки дар асри Х буданд, вале аз ҷиҳати миқдору сифат ва доираи мавзӯот дар онҳо дигаргуниҳои зиёде рӯй додааст. Пеш аз ҳама аз нигоҳи мавзуъ маснавӣ таҳаввули азимеро аз сар гузаронд. Таълифи маснавиҳои бузурги ирфонӣ маҳз дар ҳамин давра шурӯъ гардид. Аввалин маснавиҳои ирфонӣ асарҳои Саноии Ғазнавӣ буданд: «Ҳадиқат-ул-ҳақиқат», «Сайр-ул-ибод-ил-маод», «Ақлнома». Баъдан ин тарзро Аттор дар маснавиҳои «Мантиқуттайр», «Ақлнома», «Ишқнома», «Мусибатнома», «Хусравнома» ва Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» идома доданд. Ҷиҳати ҷолиби маснавиҳои ирфонӣ иқтибоси ниҳоят фаровони достон, масал, ҳикоя ва ниҳоят ривоятҳо мебошад, ки ба сабаби шарҳи матолиби ирфонӣ омаданашон маънои рамзию тамсилӣ гирифтанд.

Шоирони мутасаввиф аз қабили Саноию Аттор қасидаро воситаи ифодаи мазмуну маънихои мазҳабию пандуахлоқӣ сохтанд. Аввалин ашхосе, ки арзиши қасидаи мадҳиро ҳеҷ донистанд, аз ҷумлаи суфиён буданд.

Агарчӣ ғазал ҳам собиқан ривоҷ дошт, вале фақат дар асрҳои Х1-ХП тахассус пайдо карда, дар девони шоирон мавқеи намоёне ишғол намуд. Чунончӣ, дар девони Саноӣ 376 ва дар девони Аттор 758 (17) ғазал ҷой гирифтаанд. Афзудани миқдори ғазал ба мавзӯю мундариҷаи он ҳам бетаъсир намонд. Мавзӯи баҳси ғазал масъалаҳои зӯҳду тақво, ирфон ва ишқ ба вуҷуд овардааст. Дар ғазали ин давра фарқ миёни ғазали ишқӣ ва тасаввуфӣ ошкортар аст, яъне дар ғазали ошиқона таъбироту ифодаҳои тасаввуфӣ ба чашм намерасиданд. Дар ғазалҳои тасаввуфӣ бошанд истилоҳҳои хоси сӯфиён ворид гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки ҳеҷ сабке бидуни рӯ ба рӯ шудан бо авомили мухталиф, худ ба худ якбора ба тағйиру табдили назаррас мувоҷеҳ намешавад. Ҳатман байни сабкҳо як давраи интиқол вуҷуд дорад, ки дар он омилҳои тадриҷии сабки баъдӣ рӯи кор меояд. Ин давра тақрибан ним қарн буда, бо хусусиятҳои фарққунандаи хеш мақоми байнобайниро иҷро менамояд. Насри байнобайн ҳамин гуна наср аст, ки ҳамчун пуле байни насри мурсали қабл аз худ ва насри фаннии пас аз хеш қарор гирифтааст. Насри давраи миёна ва поёнии аҳди Ғазнавиён бо тағйироте рӯ ба рӯ шуд, ки бо он аз насри аҳди Сомониён тафовут мекард. Ин нукта омилҳои хоси худро дорад.

Бар аҳли дониш равшан аст, ки ислом аз Ҳиҷоз ба хоки мардуми форс дар замони хилофати Умар (р) ворид гардид. Пас аз ин давра, то солҳои зиёди баъдӣ шаҳрҳои мухталифи ин сарзамин бо ин ойини тавҳидӣ ошно гардидаанд. Чун паёмҳои ин ойин бо забони арабӣ буд, забони ин миллат аз таъсири он дар канор намонд.

Дар аҳди Сомониён Бухоро марказ буд. Хуросону Мовароуннаҳр ҳама дар зери фармони он нуқта қарор доштанд. Подшоҳони сомонӣ ба тарвиҷи забону фарҳанги миллии худ таваҷҷӯҳи хоса нишон медоданд. Аз ин сабаб

бар мулки худ андешаи мазкурро сурати ом бахшида буданд. Аз сӯи дигар ин марказ то ҷое аз пойтахти хилофат дар канор буд. Ҳамчунин дабирону муншиён аз услуби нигориши қадимаи миллати хеш комилан ҷудо нагардида буданд. Ба сабаби авомили ёдшуда, дар аҳди Сомониён насри арабӣ бар насри форсӣ ба тариқи ошкоро ва чашмгир таъсир нагузошт.

Дар аҳди Ғазнавиён алоқаи Хуросон бо маркази хилофат - Бағдод қавӣ бигардид. Дар оғоз дар дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ девони расоил ба забони форсӣ буд, аммо пас аз муддате тамоми он ба забонӣ арабӣ баргашта, сарварии он ба ӯҳдаи Аҳмад ибни Ҳасан гузошта шуд. Ба ин васила суханварони арабидон дар девону идороти ҳукуматӣ рӯи кор омаданду оҳиста- оҳиста таъсири забони арабӣ ба забони форсӣ намоёнтар гардид.

Махсусан, дар даврони ҳукумати писарони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ - Муҳаммад ва Масъуд ин ҷараён бештар нуфуз пайдо намуд. Писарони Маҳмуди Ғазнавӣ ҳарду аз адабиёти арабӣ ошноии хуб доштанд ва дар назди устодони машҳури он аср чандин осори адабии арабро фаро гирифта буданд.

Байҳақӣ достоне оварда, ки тибқи хабари он фарзанди Маҳмуди Ғазнавӣ ҳамчун тақлид ба умарои араб дар базмҳои шодӣ ба шунидани қавлҳо ва савтҳои арабӣ шавқи зиёд доштааст [80, 64].

Аз сӯи дигар фатҳ шудани шаҳрҳои Рай ва Исфаҳон ба дасти Маҳмуди Ғазнавӣ ва писари ӯ Масъуд низ бар тағйири сабки наср таъсир гузоштааст. Зеро ба василаи ҳамин воқеа омезиш байни ҷараёнҳои адабии ин минтақаҳо ба вуҷуд омада, бар дигаргунии сабк то ҷое таъсир бигузошт.

Аммо аз инҳо бештар бо воруди Салҷуқиён ба хоки мардуми форсу тоҷик ва инқирози Ғазнавиён тағйирот дар сабк ба вуқӯъ пайвастааст. Зеро Ғазнавиён дар аксари низоми идорӣ аз Сомониён пайравӣ мекарданд ва то ҷое одати Сомониёнро идома медоданд. Ин мардум дар хоки мардуми форсу тоҷик таваллуд шуда, дар дарбори Сомониён вазифаҳои гуногунро иҷро намуда буданд. Ҳатто модари Султон Маҳмуд эронӣ будааст. Аммо Сулҷуқиён мардуми ваҳшӣ буда, аз одобҳои мулкдории ҳукмронони пеш аз худ бехабар буданд. Расму русуми туркии худро ҳамеша мадди назари хеш

медонистанд. Онон дар оғоз таваҷҷӯҳи хосе ба масъалаҳои маънавӣ ва фарҳангӣ надоштанд, подшоҳи бузурги онон Санҷар ҳатто саводи хондану навиштан надоштааст.

Ҳангоме ки эшон зимоми ҳукуматро ба даст гирифтанд, бисёре аз соҳибиззатони аҳди ғазнавӣ ҳиҷрат карданд, ё ба зиндон афтонданд ва ё кушта шуданд, ки муншиёну дабирон низ дар байни эшон қарор доштанд.

Аз сӯи дигар ин мардуми ваҳшӣ то Бағдоду Озирбойҷон расида, масоҳати хоки ишғолии худро вусъат бахшиданд. Ин воқеа сабаби омехтагии мактабҳои адабӣ ва илмӣ гардид. Табиист, ки дар ин гуна ҳолат сарчашмаҳои адабии араб ба осонӣ ва бо восилаҳои мухталиф ба хоки Хуросону Мовароуннаҳр раҳ меёбад ва осори адибон аз гӯшаву канори ин масоҳат ба ҳамдигар расида, ба таъсирпазириву таъсиргузорӣ сабаб мешавад.

Масалан, вақте ки девони Мунҷик ва Дақиқӣ дар Озарбойҷон-Табрез ба дасти шоири номии он хита-Қатрони Табрезӣ мерасад, дар фаҳми луғату таъбирҳо бо мушкилот рӯ ба рӯ мегардад ва дар мавриди онҳо аз Носири Хусрав суол менамояд.

## I.2. Заминаҳои таърихӣ ва иҷтимоии пайдоиши осори орифона дар асрҳои XI-XIII

Вазъи иҷтимоии асрҳои XI-XIII оинаи даврони муҳимтарини таърихи тасаввуфи исломӣ ба шумор рафта, аз ҳаёти сӯфиён ва табақаҳои мухталифи мардум маълумот медиҳад. Осори ирфонии ин даврон дар якчанд заминаҳое арзӣ ҳастӣ намудаанд, ки асбоби он, вазъи иҷтимоию таърихӣ ва усули мутааддид ба шумор мераванд. Фард дар оинаи таърих нақши ҷомеа, миллат, забони давлатдорӣ, фарҳанги ҳамон даврро зери мушоҳида гирифта, аз қудратмандии сиёсию маънавии он огаҳӣ пайдо мекунад. Илму адаби тоҷик дар асри XI, то аввали асри XIII дар тақвият ёфтани муносибати Осиёи миёна, хусусан Хуросону Тахористон бо Бағдод, нуфузи Бағдод дар давлати Ғазнавӣ, дар Мовароуннаҳру Хуросон боис гардидааст. Дар ин давра нуфузи забони арабӣ тақвият ёфта, мукотиботи давлатӣ бо ин забон сурат гирифтааст

[107, 67]. Комёбии мусулмонон ва интишори забони арабӣ тадриҷан вусъат ёфта, бо ҷорӣ гардидани аҳкоми шаръӣ ва маншаи Қуръону аҳодиси набавӣ бо таълимоти сӯфия дар пайдоиши осори адабии ирфонӣ ва такомули он имкон фароҳам сохтааст. Ислом аз ҷиҳати илмию фарҳангӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ низ ба тараққиёт расида буд. Хорамзшоҳиён бо дорулмулки худ Хорамз бар қисмати зиёди соҳили Ҷайҳун, ҷануби баҳри Арал салтанат доштанд. Инчунин, дар итоати мусулмонон қарор гирифтани доманаҳои Ҳиндукуш то рӯди Ҷайҳун, Арал, канораҳои Хазар, банди Қафқоз, Осиёи Сағир, шимоли Африка, Арабистон ва иёлоти ҷанубии Испания аз комёбии мардуми мусулмон гувоҳӣ медод. Муҳити илмию фарҳангии ин давра дар соҳаҳои гуногуни динӣ ва дунявӣ назаррас ва нотакрор буда, ангезаҳои муҳимме дар пешрафт доштааст, ки боиси растохези бузурги илмию фарҳангӣ дар тамаддуни Эронӣ гаштааст. Аз масъалаҳои муҳимми таърихии ин даврон форсӣ навиштани китобҳо ба шумор мерафт. Дар ин давра илму адаб ва тасаввуф ба рушду такомул расида бошад ҳам, носозгории замон; низоъҳои амирон, таассуботи мазҳабӣ, ихтилофи фикрии миллатҳо ва фалсафаву ирфон бо шиддат боло мерафтанд, ки ба муҳити иҷтимоии он рӯзгор вазъи носолим эҷод мекарданд. Табақоти иҷтимоӣ бо пешомади фақру нодории навмедкунанда дар руёрӯи ҳақиқати сиёсӣ ба маҳкамаи ҷазоии шайхоне, ки мардум ба онҳо ишқу алоқа доштанд, фаро гирифта мешуданд. Ба болои ҳамаи ин ҳуҷуми хонумонсӯзи муғулҳо ба сарзамини Осиёи Миёна ва Эрон кулфати азимеро ба бор оварда, халқи мазлуми онро оғуштаи хун кард. Ин вазъ дар аксари рисолаҳои мансури орифона дарҷ ёфтааст. Яке аз рисолаҳои гаронқимат ва мумтози он даврон «Мирсод-ул-ибод»-и Шайх Наҷмуддини Розӣ буда, асоси эҷодиёти муаллифро ташкил мекунад. Вазъи фарҳангӣ ва иҷтимоию адабӣ дар даврони Шайх (қарнҳои XII-XIII) дар китоби мазкур мунъакис гашта, бо маълумоти мушаххасе аз он давр ба ёдгор мондааст.

Наҷмуддини Розӣ ҳамлаи истилогарона ва торуморкунандаи муғулро дар «Мирсод-ул-ибод» чунин тасвир намудааст:

Аз ин самум, ки бар тарфи бӯстон бигузашт,

Аҷаб, ки ранги гуле монду бӯи ёсумане [117, 9-10].

Бар асари ҳамлаи муғулҳо вазъи ногувору тафаккури ҷабрӣ пеш омад, ки мардуми мусулмон хисороти зеҳнию ҷисмиро дучор гаштанд. Ин офатҳо боиси шикасту рӯҳафтодагӣ ва ҳиҷрати донишмандон шуда, аз шумии он давр дар навиштаҳои таърихӣ ёд шудааст. Шайх Наҷмуддини Розӣ шоҳиди ин гуфтаҳост, ки дар «Мирсод-ул-ибод» меорад: «Қатл аз ин бештар чӣ гуна бувад, ки аз як шаҳри Рай, ки мавлуду маншаи ин заъиф аст ва вилояти он қиёс кардаанд, понсад ҳазор одамӣ ба қатл омадааст ва асир гашта» [117,18].

Фирори шоҳон дар ин вазъи ногувор аз сустию заъфи ирода ва хиёнат ба раият гувоҳӣ медод. Шайх Наҷмуддин аз фирори султон Алоуддини Хорамзшоҳ сахт ба ғазаб омада, дар «Мирсод-ул-ибод» подшоҳони асрро ба истодагарӣ дар муқобили сахтиҳо даъват намудааст. Ҳамин тавр, бо назардошти иттилооти таърихии осори ирфонӣ ва маълумот аз ҳуҷуми пай дар пайи муғулҳо маълум мегардад, ки замони тасаллути онҳо бо мушкилоту фақри рӯзафзун барои мардум хотима намеёфт. Ин воқеаи сӯзноки оғози қарни сездаҳум оқибати дарднокро дар пай дошта, шиддати фасодро замина мегузошт. Фасоду дурӯғ, беқадрии аҳли илму адаб, ҷавру ситам, фиребу маккорӣ амри одӣ ба назар мерасид. Ҳамин тавр, вазъи мардум бо ҳамлаи харобиовару хонумонсӯзи муғул шиддат ёфта, арзиши иҷтимоияшро аз даст дода буд. Носозгории вазъи иҷтимоӣ, беадолатии амирон, алангаи оташи фитнаву тамаъ ва паст шудани рӯҳияи ахлоқии мардумро Наҷмуддини Розӣ дар харобкории муғулҳо хамчун итобе аз амри тақдир донистааст:

Алқисса, ҳар он чи кард гардун зи ҷафо,

Ҳақ бояд гуфт, буд дуни ҳақи мо.

Шукронаи неъматаш намекардам ҳеч,

То лоҷарамам фиканд дар ранҷу ано [117, 16].

Мардум дар ниҳояти ваҳшатзадагӣ асиру бехонумон мегаштанд. Забеҳуллоҳи Сафо ҳуҷуми муғулро ҳамчун фоҷиаи беназири таърихӣ чунин ба қалам додааст: «Таворихе, ки дар бораи ин ҳуҷуми бузург қариб ба ҳамин

воқеа навишта шуда, ҳама пур аст аз зикри ҷиноят ва фаҷоеъи аъмоли ваҳшиёни муғул ва тотор; ва бетардид ин воқеа фаҷеътарини вақоеъе буд, ки то он ҳангом дар тамоми таърихи Эрон рух дод ва баъд аз он ҳам ҳеч гоҳ назире наёфт» [116, 270].

Муғулҳо мардумро талаву тороҷ, муқобилияткунандагонро қатл мекарданд. Хатарноктарин авзое, ки дар ҳуҷуми муғулҳо ба миён омад, бо ҳамлаҳои пай дар паи эшон бо хароб кардани шаҳрҳои бузург ва марказҳои илмӣ буд. Тамаддун ва ободоние, ки бо кӯшиши чандин насл фароҳам шуда буд, аз дасти ин ваҳшиён ба вартаи нобудӣ расид. Мадрасаҳо ва марказҳои илмӣ ба харобазор монанд шуда, аз миён рафтанд. Ғорату куштор ба ҳадде буд, ки ба иддае аз мутафаккирону бузургон фурсати гурез надод. Китобхонаҳои бузург дар шаҳрҳои Мовароуннаҳру Хуросону Ироқ бо суръат ба вартаи нобудӣ расиданд. Фақирию нодорӣ боиси аз байн рафтани марказҳои таълимӣ гашта, уламо дар назари ваҳшиёни муғул эътиборе надоштанд, ки ин боиси нобудии илмии эрониён гардид. Ҳуҷуми густарда ва хонумонсӯзию вайронӣ ба ҳадде буд, ки амнияти фардию иҷтимоӣ аз миён рафта, табақоти иҷтимоӣ аз доштани қудрати ашрофияти хеш наметавонист аз ин варта раҳоӣ ёбад.

Таназзули ақлию фикрӣ ба ҳадди охирин расида, ба муҳити зиндагӣ, рафтори мардум ончунон асар карда буд, ки инъикоси он дар осори адабии нависандагону девони шоирон дар қолаби рамзию ҳаҷвӣ ифода меёфт. Сайфуддини Фарғонӣ ва Хоҷуи Кирмонӣ аз ҷумлаи он шоирон буданд. Дар ҳаҷвҳои намакини осори манзуму мансури Убайди Зоконӣ интиқоди табақоти мухталиф, хусусан амирону сиёсатмадорони аср бармало ифода ёфтааст.

Муғулҳо мардумро ба ҳадде ба танг оварда буданд, ки роҳи гурезро пеш гирифта, дар харобот умр ба сар мебурданд. Ин ба касифии ахлоқи онҳо мерасонд. Худ рафтори ғайриинсонии муғулҳо ба ахлоқи мардум таъсиргузор гашта буд. Маликушшуаро Баҳор ахлоқи мардуми аҳди муғулро чунин тасвир кардааст: «Ба маҳзи ин ки таъсири қарни шашум дар асри

Элхонон бартараф гардид ва қарни ҳафтум аз нима гузашт, таъсири тарбияти муғул, яъне бетартибӣ, таваҳҳуш, бераҳмӣ, беадолатӣ, ҷаҳл ва ёсоҳои аҳмақонаи саҳрой ва биёбонӣ дар сатҳи ахлоқ ва аҳволи боқимондагони теғ ва дилсӯхтагону дилмурдагони афсурда ва пажмурдаи эронӣ падидор гашт» [80, 302].

Донишмандону орифон, аз ҷумла Наҷмуддини Кубро (с.618) ва Шайх Аттор аз дасти он ваҳшиёни биёбонгард кушта шуда, аксари мардуми ҷаврдида барои пайдо намудани ҳаёти орому осуда тарки ватан карданд. Осори ирфонӣ ва маъхазҳое, ки аз он давра то ҳуҷуми муғул боқӣ ва ёдгор монд, аз баракати қудуми он реҳлаткунандагон ба кишварҳои оромтар буд, зеро дар байни онҳо олимону шоирон ва сӯфиён низ буданд, ки ба сарзаминҳои нисбатан ором, монанди Осиёи Сағир, Шом, Форс, Кирмон, Ҳинд ва дигар ҷойҳо сафар карда, бо идомаи бунёди марказҳои илмӣ ва ҳавзаҳои адабӣ, ташкили шабнишиниҳои адабӣ, маҳфилҳо ва ташкили хонақоҳҳо боиси тамоман аз байн нарафтани мероси илмию фарҳангӣ ва адабию ирфонии тамаддуни эронӣ гардиданд. Наҷмуддини Розӣ, Муҳаммад Авфӣ (муаллифи «Лубоб-ул-албоб») ва Баҳоуддин Валад (падари Ҷалолуддин Муҳаммад Мавлавии Балхӣ) аз ҷумлаи фирориён буданд. Ин гуна фирор ва тарки ватан кардан ва бунёди марказҳои илмӣ дар дигар шаҳрҳои нисбатан оромро низ метавон яке аз заминаҳои пайдоиши осори ирфонӣ дар ин замон шумурд. Хонақоҳҳо дар айёме, ки мардум ба фишори рӯзафзуни муғулҳо ва пошхӯрии вазъи иҷтимоӣ бо ихтилофи табақавӣ ба рӯҳафтодагиву ноумедӣ дучор гашта буданд, хамчун паноҳгоҳ ва таскини дардҳои эшон дар қарор доштанд. Нигоҳи Шайх Наҷмуддин ҳамчун муриди дар хонақоҳ тарбиятгирифта нисбат ба хонақоҳҳои он давр чунин буда, ки шайхон чун табибони шаръ дармонбахши муридонанд, онҳоро аз маризии нафси аммора нигоҳ доштанд ва онҳо «дар ҳар қарн азизулвуҷуд ва адамунназир» буданд.

Хонақоҳро чун ҷаҳон ва Худованд (ҷ) ба масобати шайх ва ходими онро Расули акрам (с) дониста, мардумро бар ду навъ: ё хидматгузорон ё

махдумон қиёс менамуданд: «толибони маҷд бошанд, ки аз ғалаботи шавқи муҳаббат ва дар талаб парвои ҳеч кор ва ҳеч кас надоранд ва рӯй аз халқ ва ҳавои нафс бигардонида бошанду сӯи девори риёзат ва муҷоҳидат оварда» [13, 536].

Мо пушт сӯи ҷаҳони шодӣ кардем,

З-ин пас рухи зарди мову девори ғамаш [13, 536].

Сӯфиён дар таълиму тарбияи муридон саҳми басазо дошта, мардумро ба зуҳду тақво ва сабр даъват мекарданд. Ҳамин тавр, дари хонақоҳҳо ҳамчун маркази иҷтимоӣ барои ҳамагон боз шуда, амирону ҳокимон ва ҳатто салотин ба он роҳ ёфтанд, ки ин омилро низ метавон яке аз заминаҳо ва асбоби ривоҷ ёфтани тасаввуф ва осори сӯфиёна ба қалам дод. Ба ин тариқ, ҳатто шумораи зиёде аз муғулҳо ба суфиён иртибот пайдо намуда, роҳи вуруд ба хонақоҳҳоро пайдо намуданд, ки ин ба зиёдшавии миқдори хонақоҳҳо ва ривоҷи мансаби шайхӣ расонд. Хонақоҳҳо хамчун маказҳои муҳимми илмию адабӣ ва ирфонӣ дар роҳандозии толибон ва соликони роҳи тариқат ва мансаби шайхӣ саҳми калон дошт. Ҳатто дар вазъи ногувори иҷтимоии пеш аз ҳуҷуми муғулон мардуми парешонхотир аз ин хонақоҳҳо дармон меҷустанд. Ҳол он ки болои сӯхта намакоб пошиданҳои муғулҳои золим мардумони парешонро ба фақириву нодорӣ ва гӯшанишинию дунёбезорӣ раҳнамун карда буд. Шайхони хонақоҳҳо дар дармони дарди мардум аз шариати ирфони исломӣ истифода намуда, бо пайгирии андешаҳои қуръонӣ ва аҳодиси абадзиндаи Расули акрам (с) суфиёни ояндаро ба камол мерасонданд. Аксари мардуми дилозурда бо канорагирӣ аз ранҷу мусибат гӯшанишиниро ихтиёр намуда, аз ин вазъи сиёсӣ худро раҳо мекарданд. Ин боиси зиёд шудани сафи соликони тариқат ва боиси ривоҷи шумораи хонақоҳҳо гардид. Хонақоҳҳо дар тарбияи соликони роҳи тасаввуф бо иршоди шайхон саҳми бузург дошта, ба марокизи муҳими илмию адабӣ ва ахлоқии давр табдил ёфта буданд. Амирон дар умури сиёсӣ ва ислоҳи тартиби давлатдорӣ бо шайхони хонақоҳҳо машварат менамуданд, ёрии худро дар ободию таъмини хонақоҳҳо дареғ надошта, сафи онҳоро зиёд

мекарданд. Ин натиҷа буд, ки ҷомеаи исломӣ ба пешрафтҳои илмию фалсафӣ ноил шуда, бо нобиғаҳое чун Закариёи Розӣ, Умари Хайём, Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Арабӣ, Суҳравардӣ, Наҷмуддини Кубро, Мавлавӣ ва дигар донишмандон дар арсаи олам ифтихор дошт. Муҳаммади Ғаззолӣ мутафаккири бузургест, ки нависандаи хуб низ буда, дар баҳси калом осори мутааддид ва муҳим дорад. «Эҳё-ул-умаддин» ва «Кимиёи саодат» аз ҷумлаи осори Ғаззолӣ қимати болои назарӣ доранд. «Кимиёи саодат» аз адабиёти илмии тасаввуфӣ буда, ба форсӣ нигошта шудааст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар «Нафаҳот-ул-унс» хотираи Айнулқузот-орифи машҳури ин даврро аз таъсири мутолиаи осори илми каломи Ғаззолӣ овардааст, ки далели ин гуфтаҳост: «Баъд аз он ки аз гуфтугӯи улуми расмӣ малул шудам, ба мутолиаи мусаннафоти Ҳуҷҷат-ул-ислом иштиғол намудам ва муддати чаҳор сол дар он будам» [27, 267]. «Мутолиаи осори Муҳаммади Ғаззолӣ вайро ба боварҳои ҷазмӣ ва ақлӣ раҳнамун шуд, ӯ тавонист бо қудрати фикр бар маҷҳулоти илми калом пирӯз шавад ва натиҷаи он таҳрири рисолаи Ғоят-ул-баҳс ъан маъни-юл-баҳс дар 21 солагӣ шуд» [27, 267].

Заминаи дигари рушди осори орифона дар охири қарни XII ва аввали қарни XIII дар давлати Осиёи Сағир ва дигар дарбори амирони силсилаи Салҷуқиён, ҳатто дар Шом мавриди истифода қарор доштани забони форсӣ, дар такомул бо луғоти арабӣ ва туркӣ буд. Рушду ривоҷи тасаввуф дар заминаи насрнависони форсӣ ба амал омада, китобҳои таълимии ирфонӣ дар масоили мухталифи усули тасаввуф ва ирфон, шарҳи ҳоли эшон дар ин аҳд ба арсаи адабиёт ворид гардиданд. Наҳзати форсинависӣ дар аҳди муғул дар мавзуъҳои илмию адабӣ зиёд гашта, ҳоҷати таълифоти китобҳои форсӣ ба назар мерасид. Осори адабии форсӣ, ба монанди «Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр» аз Абулфазл Рашидуддини Майбудӣ – аз пайравон ва шогирдони Абдуллоҳи Ансорӣ (ваф.481) махсусан оёте, ки бо салиқаи орифон тафсир шуда, бо латофати завқию адабӣ дилошӯб аст, аз ҷумлаи матнҳои зебои фаровон аз назми арабию форсист (таъл. аз с.1126 оғоз шуд). «Укд-ал-илал-мавқуф-ул-аъло» (1190), «Барид-ус-саодат» (1209), «Равзат-ул-уқул» (1202),

«Тубсират-ул-мубтадӣ» ва «Тазкират-ул-мунтаҳӣ»-и Садруддини Қунавӣ (ваф.1273), тарҷумаи «Китоб-ал-футӯҳ»-и Аҳмад ибни Аъсами Кӯфӣ (1200), «Тарҷумаи «Таърихи Яминӣ» (1206), «Фароид-ус-сулук» (1210), «Марзбоннома» (1211-1215), «Таърихи Табаристон» (1216), «Ал-мӯъҷам фи маъоири ашъор-ил-аҷам» (1217), «Лубоб-ул-албоб» (1221), «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт» (1233), «Нафсат-ул-масдур» (1235-1240), осори Хоҷа Насируддини Тӯсӣ (1202-1273), «Гулистон»-и Саъдӣ (1258), «Ҷаҳонкушой»-и Ҷувайнӣ (1252)-ро метавон дар радифи «Мирсод-ул-ибод» аз ҷумлаи осори намоёни ин аср ба шумор овард. Заминаи пайдоиши назм ва ё осори ирфонӣ дар осори адабӣ ё худ адабиёти ирфонӣ бо илми калом ва фалсафа омехта гардидани он низ маҳсуб мешавад. Осори бебаҳои Аҳмади Ғаззолӣ, Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, Ибни Арабӣ, Наҷмуддини Кубро, Маҷидуддини Бағдодӣ, Шаҳобуддини Суҳравардӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ ҳатто дар даврони шайх Наҷмуддин қимати баланди илмию ирфониро соҳиб буда, ҳамчун такондиҳандаи фарҳангӣ маъруф буданд. Тибқи нишондоди ашъору осори ирфонӣ ва санадҳои таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ заминаи таърихӣ, иҷтимоии пайдоиш ва таҳаввули осори ирфонии асрҳои XI-XIII, дар аҳди давлати Салҷуқиён гузошта шуда, ба қуллаи баланди нотакрори тараққиёти хеш расидааст. Ҳаёти илмию фарҳангии ин давра бо дастовардҳои илмӣ, фалсафӣ ва ирфони исломӣ дар саҳифаҳои таърих муфассал сабт шудааст. Ҳарчанд мунокишоти мазҳабӣ, носозгории амирони замон, ҳуҷуми муғулҳои харобкор боиси парокандагии вазъияти иҷтимоию фарҳангии мардум гашта бошад ҳам, аз ҷониби дигар бесарусомонию саргардонии донишмандон сабаби бунёди хонақоҳҳо дар мамлакатҳои нисбатан ором ва боиси паҳншавӣ ва такомул ёфтани илму ирфон шудааст. Ошноӣ бо матни куҳани осори орифонаи форсии тоҷикӣ, кашфи румузу ишорот ва истилоҳоту андешаҳои шоиру нависандагони куҳан ҳамчун ҳалқаи пайванди гузаштаву имрӯзи форсизабонони дунё дар таҳаввулу такомул, татаввуъ ва пӯёии адаби форсии тоҷикӣ нақши аввалиндараҷа дорад. Осори нависандагони асрҳои ёдшуда оинаи оғоз ва

анҷоми тафаккури фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ буда, бо таъсирпазирӣ аз Қуръони карим, аҳодис, ривоёт, таърих ва ашъори шоирони орифи форсу араб, корбасти илму амал, қудрати халқ, эъҷози шоирона мураттабу мукаммал гардида, чун оинаи ҷаҳоннамое барои инъикоси он даврон мусоидат намудааст. Бо тазаккури чанд санади таърихӣ осори адабии асрҳои XI-XIII-ро метавон гуфт, ки заминаҳое барои интишори осори ҷовидонаи сӯфия гузоштаанд. Осори орифона бо амвоҷи шеъри ошиқонаи ирфонӣ, бо шакли зебову ҷолиб зинат ёфта, ҳамчун каломи ошиқона дар осори мансури сӯфиён роҳ ёфтааст. Осори мансур бо ашъори орифонаи шоироне чун Саноӣ, Аттор, Мавлавӣ музайян гардида, дар таърихи саҳифаҳои адабиёти форсии тоҷикӣ ба ёдгор мондааст.

## I.3. Зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ

Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ, нависандаи Хуросонӣ ва бародари хурдии донишманди маъруф Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад. Доир ба ҳаёту фаъолияти ин адиби машҳур дар сарчашмаҳо ва китобҳои таърихӣ маълумоти пароканда зикр гардидааст, ки аксари он бо ахбори зиндагиномаи бародари ӯ Муҳаммади Ғаззолӣ омехта мебошанд. Дар ин хусус Ҳашматуллоҳи Риёзӣ муаллифи китоби «Оёти ҳусн ва ишқ» чунин мегӯяд: «...Аз он ҷо, ки дар бораи шарҳи ҳоли Муҳаммади Ғаззолӣ садҳо китоб навишта шуда ва дар муқаддимаи онҳо низ таҳқиқоти ҷомеъ дар бораи шахсияту осори ӯ омадааст, дар он гоҳе ғарази аслӣ аз таълифи ин китоб шиносонидани ориф Шайх Аҳмади Ғаззолист, ҳар ҷо ки зиндагии ҷисмонӣ ва рӯҳонии он ду ба ҳам вобаста аст, ҷиҳати бозшиносии дақиқи Шайх Аҳмад аз Муҳаммад ҳам сухан ба миён меоварем....» [113, 92].

Муҳимтарин маохизе, ки дар бораи Аҳмади Ғаззолӣ маълумот додаанд, иборатанд аз: «Чанд фасл аз таърихи кабир»-и Ҷаъфар ибни Муҳаммади Ҳасан, «Тазкират-уш-шуаро» -и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Нафаҳот-ул-унс мин ҳазароти-л-қудс»-и Абдурраҳмон Ҷомӣ, «ал-Мунтазам фӣ таърихи-л-

мулук ва ал-умам»-и Ибни Ҷавзӣ, «Табақоту-ш-шофеъия»-и Субкӣ, «Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон»-и Абдулҳусайни Зарринкӯб», «Султони тариқат»-и Пурҷаводӣ, «Маҷмӯаи осори форсии Ғаззолӣ»-и Аҳмади Муҷоҳид. Таҳқиқоти арзишманд дар шинохти ҷаҳонбинӣ ва ҳаёту фаъолияти орифи мавриди назар аз ҷониби Насруллоҳи Пурҷаводӣ ва Аҳмади Муҷоҳид сурат гирифтааст.

Дар бораи кай ва дар куҷо ба дунё омадани Ғаззолӣ аз ҷониби олимону муҳаққиқон ихтилофҳои гуногун ба чашм мерасад. Дар сарчашмаву манобеъ низ ахбори дақиқ наомадааст.

Абдулҳусайни Зарринкӯб таъкид дошта, ки Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ бародари хурдии Абӯҳомид Муҳаммади Ғаззолӣ буда, бар асоси таъриху ҷойгоҳи таваллуди Муҳаммад эҳтимолан Аҳмад ҳам дар Тобарони Тӯс ва се чор сол баъдтар аз вай дар солҳои 452/1060 ё 453/1061 таваллуд шудааст [88, 110].

Муаллифи тазкираи «Ҷаъфарӣ» дар соли 458/1066 таваллуд шудани Аҳмади Ғаззолӣ ишора намудааст [111, 132].

Насруллоҳ Пурҷаводӣ дар китоби арзишманди хеш «Султони тариқат» оид ба зиндагӣ ва шарҳи осори Хоҷа Аҳмади Ғаззолӣ чунин гуфтааст: «Абӯҳомид Муҳаммад ба соли 450/1058 дар Тобарони Тӯс ба дунё омад ва бародари ӯ низ дар ҳамин шаҳр ҳудуди се чаҳор сол пас аз ӯ мутаваллид шуд ва номашро Аҳмад ва кунияашро Абулфутуҳ гузоштанд ва баъдҳо ба лақаби Маҷдуддин мулаққаб гашт» [111, 10].

Аз ҷумла аз ҷониби муҳаққиқон дар ҳудуди соли 450/1058 таваллуд ёфтани Аҳмади Ғаззолӣ низ зикр гардидааст [111, 14].

Аммо бештари сарчашмаҳо солҳои 452/1060 453/1061 таваллуд ёфтани Аҳмади Ғаззолиро зикр намудаанд.

Замони кӯдакиву ҷавонии ӯ дар зодгоҳаш гузаштааст. Падари Ғаззолӣ марди накӯкору парҳезгор будааст. Бино ба гузориши Субкӣ, падари Ғаззолӣ шуғли бофандагӣ ё пашмресиро ба худ касб карда буд ва аз ин ҷиҳат номи онҳоро Ғаззолӣ хондаанд. Маънои ғаззол пашмрес буда, Ғаззолӣ касеро

мегӯянд, ки ин корро пешаи худ намудааст. Дар «Тазкират-уш-шуаро» оварда шудааст, ки модари Ғаззолӣ ресанда ва Абӯҳомид фурӯшандаи ресмон буд [58, 109], аммо оид ба «Ғаззолӣ» ном гирифтани оилаи Ғаззолиҳо, Насруллоҳ Пурҷаводӣ дар китоби «Султони тариқат» гуфтаҳои тазкиранависонро рад намуда, чунин меоварад: «Бо таваҷҷуҳ ба ин ки, Ғаззолӣ номи хонаводагии эшон буда ва қабл аз эшон Ғаззолии кабир ҳам ҳамин номро доштааст эҳтимол дорад, ки ҳамаи инҳо хаёлбофии тазкиранависон бошад ва на падари Ғаззолиҳо пашмрес буда ва на модараш ва шояд ҳам номи Ғаззолӣ бидуни ташдид бошад ва мансуб ба ғизола» [111, 26].

Дар айёми кӯдакии ин ду донишвар падари онҳо аз олам чашм пӯшид. Пеш аз вафот таълиму тарбияи фарзандони худро бо захирае, ки дошт ба яке аз дӯстони худ бо номи Абӯалӣ Аҳмади Родаконӣ супурд [49, 3].

Аҳмади Родаконӣ марди донишманде буд, ки аз рӯйи эҳтиром тибқи хоҳиши дӯсти худ амал карда, фарзандони ӯро ба мактаб фиристод.

Аҳмад мисли бародараш таҳсилоти ибтидоии худро аз Тӯс оғоз намуд. Бародари бузурги ӯ Абӯҳомид, ҳамеша ба вай кӯмак мекард ва донишеро, ки аз назди устодони худ фаро мегирифт, барои Аҳмад низ таълим медод. Ҳамин амр мӯҷиб гардид, то Аҳмад то охири умр бародараш Абӯҳомид Ғаззолиро устоди хеш донад. Баъдан ӯ ба шогирдии Абӯбакр Нассоҷи Тӯсӣ пазируфта шуд ва дар ҷавонӣ илмҳои адабиёт, калом, фиқҳ ва ғайраро аз худ намуд ва ба тасаввуф рӯй овард. Чанд муддат аз суҳбати Абулҳасани Харақонӣ ва дигар бузургони Хуросон баҳраманд шуда, бо тасаввуфи Бағдод бахусус мактаби Ҷунайд ва бо тасаввуфи адибони ғарби Хуросон ба мисоли Нишопур, Тӯс, Бастом ва Харақон пайванд ёфт.

Маҷдуддин ҳамвора аз дарсҳои устодаш Абӯбакри Нассоҷ бархурдор мешуд ва то ҷое ба мартабаи устодӣ низ расида буд. Соли 487/1094 Абӯбакри Нассоҷ аз дунё гузашт ва Аҳмади Ғаззолӣ ҷонишини ӯ гардид ва ба таълими шогирдон пардохт. Дар моҳи Зулқаъдаи 488 бародари ӯ Абӯҳомид Ғаззолӣ аз муаллимии мадрасаи Низомияи Бағдод даст кашид ва ба ҷои худ Аҳмадро, ки

дар тасаввуф ва улуми зоҳир шинохта шуда буд, ба Низомия фиристод ва ӯро ҷойгузини худ намуд [49, 41].

Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун ноиби бародараш дар Низомияи Бағдод се моҳ фаъолият намуд ва чун Абӯабдуллоҳи Табарӣ моҳи сафари соли 489/1096 ба Бағдод омада, ин мақомро ба зиммаи худ гирифт, онҷоро тарк кард. Дар манобеъ зикр мешавад, ки вай пас аз рафтан аз Бағдод ҳамроҳи ҳамсару бародараш нахуст ба Нишобур ва сипас ба Тӯс омадааст.

Муносибатҳои миёни бародарон Ғаззолӣ бо воқеаҳое, ки дар боло ба онҳо ишора шуд, хулоса намешавад. Муҳаммад бешубҳа муҳимтарин шахсе буд, ки дар зиндагии Аҳмад вуҷуд дошт. Ҳарчанд дар даҳаи саввуми умр Аҳмад ба хонақоҳ рӯй овардаву Муҳаммад ба аскарӣ рафта ва баъдан ба султону вазир наздик шуда бошад ҳам, ба ҷуз дурии муваққатӣ боиси канда шудани равобити ин ду бародар нагардид.

Дуруст аст, ки Муҳаммад дар оғоз монанди Аҳмад роҳи тасаввуфро пеш нагирифт, аммо ӯ бо коре, ки бародараш мекард, бегона набуд. Падарашон худ сӯфимаслак буд ва дӯсти ӯ Абӯалии Родаконӣ, ки муаллим ва мураббии фарзандони ӯ шуд, як сӯфӣ ба шумор мерафт. Аз ҳамон ибтидо ин ду бародар дар хонавода, мактаб ва ҳатто дар ҷамъи сӯфиёни Хуросон дар қарни панҷум ба домани тасаввуф бузург шуданд. Тасаввуф дар ин аср дар ҳақиқат аз аркони аслӣ ва зиндаи фарҳанги исломӣ ва бахусус фарҳанги эронӣ буд ва сӯфиён ба таври куллӣ натанҳо бо касби улуми зоҳирӣ мухолифате надоштанд, балки онро лозим мешумурданд ва аз назари эшон камоли шахс дар ин буд, ки илми зоҳиру ботин, шариату тариқатро ҷамъ карда бошад. Ғаззолиҳо низ ҳарду ба илми зоҳиру ботин таваҷҷуҳ доштанд ва фарқи эшон фақат дар таъкиде буд, ки дар ҷавонӣ ба ин улум карданд. Абӯҳомид ҳамон роҳеро, ки Аҳмад аз ибтидои ҷавонӣ ба он рӯй овард, даҳ-дувоздаҳ сол дертар ихтиёр кард.

Муносибатҳои ин ду бародар нишон медиҳад, ки пеш аз инкилоби рӯҳии Муҳаммад робитаи онҳо бо ҳам нек будааст. Муҳимтарин далел таваҷҷуҳест, ки Аҳмад ба осори бародараш доштааст. Ӯ натанҳо корҳои

бародарашро таъйид мекард, балки худ дар нашр ва шарҳи таълимоти ӯ кӯшиш мекард. Китоби «Эҳёи улуми дин» -ро шахсан ба шогирдонаш дарс медод. Ибни Шаҳрошӯб (вафот 588), ки аз шогирдони Аҳмад будааст, дар оғози китоби Маноқиби Оли Абӯтолиб дар зимни исноди худ менависад, ки китоби «Эҳёи улуми дин» -ро назди Аҳмад Ғаззолӣ хонд ва изофа мекунад, ки ӯ низ «Эҳё» -ро аз бародараш омӯхтааст. Нахустин касе, ки китоби «Эҳё» -ро хулоса кард ва мағзи онро истихроҷ намуд, Аҳмад буд. Матни форсии «Рисолат-ут-туюр» ҳам эҳтимолан тарҷумаи матни арабии он аст, ки Муҳаммад навиштааст.

Достоне, ки дар бораи ҳузури Аҳмад дар канори бистари марги бародараш гуфтаанд, аз наздикии ин ду бародар ҳикоят мекунад, ки чӣ тавр дар охирин лаҳзаҳои умри Имом Муҳаммад Ғаззолӣ фақат як нафар бо ӯ буд ва ин касе буд, ки дар хурдсолӣ дар хонаи падарӣ, ятимӣ, дарбадарӣ, бузургӣ ва дар пирӣ ҳамдам, ёру ёвар ва ба маънии ҳақиқии лафз бародари ӯ буд. Аз қавли Аҳмад нақл кардаанд, ки гуфт:

«Рӯзи душанбе ҳангоми субҳ буд, бародарам вузуъ гирифт, намоз хонд ва кафанашро аз ман хост. Пас онро гирифт, бӯсид, бар чашм ниҳод, самъан ва тоатан гуфт, барои рафтан ба боргоҳи илоҳӣ омодаам. Сипас, пойҳои хешро рӯ ба қибла дароз кард ва ҷон ба Ҷонофарин таслим кард».

Насруллоҳи Пурҷаводӣ дар мавриди оила барпо намудан ё нанамудани Ғаззолӣ чунин навишта: «Дар мавриди ҳамсару фарзанд ё фарзандони худи Хоҷа ва ин, ки аслан ӯ издивоҷ карда буд ё на дар ҳеҷ ҷо чизе надидаам» [111, 6].

Аммо дар дигар сарчашмаҳо низз дар ин масъала иттилооте дида намешавад.

Аҳмади Ғаззолӣ пайваста ба шаҳрҳои Бағдод, Нишобур, Тӯс, Мароға, Табрез, Исфаҳон, Қазвину Ҳамадон сафар ва рафтуомад мекард. Маҳз ҳамин сафарҳо ва ташкили маҷлисҳои илмӣ буд, ки ӯ дар байни мардум машҳур гардид ва гирдаш шогирдони бисёре ҷамъ омаданд. Аз муридони маъруфи ӯ Айнулқуззоти Ҳамадонӣ (ваф. 543/1148) ва Абӯнаҷми Сӯҳравардиро (ваф.

525/1131), ки амуи сӯфии машҳур Абӯҳафс Шаҳобиддин Умари Сухравардӣ (ваф. 432/1040) мебошад, метавон ном бурд.

Мувофиқи маълумоти Ибни Ҷавзӣ ва Субкӣ вай дар Бағдод ва шаҳрҳои дигари Хуросону Озарбойҷон бо забони форсӣ ва арабӣ маҷолиси вазъ меорост, ки дар он на танҳо мардуми ом, балки олимону донишмандон ҳам иштирок менамуданд [49, 193-195; 42, 237].

Аксари тазкиранависони фавқуззикр Аҳмадро воизи хушбаён ва фасеҳ бо каломи малеҳ ва забони равон муаррифӣ кардаанд ва ин маълум месозад, ки Аҳмад дар ин фан маҳорати комил доштааст. Маҳорати як шахс ҳангоми мавъиза кардан дар замони Ғаззолӣ фақат дар ин хулоса намешуд, ки ӯ бо каломи худ дар зеҳни мухотибон асар гузорад, балки ононро ба чизе бовар кунонад. Воизи моҳир низ касе буд, ки аз ӯҳдаи ин кор бахубӣ барояд. Ин маъниро аз байни баъзе номаҳои Абӯҳомид метавон дарёфт. Вай ишора мекунад, ки аз назари мардум маънии хушвоизӣ ин будааст, ки халқ дар маҷлис наъраҳо зананд, ҳою ҳуй кунанд, ба ваҷд дароянд, ҷома бар тан бидаранд ва шӯру ошӯб барпо намоянд. Шуҳрати Аҳмад Ғаззолӣ низ ба унвони як воиз дар ҳамин будааст. Каломи вай ҳамчун оташ буд. Маҷлиси ваъзаш онқадар пуршӯр ва муассир буд, ки як бор Султон Маҳмуд фарзанди Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ дар маҷлисе, ки соли 515 дар Бағдод ба муносибати фавти бобояш ташкил карда буд, ончунон ба ҳаяҷон омад, ки пас аз мавъизаи Аҳмад ҳазор динор ва ба ривояти дигар «ҳафтод ҳазор мисқол тилло ва аспе бо зин ва лаҷоми зар» ба вай тақдим кард.

Аҳмади Ғаззолӣ дар мавриди маҳорат ва рисолати воизӣ чунин назар дорад, ки «Як воизи ҳақиқӣ нахуст бояд худаш ба он чи мегӯяд амал кунад, аммо ин шартро ҳар кас ба ҷо варда наметавонад. Яъне, воизе, ки мехоҳад дигаронро бедор кунад, бояд худаш бедордил бошад. Аз назари Абӯҳомид мавъиза кардан натанҳо кори душвор ва пурмасъулият аст, балки ин кор лозим нест. Пайғамбар саллалоҳу алайҳи вассаллам фармуд:

تَرَكْتُ فِيكُمْ وَاعِظَينَ، ناطِق وَ صَامِت. فَالناطِقُ هُوَ القُرْآن وَ الصامِتُ هُوَ المَوْت.

Яъне, ман ду воиз барои шумо гузоштам, ки яке нотиқ аст ва дигаре хомӯш, онки нотиқ аст, Қуръон аст ва онки хомӯш аст, марг мебошад.

Гуфтаанд, яке аз асҳоби ӯ дар Бағдод бо номи Соид ибни Форис Луббон теъдоди ҳаштоду се маҷлис аз мавоизи ӯро дар ду ҷилд ба хати худ гирдоварӣ кард, аммо дареғо, ки ин китоб гум шудааст. Хушбахтона, рисолаи кӯтоҳи ӯ бо номи «Айния» боқӣ мондааст, ки намунае аз суханони вай ҳангоми суҳбатҳояш мебошад [111, 25-34]. Яке аз муҳимтарин ва муассиртарин шеваҳои Аҳмади Ғаззолӣ дар мавъиза нотиқ кардани воизи сомит, яъне марг аст. Аҳмад кӯшиш мекунад, то гоҳ бо истифода аз як ҳадис ё як байти шеър ва гоҳ бо калимаҳо ё ибороти такондиҳанда ёди маргро дар дили шунаванда бедор кунад.

«الناس نیام فاذا ماتوا انتبهوا»

«Мардум ҳама дар хобанд, чун бимиранд, бедор шаванд» (тарҷумаи худи С.С.).

Ин ҳадисе аст, ки Аҳмади Ғаззолӣ борҳо онро нақл кард ва дар тарҷумаи он гуфтааст: «Халқ ҳама дар шабанд, субҳи он марг аст» [111, 33].

Бо ҳамаи тавоноӣ ва шӯҳрате, ки Аҳмад Ғаззолӣ дар мавъиза кардан дошт, ин ҷанба аз шахсияти ӯ танҳо ҷилваҳое аз аҳволи дарунӣ ва мақоми маънавии ӯ буд. Гармии каломи Аҳмад фақат дар забони ӯ нуҳуфта набуд. Маншаи он ҳарорат дар дили ӯ буд ва сирри нуфузи калимоти ӯ дар дилҳо низ ҳамин буд. Аҳмад як сӯфӣ буд ва тасаввуфи ӯ ҳам мактабе буд, ки дар он каму беш ҳамаи назарияҳои сӯфиёни пешин, бахусус сӯфиёни Хуросон ва Бағдод дар он ҷамъ гашта буд. Аммо агар бихоҳем тасаввуфи Аҳмадро бо муҳимтарин хусусиятшояш зикр кунем, бояд онро мазҳаби ишқ номем, чун ишқ маъноест, ки ҳаёти сӯфиёнаи Аҳмад дар он хулоса мешавад ва ин маъниро ҳам Аҳмад аз партави хидмат ба машоих дар Хуросон омӯхт.

Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ бино ба иттилои Ибни Халликон, Ибни Ҷавзӣ, Ёқути Ҳамавӣ, Майбудӣ дар Қазвин соли 517/1179 вафот кард.

Аз баррасии зиндагиномаи Аҳмади Ғаззолӣ бармеояд, ки ӯ ҳарчанд дар рӯзгори душвори сиёсиву иқтисодӣ ва давраи зуҳури ташаннуҷи сиёсӣ умр ба сар бурдааст, вале кӯшидааст, ки новобста ба ин ҳама ва ҳатто дур мондан аз меҳрубонии падар дар тарбияти бародари худ ва дигар донишмандони замон қарор гирифта таҳсилоти зарурӣ ба даст оварад, то дар камолоти вай ба кор оянд.

Қарни панҷуми ҳиҷрӣ қарнест, ки донишмандони пуркор дар он қарн зиёданд. Аҳмади Ғаззолӣ мисоли равшани ин замон аст. Аз ҷумлаи шахсиятҳои камназире, ки дар қарни панҷуми ҳиҷрӣ по ба арсаи вуҷуд ниҳодааст, Аҳмади Ғаззолӣ мебошад. Ин шахсият ба адаби форсӣ ва ирфонӣ таъсири фаровоне гузоштааст.

Бисёре аз бузургони қарни панҷум ҷузъи шогирдону ровиёни ӯ ба ҳисоб мераванд, ки аз ҷумлаи онҳо шоир ва нависандаи тавоно Абӯнаҷми Сӯҳровардӣ, Абулфазли Бағдодӣ, Аҳмад Котиби Балхӣ, Ибни Шаҳрошӯб ва Айнулқузот Ҳамадониро метавон ном бурд. Он таълифоте, ки Аҳмади Ғаззолӣ эҷод карда, ба ояндагон мерос гузоштааст, асарҳои илмиву маънавие ҳастанд, ки то имрӯз арзиши воло доранд.

Бо вуҷуди ин, ки Маҷдуддин Аҳмади Ғаззолӣ дар нависандагӣ чандон пуркор набуд, вале осори ба мерос гузоштаи ӯ ҳанӯз куллан шинохта нашудааст.

Чуноне ки гуфтем, Аҳмад Ғаззолӣ аз ибтидои ҷавонӣ қадам дар роҳи маърифату ишқ ниҳод ва хеле зуд мароҳили тариқату манозили сулукро тай кард ва ба мақоми иршод расид. Ӯ ҳатто дар замони ҳаёташ аз ҷумлаи машоихи бузурги сӯфия шинохта шуд, ақидаҳо ва фикрҳояш аз онҳое, ки шифоҳан ба шогирдону муридонаш омӯхта буд ва онҳое, ки аз тариқи ашъору номаҳо ва рисолаҳояш баён карда буд, дар миёни муосирон, сӯфиёни эронӣ ва шоирону нависандагони сӯфӣ, ки ба забони форсӣ шеър сурудаанд ё расоиле навиштаанд, фавқулодда муассир афтод.

Дар муддати чиҳил сол шайх ва муршид Аҳмад Ғаззолӣ шогирдон ва муридони бисёреро тарбият кард, ки се тан аз эшон худ ба мақоми иршод

расиданд ва ҳар як муассиси тариқаҳои мустақил гаштанд. Ин се нафар Зиёуддин Абӯначми Сӯҳровардӣ, Абулфазли Бағдодӣ ва Аҳмад Котиби Балхӣ буданд. Аммо машҳуртарин муридони Аҳмад Айнулкузот Ҳамадонӣ буд, ки ҳарчанд худ тариқаҳое таъсис надод, аз чиҳати шарҳи афкор ва таълимоти Ғаззолӣ аз дигар муридон ба маротиб муҳимтар буд.

Пеш аз зикри ин осор, чанд нукта ҳаст, ки дар бораи ҳамаи онҳо ба таври куллӣ метавон гуфт. Осори Аҳмади Ғазззолӣ монанди навиштаҳои бародараш Абӯҳомид бархе ба форсӣ ва бархе ба арабӣ аст. Аммо бар хилофи Абӯҳомид Аҳмад китоби бузурге монанди «Эҳёи улум» ё «Кимиёи саодат» нанавишта аст. Навиштаҳои ӯ умуман номаҳо ё рисолаҳои кӯтоҳест, ки бештар дар посухнома ё бино ба тақозои муридону дӯстон навишта шудааст. Бузургтарин асари ӯ «Лубоб-ул-эҳё» аст, ки он ҳам дар ҳақиқат тасниф ба шумор намеояд, зеро хулоса ё баргузидаи «Эҳёи улум» мебошад [111, 186].

Тақсими дақиқи ин осор мувофиқи мавзӯҳо дар шароити кунунӣ, ки ҳамаи онҳо шинохта нашудаанд имконнопазир аст. Барои ҳамин фақат нусхаҳои мавчуд бударо бо мушаххасоти нашри онҳо ба тартиби ҳуруфи алифбо номбар мекунем:

1. «Баҳр-ул-ҳақиқа» بَحْرُ الحَقِيقَة - ин китоб дар масоили ирфони назарӣ навишта шудааст ва дар миёни осори Аҳмади Ғаззолӣ аз ҳама муфассалтар буда, шомили як муқаддима ва ҳафт фасл (маърифат, чалол, ваҳдоният, рубубият, алваҳият, чамол ва мушоҳида) мебошад. Ин китоб тавассути Насруллоҳ Пурчаводӣ пас аз тасҳеҳ аз рӯи як нусхаи хаттӣ мунҳасир ба фард (китобхонаи Мали Париж, шумора 1590) бо ду муқаддимаи форсӣ ва англисӣ дар зимни интишороти анчумани фалсафа дар Урдубиҳишт 1356 дар Теҳрон ба чоп расидааст.

2. «Баҳр-ул-маҳаббат фӣ асрори-л-мавададдат» – بحر المحبة في اسرار المودة

(Тафсири сураи Юсуф). Ин китоб ба тозӣ аст ва ба Абӯҳомид низ гоҳе нисбат дода шудааст. Аҳмад дар ин тафсир қиссаи Юсуф алайҳиссаломро таҳти унвони «Ал-қисса» ба тафсил нақл карда, дар зимни ҳикояти Юсуф

саъй кардааст, ки матлабҳои маънавӣ ва пандомезро таҳти унвони «Ан-нукта» ё «Ҳикоят» зикр кунад. Бисёре аз нукоту ишорот ва ҳикояҳои ин китоб дар тафсирҳои баъдӣ, бахусус тафсире, ки ба Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зайни Тӯсӣ (53) мансуб аст, тарҷума ва нақл шудааст.

Тарҷумаи форсии ин асар тавассути Мирзо Абулҳусайн анҷом гирифта, таҳти унвони «Асрори ишқ» ё «Дарёи муҳаббат» ба номи Абӯҳомид дар чопхонаи Олии Теҳрон 1325 ба табъ расидааст.

3. «Бавориқ-ул-алмоъ» – بوارق الألماع

Ин рисола, ки унвони комили он «Бавориқ-ул-алмоъ фир-радди ъала ман юҳриму-с-самоъа биличмоъи» мебошад, дар бораи самоъи сӯфия ба арабӣ навишта шудааст ва нависанда дар ибтидои рисола номи худро зикр кардааст. Ҷеймс Робсон матни арабӣ ва тарҷумаи англисии онро бо матни арабӣ ва тарҷумаи англисии рисолаи «Заммул-малоҳи», ки навиштаи Ибни Аби Дунё буда, дар соли 1938 дар Лондон чоп шудааст, ҳамроҳ ба нашр расонидааст.

4. «Ат-тачрид фӣ калимати-т-тавҳид»- التجريد فى كلمة التوحيد

Ин рисола ба забони арабӣ буда, дар тафсири калимаи «Ло илоҳа иллаллоҳ» навишта шуда, монанди «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аз фусули кӯтоҳ иборат аст. Муаллафоти Ғаззолӣ. Абдураҳмони Бадавӣ. с. 8-326, 8-356 ва 385. Ин рисола дар соли 1907 дар Қоҳира ба чоп расидааст.

5. Достони мурғон. «Рисолат-ут-туюр» – رسالة الطير

Рисолест кӯтоҳ ва эҳтимолан тарҷумаи форсии «Рисолату-т-туюр», ки мансуб ба Абӯҳомид аст, мебошад. Ду нусхаи хаттӣ аз ин рисола мавҷуд аст, яке дар китобхонаи Ҳамидия ва дигаре дар Бангол. Нусхаи чопии ин рисола бо тасҳеҳи Насруллоҳи Пурҷаводӣ дар соли 1355 дар Теҳрон аз рӯи нусхаи Ҳамидия ба чоп расидааст.

Достони мурғон ва парвозашон ба сӯи симурғ дар садаҳои панҷум ва шашуми ҳиҷрӣ дар фарҳанги сӯфия ривоҷ дошт, «Рисолату-т-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ аввалин асари форсӣ аст, ки дар он ин достон ба таври комил ривоят шуда ва аз ҷумлаи ганҷинаҳои гаронбаҳои адаб ва ирфони форсӣ ба

шумор меравад. «Рисолату-т-туюр» достоне рамзӣ дар бораи сайру сулуки ирфонӣ аст, ки то кунун чандин бор тасҳеҳ ва чоп шудааст ва ба забони англисӣ низ тарҷума шудааст.

«Рисолату-т-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст. Ба ин сабаб, нашри он ба хатти кириллӣ лозим дониста шуд. Матн аз рӯи тасҳеҳи Аҳмади Муҷоҳид [22,71-80] бо тавзеҳоти лозимӣ таҳия гардидааст.

6. «Аз-Захира фӣ ъилми-л-басира»- الذخيره فى علم البصيرة

Номи ин рисола дар бештари тазкираҳо ба унвони яке аз муаллафоти Аҳмади Ғаззолӣ зикр шудааст. Броккелман онро «Аз-захира лиаҳлил басира» хонд ва се нусхаи хаттии онро муаррифӣ кардааст.

7. «Рисола фӣ ло илоҳа иллаллоҳ» – رساله فى لا اله الا الله

Як нусха аз ин рисола бино ба қавли Броккелман дар Париж аст ва нусхаи дигар низ дар китобхонаи Сулаймония мебошад. Мумкин аст ҳамон рисолаи «Ат-таҷрид фи калимати-т-тавҳид» бошад.

8. «Сиррул-асрор фӣ кашф-ил-анвор»- سر الأسرار فى كشف الأنوار

Нусхаҳое аз ин рисола дар мулҳақи фехристи Броккелман муаррифӣ шудааст.

9. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» – سوانح

Савонеҳ-ул-ушшоқ яке аз маъруфтарин китобҳои Аҳмади Ғаззолӣ буда, бо забони форсӣ навишта шудааст. *Ин китоб* аз ҷумлаи осори муҳими Аҳмади Ғаззолӣ маҳсуб мешавад, ки дар адабиёти классикии форсу тоҷик ҷойгоҳи хоса дорад. Дар китоб Ғаззолӣ ҳикоётеро аз ҳаёти Лайливу Маҷнун ва Маҳмуду Аёз зикр намудааст. Аҳмади Ғаззолӣ китоби мазкурро бо хоҳиши яке аз дӯстонаш «... дар маониву аҳвол ва асрори ишқ» [116, 934] навиштааст, ки 77 фаслро дар бар доштааст [94, 505]. Китоб бо насри омехта бо назм иншо шуда, дар он асрору маонии ишқро дар фаслҳои алоҳида мавриди баҳс қарор медиҳад ва дар ҳар яке аз фаслҳо ҳикоёт, гуфтору ашъор, рубоиёту ғазалҳои арабиву форсӣ истифода гардидааст. Китоб бо шеваи сода ва омафаҳм навишта шудааст. Нахустин бор тавассути муҳаққиқ, фақеҳи

олмонӣ Ҳелмут Риттер дар соли 1942 дар Истамбул зимни силсилаи «Ан-нашриёт-ул-исломия» аз рӯи панҷ нусхаи хаттӣ тасҳеҳ ва чоп шуд. Тавассути Ҳомид Раббонӣ зимни «Ашъатул-ламаот»-и Ҷомӣ ва чанд рисолаи ирфонии дигар (интишороти китобхонаи Илмияи Ҳомидӣ дар соли 1352 дар Теҳрон) ва боз тавассути доктор Ҷаводи Нурбахш интишороти хонақоҳи Неъматуллоҳ дар соли 1352 дар Теҳрон ба чоп расидааст.

Китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ», ки дар воқеъ рисолае оид ба ишқ аст, то кунун ҳашт бор ба табъ расидааст ва бар он панҷ шарҳ навишта шудааст.

Нахустин бор Ҳелмут Риттер мусташриқи олмонӣ дар соли 1942 бар асоси нусхаҳое, ки дар Туркия гирдоварӣ шуда буд, ба тасҳеҳ ва табъу нашри матни «Савонеҳ-ул-ушшоқ» пардохт. Ӯ дар бораи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» гуфтааст: Мушкил битавон китобе ёфт, ки равоншиносиро то чунин мартабаи баланд таҷзия ва таҳлил карда бошад». Инчунин аз тарафи Маҳди Баёнӣ, Аҳмад Гулчини Маъонӣ, Эраҷи Афшор, Ҳомиди Раббонӣ, Ҷаводи Нурбахш, Аҳмад Муҷоҳид ва Насруллоҳи Пурҷаводӣ ин китоб ба табъ расидааст [111, 78].

10. «Фараҳул асмоъ» – فرح الأسماء

Бино ба гузориши Броккелман дар мулҳақи фехраст як нусха аз ин рисола дар Лакинхав мавҷуд аст.

11. «Калимот дар тақрири мақомот»- كلمات در تقرير مقامات

Рисолаест ба забони форсӣ «Дар тақрири мақомоти машоих дар ишқ» шомили ҳашт боб аст:

Боби аввал дар илми тавҳид;

Боби дуввум дар илми маърифат;

Боби сеюм дар илми ҳолат;

Боби чаҳорум дар илми муомилот;

Боби панҷум дар илми мукошифот;

Боби шашум дар илми хитоб;

Боби ҳафтум дар илми самоъ;

Боби ҳаштум дар илми ваҷд.

Ин рисола ҳам ба Аҳмади Ғаззолӣ нисбат дода шудааст ва ҳам ба Муҳаммад ва зоҳиран фақат як нусхаи хаттӣ аз он дар Лейдан мавҷуд аст.

12. «Лубоб-ул-эҳё»- لباب الاحياء

Ин китоб аввалин хулосаест, ки аз «Эҳёи улум ад-дин» таҳия гардида, ғолибан ба Аҳмади Ғаззолӣ нисбат дода шудааст. Бо номҳои «Лубоб-ул-эҳё», «Эҳё улум ад-дин», «Мухтасар-ул-эҳё» ва ё ҳатто «Рисола филмавъиза» низ хонда шудааст. Нусхаҳои хаттии мутаадиде аз он мавҷуд аст. Ду бор дар ҳошияи «Назҳат-ун-нозирин»-и Абдулмалик ибни Мунир дар соли 1328 ҳиҷрӣ-қамарӣ дар Қоҳира ба чоп расидааст.

13. «Ишқия» – عشقيه

Рисолаест, ки дар мулҳақи феҳристи Броккелман аз он ном бурда шуд, мумкин аст ҳамон Савонеҳ-ул-ушшоқ бошад.

14. «Айния» – عينيه

Ин рисолаи кӯтоҳ дарвоқеъ номаест, ки Аҳмади Ғаззолӣ ба яке аз муридонаш навиштааст, дар ҳақиқат исме надорад (ҳарчанд ки нависанда дар ибтидо ба унвони «рознома» ишора кардааст). Лекин ба номи «Айния» машҳур ва ба номҳои «Саломия» ва «Мавъиза» низ хонда шудааст. Нусхаҳои хаттии фаровоне аз ин рисола мавчуд аст. Ин асар се бор ба табъ расидааст: як бор бо унвони «Айния» аз рӯи як нусхаи хаттии бисёр ноқис дар маҷаллаи «Армуғон» соли 1308 дар шумораи 1, саҳифаҳои 8-42, бори дуввум бо унвони «Тозиёнаи сулук» аз рӯи ду нусхаи хаттӣ тавассути Насруллоҳи Тақвӣ дар Теҳрон соли 1339 ҳиҷрӣ ва бори сеюм бо унвони «Мавъиза» аз рӯи як нусхаи хаттӣ тавассути доктор Ҷаводи Нурбахш ҳамроҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ин ҳам дар Теҳрон, 1352 ҳиҷрӣ ба чоп расидааст.

15. «Латоиф-ул-фикр» – لطائف الفكر

Бино ба гуфтаи Насруллоҳ Пурҷавод дар мулҳақи феҳрист як нусха аз ин рисолаи арабӣ дар китобхонаи Берлин мавҷуд аст. [111, 98].

16. «Маҷолис-ул-ғаззолия» – مجالس الغزاليه

Ин маҷолисро ба Абӯҳомид низ нисбат додаанд, валекин ҳамон тавр ки Субкӣ дар «Табақоту-ш-шофеъия» изҳор кардааст, аз Аҳмад аст. Ин

маҷолисро Соуд ибни Фориси Лаббонӣ ҷамъоварӣ кард ва Субкӣ аз қавли Ибни Саллоҳ нақл кардааст, ки ӯ чаҳор ҷилд аз ин маҷолисро, ки ҷамъан 83 маҷлис буд, дидааст. Зоҳиран нусхаҳое аз маҷолиси Аҳмад дар китобхонаи шахсии Фахриддин Насирӣ дар Теҳрон мавҷуд аст.

Гуфтаанд, ки маҷмӯаҳое аз маҷолиси ваъзи Ғаззолӣ дар Бағдодро яке аз муридон ба номи Соуд ибни Фориси Лаббонӣ тадвин кард ва ин маҷмӯа бар 83 маҷлис буд [49, 60].

Пораҳое аз ин маҷолис дар манбаъҳои мухталиф дарҷ шудааст:

Яке аз ин манобеъ китоби «Ал-қисас ва-л- музаккирин» [49, 54-156] асари Ибни Ҷавзӣ (вафот 597) аст, ки дар он аз маҷолиси Ғаззолӣ дар Бағдод ёд шудааст. Ибни Ҷавзӣ дар китоби «Ал-мунтазам» [42, 238-239] низ зимни шарҳи аҳволи вай, бархе аз маҷолиси Аҳмадро нақл кардааст. Матолиби Ибни Ҷавзиро нависандагон аз ҷумла, Ибни Ҳиҷри Асқилонӣ (вафот 852) дар «Лисону-л-мизон» овардаанд. Аксари маҷолисе, ки аз Аҳмади Ғаззолӣ ба ҷо мондааст, ба забони арабӣ аст. Аммо ӯ маҷолисе ҳам ба забони форсӣ доштааст.

17. Мукотиботи Аҳмади Ғаззолӣ бо Айнул-қузот Ҳамадонӣ

Мактубот. Дар байни осори Ғаззолӣ мактубот низ ҷойгоҳи хоса дорад. Дар ин маҷмӯа посухҳои Аҳмади Ғаззолӣ ба Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дарҷ гардидаанд. Номаҳои Ғаззолӣ «бар равиши макотиби машоих ва уламои аҳд омехта ба ишороти мухталиф аз оёту ҳодис аст» [116, 934]. Китоб бо номи «Мукотиботи Хоҷа Аҳмади Ғаззолӣ бо Айнулқуззоти Ҳамадонӣ» аз ҷониби Насруллоҳи Пурҷаводӣ тасҳеҳ ва нашр шудааст.

Аз миёни номаҳое, ки Аҳмади Ғаззолӣ ва Айнул-қузот Ҳамадонӣ ба якдигар навиштаанд. Як нома аз Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ва ҳафт нома аз Аҳмади Ғаззолӣ то кунун шинохта шудааст. Маҷмӯи ин номаҳо тавассути Насруллоҳ Пурҷаводӣ дар соли 1398 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба чоп расидааст.

18. Мактубе аз Аҳмади Ғаззолӣ

Номаи форсие бе шарҳи ном аст ва монандӣ ба рисолаи «Айния» дорад, вале кӯтоҳтар аз он мебошад. Фақат як нусхаи хаттӣ аз он дар Китобхонаи

марказии донишгоҳи Теҳрон, маҷмӯаи 1305 дида шудааст. Аз рӯи ҳамин нусхаи хаттӣ ин нома тавассути Насруллоҳ Пурҷаводӣ дар маҷаллаи «Ҷовидон Хирад, соли саввум, шумораи аввал, соли 1354, с. 32-37 ба чоп расидааст.

19. «Манҳаҷу-л-албоб» – منهج الالباب

Бино ба гуфтаи Броккелман ин рисола дастуроти сӯфиёнаест, ки нависанда ба муридаш додааст. Як нусха аз ин рисола дар китобхонаи Берлин мавҷуд аст.

20. «Маймуна» – میمونه

Ин рисола дар феҳристи Тошканд, ҷилди 3, саҳифаи 162, дар маҷмӯаи шумораи 754 муаррифӣ шуда, гуфта шудааст, ки рисола дар бораи истикмоли нафс ва матолибе, ки солик бояд ҳангоми сулук донад, иншо гардидааст. Таърихи китобати нусхаи мазкур 1078 ҳиҷрӣ мебошад.

21. «Натоиҷу-л-хилва ва лавоиҳу-л-ҷилва»

Номи ин рисолаи арабиро Броккелман дар мулҳақи феҳрист зикр кардааст. Як нусхаи хаттӣ аз ин рисола дар Қоҳира мавҷуд аст 28, 277].

22. Пандномаҳо

Шомили ду васиятномаест аз ӯ, ки барои шоҳе навишта гардида, дар соли 1311, 46 с. чоп шудааст.

Оғоз: ин васиятест, ки Хоҷа аҳмад...

Ғаззолӣ яке аз дӯстони Хоҷа фармуда... ҳамд лаҳу.

Салавот ... ва мо амару илло лияъбудуллоҳа лаҳу -ад-дина ва баъд халқро аз барои бандагӣ оварданд, на барои дунёпарастӣ.

«Халқро аз барои бандагӣ овардаанд, на барои дунёпарастӣ. Халқ дар он чи мебояд роҳ намебаранд, роҳ ба Худои Таъоло мебояд рафт ва то наравӣ, нарасӣ ва агар нарасӣ то абад ҳасрат бар ҳасрат бувад...».

23. Мақолаи руҳ - Мақолаест бисёр мухтасар дар бораи рӯҳи одамӣ.

Дар маҷмуъ, аз таҳқиқу таҳлил ва баррасии мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ бармеояд, ки ӯ бо таълифоти гаронқадри хеш тавонистааст, ки дар ташаккули насри ирфонии тоҷику форс саҳифаҳои тозае боз намояд. Осори

бозмондаи Аҳмади Ғаззолӣ, бузургонеро ба мисли Фахруддин Ироқӣ, Аттори Нишобурӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ таҳти таъсири худ қарор додааст. Омӯзиши амиқи осори ин орифи номвар метавонад саҳифаҳои номакшуфи адабиёти ирфонии асри XI-ро боз намояд.

## Хулосаҳои боби аввал

Аз таҳқиқу барраси масоили меҳварии боби аввли диссертатсия бармеояд, ки рӯзгоре, ки Аҳмади Ғаззолӣ дар он бар сар бурдааст, яке аз даврони мушкили таърихи гузаштаи мо ба шумор меравад. Пас аз фурӯпошии давлати Сомониён дар қаламрави паҳновари он чандин ҳукуматҳои дигар арзи ҳастӣ намуда, қудратхоҳиву ҷоҳталабӣ, мубо099ризаҳои сиёсиву иҷтимоӣ афзун гардид. Вале ба ин нигоҳ накарда, адабиёти тоҷику форсу роҳи ташаккул ва таҳаввули хешро паймуда, чи дар назму чи дар назм ба дастоварҳои шоёне мушарраф гардид. Хосатан, дар насри классикии форсу тоҷик тамоюлҳои тозае ба вуҷуд омаданд, ки яке аз онҳо насри ирфонӣ дар баробари насли фалсафӣ, ҳикмати амалӣ ва илмӣ ба шумор меравад. Ин навъи насри классикии форсу тоҷик ҳарчанд намунаҳоеро аз асри шукуҳи адабиёти миллии тоҷикон- даврони Сомонӣ ба мерос гузошта, бо ин оғози ҳастии хешро ба ин замон пайванд бахшидааст, вале дар қуруни баъдӣ, хоса замони зиндагонии Аҳмади Ғаззолӣ авҷи шукуҳи хешро паймудааст, ки таълифоти худи ӯ далели возеҳи ривоҷи ин навъи наср ба шумор меравcareнд.

Аҳмади Ғаззолӣ, ки номи пурраи ӯ Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад, рӯзгори пурбаракатеро сипарӣ намудааст, ки барои насли имрӯзу фардо ибратомӯз аст. Ҳарчанд аз меҳри падарӣ барвақт маҳрум монд, вале дар тарбияи бародари худ олим ва фақеҳи маъруфи асри хеш – Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ва донишмандони дигар ба камол расида, дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик мақоми шоистаеро касб намуд. Пайдост, ки Имом Муҳаммади Ғаззолӣ ҳарчанд дар улуми динӣ мақоми хосаеро дарёфта, ҳукми устоди барҷастаи замони хеш ва худи Аҳмади Ғаззолӣ мебошад, вале мақоми маънавии додари худро ҳамчун орифи номвар, нависандаи соҳибназар ва мутафаккири бузургу барҷаста эътироф намуда, меросашро тақдир намудааст.

Аз Аҳмади Ғаззолӣ то мо мероси гаронбаҳое боқӣ мондааст, ки донишмандон ва пажӯҳишгарони осораш 23 рисола аз ӯро баршумурдаву муаррифӣ карданд. Ҳарчанд дақиқан ҳамаи осори адиб то замони мо омада

нарасиданд, вале муҳимтарин таълифоти вай чун «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» дар таҳаввули насри ирфонии тоҷик нақши муассир гузоштаанд. Агар рисолаи аввал дар шарҳи ишқ ихтисос дорад, таълифи дувуми ӯ яке аз достонҳои арзишманди рамзии марбут ба парандагон аст, ки барои ривоҷи чунин навъи таълифоти осори мансур ва манзум нақши муассир гузоштааст.

## Боби II. Сохтору муҳтаво ва ҷанбаҳои ирфонии насри Аҳмади Ғаззолӣ дар мисоли «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»

### II.1. Нусхаҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»

Пажӯҳишгарону ховаршиносон [17, 15; 22, 54] сарчашмаи таҳқиқи зиндагиномаи Ғаззолӣ ва тавсифи китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат туюр»-ро ба се даста тақсим намудаанд:

Якум, китобҳо ва мақолаҳои таҳқиқии донишмандони Шарқу Ғарб.

Дуюм, суханони арзишманде, ки муаррихону адибон, фақеҳону муфассирон ва фарҳехтагони дигар улум дар давоми бештар аз нуҳсад сол дар ҳаққи вай навиштаанд ё аз осоре хондаву мондаи ӯ дар китобҳои худ нақл кардаанд.

Сеюм, таълифоти ба забонҳои арабию форсӣ нигоштаи худи Ғаззолӣ, ки бархе аз онҳо метавонанд баёнгари зиндагии пурнишебу фарози ӯ бошанд, зеро осори бозмонда аз Ғаззолӣ аҳли таҳқиқро то андозае аз ҷустуҷӯи китобҳои тазкиравию тарҷумаҳолӣ бениёз мегардонанд, зеро муҳимтарин нукоти рӯзгори ӯ дар ин осор таҷассум ёфта, бештари лаҳазоти зиндагонияшро аз рӯи таълифоти худаш метавон барқарор намуд.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» бузургтарин ва муҳиммтарин асари Ғаззолӣ дар даврони камолоти фикрӣ ва руҳии ӯст. Ин асарҳоро Ғаззолӣ дар даврони канорагирӣ аз тадрис дар мадрасаи Низомия ва баъд аз дигаргуниҳои руҳӣ ва шӯридагиҳои фикрӣ ба риштаи таҳрир кашида, ҳосили муроқаботи сӯфиёна ва мутолеоти олимонаи худро дар он инъикос намудааст.

Асоси «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» андеша ва назарияи ишқ, ирфон ва тасаввуф буда, ишқ пуррангу муфассалтар шарҳ гардидааст. Такя бар қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб «Ҳадафи Ғаззолӣ дар «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр», дар воқеъ тарбияти сӯфиёна буда, дар назди ҳеҷ мутафаккири исломӣ, ба андозаи Ғаззолӣ то ин ҳад, фикри мустақил ва бадеъ роҷеъ ба тасаввуфро наметавон дарёфт намуд» [88, 187].

Дар бораи мавҷудияти нусхаҳои хаттии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар китобҳои мухталиф, хоса пешгуфтори мутуни осори вай, ки донишмандон таҳия ва нашр намудаанд, маълумот дода мешавад. Аз ҷумла, Аҳмади Муҷоҳид дар муқаддимаи китоби «Шуруҳи Савонеҳ-ул-ушшоқ» 26 нусхаи хаттии «Савонеҳ ул-ушшоқ»-ро дар китобхонаҳои кишварҳои Туркия, Эрон, Инглистон, Амрико муаррифӣ кардааст, ки аксари онҳо ниёз ба таҳқиқ доранд.

Дар умум, нусхаҳои хаттии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» инҳоанд:

**Нусхаҳои хаттии «Савонеҳ-ул-ушшоқ»**

1. Нусхаи китобхонаи Аёсӯфияи Туркия бо шумораи 4821, саҳифа 96 алиф то 123 б. Таърих 1677 ҳиҷрӣ.
2. Нусхаи китобхонаи Купарвалу 1589, саҳифа 43 б то 41 б. Ин маҷмӯаи бузург дар таърихи 754 истинсох шуда, шомили 100 рисола аст.
3. Нусхаи китобхонаи Отиф 2241, барг 464 б то 477 б. Ба хати китобии шерозӣ дар соли 828 навишта шудааст.
4. Нусхаи китобхонаи Нури усмония 2467. Дар қарни 9-10 ҳиҷрӣ китобат шудааст.
5. Нусхаи китобхонаи Нусхаи хаттии маҳфуз дар китобхонаи анҷумани осиёи Бангол, Калисиюн Карзан 3, 59, с 40 б то 73 б. Таърихи китоб ба қарнҳои XII-XIII мансуб аст.
6. Ҳамон китобхона 201 а1. Қарни 12-13. Рк. Айвониф, ҳамон китоб шумораи 47.
7. Нусхаи китобхонаи марҳум Муҳаммад Шофеи Лоҳурӣ, ки дар китобхонаи феҳристнашудаи он марҳум дар Лоҳур нигаҳдорӣ мешавад.
8. Нусхаи нафис ва комил аз рубъи «Муҳликот» мутааллиқ ба «Дор-ул-қавмияти» дар Қоҳира.
9. Нусхаи китобхонаи подшоҳи Афғонистон дар Кобул, ки ин нусха дар сафҳаи 15 феҳристи Баркӯӣ, таҳти №2206 муаррифӣ шудааст. Ва нигорандаи ин сутур марҳум Муҳаммад Довуд, ки тавонист асли нусхаро дар Кобул

баррасӣ кунад. Соли китобати нусхаи Кобул 1124/1712 сабт шуда ва котибаш Муҳаммад Тоҳо ибни Абдурраҳим ибни Ҳоҷӣ Муҳаммад Сулаймонӣ сабт ёфтааст.

10. Дар феҳристи Аҳмади Мунзавӣ дар бораи ин як нусхаи дигари «Савонеҳ» чунин маълумот рафтааст. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ас-савонеҳ фил ишқ. Аз Шайх Аҳмади Ғаззолӣ Тӯсӣ, Абулфутуҳ писари Муҳаммад бародари кеҳтари Имом Муҳаммади Ғаззолӣ, дар даҳ соли дурии бародараш (488 то 498қ/ 1095 то 1105 м) ба ҷои ӯ дар мадрасаи Низомияи Бағдод меомӯзонд ва маргашро (517, 518, 520 қ/ 23, 24, 1126м) навиштаанд [94, 987].

11. Муштарак 3/1570 (3 нусха); нусхаҳо 2/ 1203 (10 нусха); Эълом 1/ 120 Ғаззолӣ; Сафо 2/ 932 то 935 корҳояш аз он миён ҳамин; Нафисӣ 1/ 69 Ғаззолӣ, 111 Ҳамадонӣ; Каҳола 2/ 147; маҷаллаи адабиёт, Теҳрон 1346 х ш 55 с 302. Чопи саввум аз устод Ирҷ Афшор; Мишор 3/ 3078 се чоп; Мишор, муаллифин 1/ 429; пешгуфтор чопи «Баҳр-ул-ҳақиқа» аз дуктур Аҳмади Муҷоҳид; Фарҳанги Эронзамин 1346х/ 300 [22-40].

12. Остони Қудси Разавӣ 4/130; ҳамонҷо, номгӯ 313 (2 нусха); Ашкурӣ 15/ 180; донигоҳ ш 2/ 5464; филм 1/ 124, 408, 467, 487, 504; ҳамонҷо 2/ 51, 289, ҳамонҷо 3/ 39, 110, 165; Сипаҳсолор 5/ 120; маҷлис 10/ 403; Мулк 8/ 129, ш 3/ 4196, 4931; Машҳад, Гавҳаршод, 1564; Малӣ, ш 16/ 992.

13. Ата 87, 624, 1924; Аёсуфия ш 10/ 4821; Ивонаф, Карзан, 406, 407; Башир Ҳусайн, Широнӣ 2/ 240, 406 (!); Отиф Афандӣ ш 5/ 2241 Купарвалу 110/ 1589; ЛоЛо Исмоил, 35/ 487; Ганҷ 2/717; Навшоҳӣ, Муза 235. Феҳраствораи китобхонаи форсӣ, ҷ7, с: 506.

**Нусхаҳои хаттии Рисолат-ут-туюр: Достони мурғон**

1. Нусхаҳо 2/ 1157 «Рисолат-ут- туюр: Достони мурғон» (2 нусха); 1143 «Достони мурғон» (1 нусха); Филмҳо 1/ 423 «Достони мурғон»; Остон Қудс-ул-фабоӣ 398 «Тайр». Мунзавӣ Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ. –Ҷ.1. –Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ. –с.413.

2. Нусхаҳо 2/ 1157 «Рисолат-ут- туюр: Достони мурғон» (2 нусха); 1143

3. «Достони мурғон»; эълом 1/ 120; Нафисӣ 1/ 68 «Рисолат-ут-туюр» бародараш; Мишор, муаллифин 1/ 429.

4. Остони Қудс, номгӯ «Ат-тайр» филм 1/ 423 «Достони мурғон» Ҳамидия 7/ 1447. Мунзавӣ Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ. –Ҷ.6. – Теҳрон: Маркази доиратулмаорифи бузурги исломӣ. - С.152.

Дар натиҷаи баррасии сайри нусхашиносӣ метавон чунин гуфт: нусхаҳои хаттии осори Аҳмади Ғаззолӣ то ба имрӯз ба таври бояду шояд аз нигоҳи нусхашиносӣ омӯхта нашудааст. Донишмандони машҳур, ки умри худро барои омӯзиши осори Ғаззолӣ масраф кардаанд, маълумоти кӯчаке роҷеъ ба нусхаҳои осори Ғаззолӣ пешниҳод кардааст. Аммо ин тарафи масъала бояд аз нигоҳи нусхашиносӣ ва матншиносӣ ба таври пурра ва ҳаматарафа омӯхта шавад.

## II.2. Сохтор ва муҳтавои «Савонеҳ-ул-ушшоқ»

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» яке аз шоҳкориҳои беназири Аҳмади Ғаззолӣ аст, ки аз писандидатарин осори мансури ирфонии форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Ин китоб аз осори пуразишест, ки дар асри дувоздаҳуми мелодӣ ё ба таъбири дигар дар даврони ҳамлаи муғул таълиф шуда, аз ҳамон рӯзгор то ба имрӯз ҳамвора мавриди таамул ва истифодаи андешамандон қарор гирифтааст. Бузургони адабу ирфон ҳам ба монанди Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ ва «Лисон-ул-ғайб»-и Ҳоҷа Шамсуддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ аз он бархурдорӣ ёфтаанд. Бисёре аз нусхаи хатии ин китоб ҳам гувоҳ бар он аст, ки чӣ гуна ин ганҷинаи ҳақоиқ ҳамвора мавриди таваҷҷуҳ ва инояти муштоқони адабиёти форсӣ тоҷикӣ будааст. Дар бораи шӯҳрати ин китоб махсусан ҳама ҷо аз орифи ошиқ ба соҳиби «**Савонеҳ-ул-ушшоқ**»-и Аҳмади Ғаззолӣ ёд кардаанд [111, 53].

Ангеза ва як сабаби таълифи китоби «**Савонеҳ-ул-ушшоқ»** шогирдон ва муридони Аҳмади Ғаззолӣ мебошанд. Дигар иллати навиштани китоб он аст, ки дар тариқат китобҳо «бештар ба забони тозӣ» иншо мешуд ва «порсизабононро аз он зиёд фоида» намерасид. Маҳз орифон ҳамин чиҳатро ба инобат гирифта, маҷмӯаеро ба забони форсӣ таълиф намуда буданд. Аз ин

вачҳ муаллиф тасмими нигоштани маҷмӯаеро гирифта, дар як замони пурошӯбу нобасомон (ба забони ноби форсӣ) даст ба эҷод задааст. Ҳамин аст, ки пора-пора ва ё мусаввадаҳои «**Савонеҳ-ул-ушшоқ**»-ро Аҳмади Ғаззолӣ «дар ҳар мавзее» навишт. Муаллиф таҳқурсии онро пеш аз тохтутози муғул ниҳода, вале аз сабаби он ки фурсату фароғат даст намедод ин кор нотамом монда буд. Баъд аз оғоз шудани нахустин ҳамлаҳои муғули хунхор ва кушторҳои пай дар пай аз ин тӯфони бало ба кишвари Рум паноҳанда шуд. Ин ҷо узлат ихтиёр кард ва фурсату фароғатро муносиби ҳоли худ ёфт.

Аҳмади Ғаззолӣ аз орифони ошиқ мебошад ва дар баҳси илму ишқ тавонмандии ишқро қоил аст. Дар ин мавзуъ рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро, ки ба маънои «тафаккур» ва «андешаҳо» аст, таълиф кардааст. Ин рисола аз беҳтарин рисолаҳост, ки ба забони форсӣ дар бораи ишқ таълиф шудааст. Таълимоти ишқи ирфонӣ дар адабиёти форсу тоҷик аз ҳамин рисолаи диловез ибтидо мегирад. Аҳмади Ғаззолӣ бо ин асари муҳими худ нақши равшане дар таълимоти ирфонӣ гузоштааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»- дар ҳудуди 508 ҳиҷрӣ-қамарӣ тасниф шудааст. Ин китоб, аввалин асари мустақили ишқӣ буда, дар бораи ишқи мутлақ баҳс мекунад. Дар истилоҳи тасаввуф «Савонеҳ-ул-ушшоқ» илми завқест, ки аз олами арвоҳ бар қалби инсонӣ нозил мешавад». Чун ошиқон ва шефтагони ҷамоли шоҳиди азалӣ бар асари ҷилваҳои раббонӣ, сайри сулуки ошиқона, ҷазбаҳои шавқ ва сармастии завқ дилро ҷойгоҳи таҷаллии анвори сармаде қарор додаанд, ба чунин маърифате восил мешаванд. Барои ҳамин, Аҳмад ин китобро «Савонеҳ-ул-ушшоқ» номид, ки мавзӯаш ишқи мутлақ дар сайри нузулу суъуд, гирифториҳо ва мушкилоти ошиқ дар ин дунё аст. Ин асар дарвоқеъ рисолаест, ки ба зоҳир мухтасару муҷмал, вале дар ботин бениҳоят муфассал, ҳамвор чун хуршеде дурахшида, ҷони муштоқонро нуру зиё бахшида, шефтагонро сармаст ва дилбохтагонро шайдои худ намудааст. Маҳз тобиши анвори маърифат аз олами арвоҳи муҷаррад бар дили Шайх буд, ки орифонро маърифату ошиқонро расми ишқу ошиқӣ омӯхтааст. Айнулқуззоти Ҳамадониро дар таснифи «Лавоиҳ» ёрӣ дод ва Фахриддини

Ироқиро мадад бахшид, ки бар сунани «Савонеҳ-ул-ушшоқ», «Ламаот»-ро бингорад, Наҷмиддини Розиро нерӯ бахшид то «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро арза дорад, Аттори Нишопурӣ, Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, Шайх Муслиҳиддин Саъдӣ, Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ ва дигар ошиқони сӯхтаро ба сурудаҳои ошиқона барангезид, то оташ ба хирмани ҷони муҳиббон зананд. Изуддини Кошонӣ (вафот 735 ҳиҷрӣ)-ро водошт, то шарҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро таҳти унвони «Маснавии кануз-ул-асрор ва румуз-ул-аҳрор» ба назм кашад ва касони дигарро низ ба дарёи маъонии худ кашонидааст [111, 77].

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» бо забони форсӣ ва насри омехта ба назм навиша шуда, оид ба масъалаҳои ишқ, ошиқу маъшуқ аз дидгоҳи сӯфиёна сухан мекунад. Матолиби ирфонӣ дар ин китоб ба сурати муҷмал ва ба забони ишора дар ҳафтоду ҳафт фасл, ки аксари онҳо фаслҳои кӯтоҳанд, навишта шудааст ва муаллиф барои баён кардани матлаб абёти ошиқонаву ҳикоёти ишқӣ низ нақл кардааст.

Барои шинохти беҳтари китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» назарҳои орифон ва соҳибони қалам, ки дар боби ин асар омадааст, нақл мекунем:

1. Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ (вафот 835) дар рисолаи «Кануз-ул-асрор ва румуз-ул-аҳрор» шарҳи манзум бар ҳамин рисола навиштааст.

2. Низомиддин Ғариб (вафот 750) менависад: «Таълифот ва таснифоти Ғаззолӣ муътабар ва мақбули тавоиф аст ва яке аз онҳо Савонеҳ-ул-ушшоқ аст, ки маншаъи Шайх Фахриддини Ироқӣ шуд».

3. Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ менависад: «Таснифот ва таълифоти муътабар ва расоили беназир дорад ва яке аз онҳо рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аст».

4. Амин Аҳмади Розӣ менависад: «Шайх Аҳмади Ғаззолӣ аз асҳоби Абӯбакри Нассоҷ аст. Таснифоти муътабар ва расоили беназир дорад. Яке аз онҳо «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аст, ки «Ламаот»-и Шайх Фахриддини Ироқӣ бар сунани он воқеъ шуд».

5. Тақиуддини Авҳадӣ менависад: «Аз ӯ таълифоти муътабар, расоил ва макотиби беназир дар арса аст. Аз ҷумлаи онҳо «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аст, ки «Ламаот» чунончи мазкур шуд, бар сунани он воқеъ аст».

6. Ҳидоят менависад: «Китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро дар ғалабаи муҳаббати Айнулқуззот навишт. Он рисолае аст назман ва насран суханони хуб ва ибороти марғуб дорад».

7. Ҳелмут Риттер мусташриқи олмонӣ дар муқаддимаи худ бар рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» менависад: «Ин асари кӯчаки Аҳмади Ғаззолӣ ба номи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аз осори арзандае аст, ки дар боби ишқ навишта шуда, дар дунёи ислом арза шудааст. Донишмандоне чун Ибни Араб (вафот 638) ва дигарон, ки қабл ва баъд аз ӯ омадаанд кӯшидаанд, ки дар ин боб чизе бинависанд, вале муваффақ набудаанд».

8. Қосим Ғанӣ дар бораи китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» менависад: «Шайх Аҳмади Ғаззолӣ соҳиби китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ», ки китоби завқу шӯру ҳол аст. Лафзан ва маъноян китоби нафис ва шевое аст».

9. Саид Нафисӣ дар боби ин китоб чунин менависад: «Аҳмади Ғаззолӣ муаллифи китоби бисёр шириншевое аст ба завқи тасаввуф ба номи «Савонеҳ-ул-ушшоқ».

10. Забеҳуллоҳи Сафо дар боби китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» чунин менависад: «Муҳимтарин асари Ғаззолӣ китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и ӯ аст. Ин китобро Ғаззолӣ дар маъонии аҳволу асрори ишк, бад-он наҳв, ки мавриди таваҷҷӯҳу тааммули сӯфиён аст, навишта ва ҳар як аз асрору маъониро дар фасле мавриди баҳс қарор дода, дар зимни ин фаслҳо тамсилоти кӯтоҳ ва ҳикоёти мухтасар барои тавзеҳи баёни худ ғунҷонидааст ва ба ашъори мухталиф аз ғазал, рубоии порсӣ ва арабӣ далел овард, ки ҳама латиф ва дилангез аст. Шеваи иншои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бисёр содда ва дар айни соддагӣ пурмағзу пурмаъниӣ аст.

11. Абдулҳусайни Зарринкӯб менависад: «Дар забони форсӣ порае аз осори мансури сӯфия ҳаст, ки онҳоро метавон шеъри мансур хонд. Муноҷотҳои пири ансор ва «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ,

«Тамҳидот»-и Айнулқуззот, «Ламаот»-и Ироқӣ ва «Лавоиҳ»-и Ҷомӣ шеърҳое орифонаанд, ки дар қолаби каломи мансур маҷоли байн ёфтаанд» [88, 432].

Аз ин ҷо чунин хулоса бармеояд, ки бегумон муҳимтарин асари Аҳмади Ғаззолӣ «Савонеҳ-ул-ушшоқу-л-ушшоқ» аст, ки дар ҳақиқат, шиносномаи ӯст. Ӯ ҳар як асрору маъониро дар фасле мавриди баҳс қарор дода, дар зимни ин фаслҳо тамсилоти кӯтоҳ ва ҳикоёти мухтасар барои тавзеҳи баёни худ ғунҷонидааст ва ба ашъори мухталиф аз рубоии форсӣ ва арабӣ истифода кардааст, ки ҳама латиф ва дилангез аст. «Савонеҳ-ул-ушшоқу-л-ушшоқ» нахустин матни аслии ирфони ошиқона ба шумор рафта, мафҳуми марказии тасаввуфи Аҳмади Ғаззолӣ ишқ маҳсуб меёбад. Нахустин касе, ки ошкоро ва озодона ин вожаро ба тасаввуф роҳ дод, Аҳмади Ғаззолист. Бисёре аз нависандагону шоирон оид ба арзиши адабии «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и ӯ ақидаҳои худро баён карданд.

Аҳмади Ғаззолӣ бо иқдом ба навиштани нахустин асари мустақил дар мафҳуми ишқ, огоҳона ё нохудогоҳона сохтори хосе барои китоби худ бармегирад. Баррасии нахустин асаре, ки ба мафҳуми амиқ мепардозад, аз он ҷиҳат аҳамият дорад, ки орифони баъд аз Ғаззолӣ аз ин сохтор пайравӣ мекунанд ва касе дар инкори далолатҳои ошиқонаи алфози Ғаззолӣ сухан намегӯяд.

Ҷузъҳо ва унсурҳои гуногуне дар шаклгирии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» муассиранд. Гузиниши вожаҳо, сохтори наҳвии ҷумлаҳо, чиниши ибораҳои матн ба ҳамроҳи ҳафт ҳикояти дарунии матн дар сохти куллии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» метавонанд мавзӯи мутолиа ва баррасӣ бошанд.

Мактаби Ғаззолӣ ва ирфони вай бар ҳамаи алфоз ва раванди онҳо соя меафканад, ниҳоятан ӯ дар пайванди сурату мӯҳтаво ҳандасаи хосе аз шаклу маъно ба даст медиҳад. Агарчи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» дар зумраи мутуни ирфонӣ аст, Ғаззолӣ талош кардааст матни онро ба гунаҳое бинависад, ки на ба ишқи заминӣ ва на ба ишқи илоҳӣ нисбат дода нашавад. Ҳарчанд истилоҳоти ирфонӣ ва мафҳуми ишқи илоҳӣ дар ин матн дида мешавад, дурӣ ҷустани Ғаззолӣ аз пардохтан ба гуфтори ирфон ба таври мутлақ сохтори ин

матнро аз тамоми дигар матнҳои ирфонӣ фарқ мекунонад. Дарвоқеъ, метавон гуфт, ки Ғаззолӣ дар навиштани ин китоб шеваи ҷадидеро дар адабиёти форсӣ поягузорӣ намудааст ва китобҳое чун «Лавоеҳ»-и Ҳамиддини Ногурӣ (мансуб ба Айнулқузоти Ҳамадонӣ), «Ламаот»-и Фахриддини Ироқӣ ва «Лавоиҳ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ ба тақлид аз китоби ӯ тадвин шудааст. Ҳикояҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» низ ба намудҳое дар китобҳои ҳамасрон ё китобҳои пас аз вай инъикос ёфтаанд. Ҳикояҳои «Маҷнун ва озод намудани оҳу», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Маҳмуд ва намакфурӯш» ва «Маҳмуд ва Айёз» аз он ҷумлаанд [111, 22-24, 33-34, 22, 46-47].

Баррасии сохтори фаслҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва иртиботи онҳо бо якдигар моро ба дарки беҳтари шаклу сохтори матн мерасонад. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аз як муқаддима ва ҳафтоду ҳафт фасл иборат мебошад. Муқаддимаи китоб бо «Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим», оёте аз Қуръони карим ва салавот бар ҳазрати Расул (с) ва хонадони вай оғоз мешавад. Нахустин ҷумлаи муқаддима муаррифии мавзӯи матн аст: «Ин ҳуруф муштамил аст бар фусуле чанд, ки ба маъонии ишқ тааллуқ дорад» [27, 38].

Дар фасли аввали китоб чунин меоварад:

Қолаллоҳу таъоло: Юҳиббуҳум ва юҳибунаҳум (Ӯ онҳоро дӯст медорад ва онҳо ӯро дӯст медоранд-С.С.)

Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо,
Равшан зи шароби васл доим шаби мо.
З-он май, ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,
То рӯзи адам хушк наёби лаби мо.

Дуввумин нуктае, ки пас аз муаррифии мавзӯи китоб матраҳ шудааст, душвории мафҳум ва нотавонии нависанда дар ғунҷонидани он ба қолаби ҳуруфу алфоз аст. Далели ин нотавонӣ ғунҷоиш надоштани вожаҳо баландӣ ва сангинӣ дар мафҳуми ишқ аст.

Пас аз муқаддима матни аслии китоб оғоз мешавад, фаслҳо бо шумора ва тартиб аз 1 то 77 бо унвони «фасл» мушаххас шудаанд. Кӯтоҳтарин фасл, фасли 73 аст, ки дар маҷмуъ аз 32 вожа ташкил шуда, бештарин ҳаҷм, ҳаҷми

фасли 39 бо 820 вожа аст. Ба таври куллӣ фаслҳои китобро аз назари сохтор дар чаҳор гуруҳ метавон тақсимбандӣ кард:

1. Бештарин фаслҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» сохтори ташреҳӣ ва тавсифӣ доранд. Ин фаслҳо барои баёни таърифҳо, вижагиҳо ва хусусиятҳои мафоҳиме чун ишқ, маломат, ғайрат, бало ва ғайра омадаанд. Вижагии сохтории ин фаслҳо таъриф ва табйини мавзуъ бо афъоли иснодӣ аст. Ҷумлаҳо кӯтоҳанд ва дар бисёре аз мавқеъҳо иллати таърифҳо дар ҷумлаҳои пасу пеш омадааст: «Боргоҳи ишқ айвони ҷон аст, боргоҳи ҷамол дидаи ошиқ аст, боргоҳи сиёсати ишқ дили ошиқ аст, боргоҳи дард ҳам дили ошиқ, боргоҳи ноз ғамзаи маъшуқ аст, ниёзу зиллати худ ҳуллияти ишқ тавонад буд» [27, 43].

2. Дуввумин гурӯҳи фаслҳо, ки аз дастаи нахуст бисёр камтаранд, сохтори марҳалавӣ доранд, ба ин гуна, ки ибтидои ишқ бо марҳалаи васат, сипас марҳалаи камоли ишқ ба тартиб матраҳ ва тавсиф мешавад. Теъдоди ин фаслҳо чандон зиёд нест. Фасли 23 ин гуна аст:

«То бидояти ишқ бувад, ҳар ҷо ки мушобеҳи он ҳадис бинад, ҳама ба дӯст гирад... Аммо ин ҳанӯз қадами бидояти ишқ бувад. Чун ишқ ба камол расад, камоли маъшукро донад ва аз ағёр ӯро шабаҳе наёбад ва натавонад ёфт... Ва чун ба камолтар бирасад, ин салват (салват- бар вазни раҳмат ба маънои беғамӣ, оромию тасаллӣ-С.С.) низ бархезад, ки салват дар ишқ нуқсон бувад» [27, 59].

3. Дар баъзе фаслҳо тафовути миёни ду мафҳум ё ду гуфтор нишон дода мешавад. Гӯё як мафҳум бо мафҳуми дигаре омехта шудааст ва Ғаззолӣ дар ин фаслҳо тафовути миёни ин дуро нишон медиҳад:

«Некӯӣ дигар аст ва маъшуқӣ дигар. Карашмаи ҳусн дигар аст ва карашмаи маъшуқӣ дигар. Карашмаи ҳуснро рӯй дар ғайре нест ва аз берун пайванде нест. Аммо карашмаи маъшуқӣ ғанҷу далол ва нози он маънӣ аз ошиқ мададе дорад, бе ӯ рост наёяд. Лоҷарам ин ҷо бувад, ки маъшуқро ошиқ дарёбад» [27, 43].

4. Саранҷом, дар охирин ва камтарин гуруҳ 2/59 фаслҳо сохтори фарққунанда доранд, ки ба тарзи ҳеҷ як гурӯҳҳои сегонаи пешин қарор намегиранд ва унвони хосе ҳам наметавон барои онҳо дар назар гирифт.

Дар бораи дастабандии мазкур гуфтани ин нукта зарур аст, ки марзи қотеъӣ байни ин гурӯҳҳо вуҷуд надорад. Бисёре аз фаслҳо ба таври ду даста қарор мегиранд ва наметавон бандубасти ин гуруҳҳоро нодида гирифт, аммо дар ҳар сурат, дар ҳар гуруҳ як вижагӣ ғалаба меёбад ва фаслро аз соири фаслҳо фарқ мекунонад.

Дар нигоҳи нахуст шояд ин гуна ба назар расад, ки фаслҳо ба таври иттифоқӣ канори якдигар чида шудаанд ва ҷо ба ҷо кардани онҳо чандон тағйире дар сохтори китоб эҷод нахоҳад кард. Дарвоқеъ, теъдоди фаслҳое, ки бо ҳуруфи рабт оғоз шудаанд ва ба намудҳои дастурӣ бо фасли пешин иртибот ёфтаанд, бисёр ночиз аст, аммо ҳангоме, ки ба маънову мафҳуми ғунҷонида дар фаслҳо диққат кунем, пайвандии маъноии фаслҳои пайдарпайро мушоҳида мекунем. Барои мисол, фасли саввум идомаи фасли дуввум ва он низ худ идомаи фасли нахуст аст ва ё фаслҳои 8, 9 ва 10 бо ҳам пайи ҳамии маъноӣ доранд ва бояд ба ҳамин тартиб қарор гиранд.

Дар матн фаслҳое дида мешавад, ки аз лиҳози маъноӣ фасли дигареро барои мухотаб мувофиқат мекунанд. Гоҳе низ ин монандӣ аз ин ҳад фаротар рафта ва ба такрори ҷумлаҳо анҷомидааст, барои мисол, байни фаслҳои 15 ва 22, 33 ва 54, 36 ва 60, 40 ва 64 ду ба ду шабоҳати маъноӣ дида мешавад. Ба намунаҳое аз ин ташбеҳҳо таваҷҷуҳ кунед:

Фасли 33: «Боргоҳи ишқ айвони ҷон аст, ки дар азал арвоҳро доғи «аласту бираббикум» он ҷо боз ниҳодааст» [27, 66].

Фасли 54: «Боргоҳи ишқ айвони ҷон аст ва боргоҳи ҷамол дидаи ошиқ аст ва боргоҳи сиёсати ишқ дили ошиқ аст ва боргоҳи дард ҳам дили ошиқ ва боргоҳи ноз ғамзаи маъшуқ аст» [27, 80].

Фасли 40: «Аз он ҷо ки ҳақиқати кор аст. Маъшуқро зи ишқ на суд аст ва на зиён. Валекин аз он ҷо ки суннати карами ишқ аст, ӯ ошиқро бар

маъшуқ бандад. Ошиқ ба ҳама ҳоле назаргоҳи маъшуқ аст аз роҳи пайванди ишқ» [27, 65].

Фасли 64: «Маъшуқро зи ишқ на суд аст ва на зиён. Агар вақте талояи ишқ бар ӯ тохтанӣ кунад ва ӯро низ дар доираи ишқ оварад, он вақт ӯро низ ҳисобе бувад аз рӯи ошиқӣ на аз рӯи маъшуқӣ» [27, 85].

Мавзуъ ва меҳвари аслии китоби Савонеҳ-ул-ушшоқ «ишқ» буда, ба гунаҳои зиёд дар бораи он баҳс шудааст, ки ҳамаи мавзӯот низ таҳти шуоъи он қарор дорад ва ё дар иртибот бо он аст. Ғаззолӣ ҳарчанд бовар бар он дорад, ки «ҳадиси ишқ дар ҳуруф ва дар калима нағунҷад» [27, 39], вале дар тавсифи вижагиҳои ишқ аз баёни ҳеҷ нуктаи дақиқ ва зариф фурӯгузорӣ нанамудааст ва бо маҳорату истеъдод тавонистааст, ки ин ҳақиқати ҳаётбахши азалии ҷовидро ба хонанда муаррифӣ намояд. Муҳимтарин мавориди матраҳшуда дар боби ишқ иборатанд:

1. Душвории тавсифи ишқ аз ҷумлаи нукоти муҳимест, ки дар ин китоб ба он таъкид шудааст. Ишқ ончунон дар ҳиҷоби иззати хеш маҳфуз аст, ки ҳуруфи модӣ қудрати дастрасӣ ба онро надоранд, аммо чуноне ки ишораҳои борик ва зарифро метавон дар қолаби ибороти латиф ғунҷонид, Ғаззолӣ низ дар ин ҷиҳат табаҳҳур ва устодиро эҳсос менамояд ва маъонии марбут ба ишқро ба ҳар сурат дар қолаби ҳуруфи модӣ баён мекунад:

Гуфтам санамо магар, ки ҷонони манӣ,
Чун нек нигаҳ кардам худ ҷони манӣ.
Муртад гардам гар ту зи ман баргардӣ,
Эй ҷону ҷаҳон ту куфру имони манӣ.

Ин ҷо ки гуфтааст: «Муртад гардам гар ту зи ман баргардӣ» магар мебоист гуфтан: «беҷон гардам гар ту зи ман баргардӣ» валекин чун гуфтори шоирон аст ва дар назму қофия монанд. Гуфтори ошиқон дигар аст ва гуфтори шоирон дигар. Ҳадди эшон беш аз назму қофия нест «ва ҳадди ошиқ ҷон додан» [27, 41].

2. Рангорангии ишқ масъалаест, ки Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба он таъкид мекунад ва ишқро бӯқаламун меномад. Зеро ишқ

ҳар гоҳ ранг иваз мекунад ба мисли оне, ки завол ёфта бошад, аммо боқист ва аз ин ҳол ошиқ аз маъшуқ ба хиҷолат мемонад. Чуноне, ки мегӯяд:

Маломат ба таҳқиқи ишқ ҳам бувад, ки ишқ рахт баргираду ошиқ хиҷил шавад аз худ ва аз халқ ва аз маъшуқ дар заволи ишқ. Ва мутаасиф бошад бар он дарде ба халифате бимонад, он ҷо бадали ишқ муддате. Онгоҳ то худ ба куҷо расад. Он дард низ рахт баргирад то коре тоза шавад. Ва низ бисёр буд, ки ишқ рӯй бипӯшад аз вараќи намоиши ишқӣ ва дарде намудан гирад, ки ӯ бӯқаламун аст. Ҳар замон ба рангӣ дигар барояд. Ва гоҳ гӯяд, ки рафтам ва нарафта бошад [27, 64].

3. Байни ишқ ва руҳ низ иртиботи танготанге вуҷуд дорад, ҳамчун иртиботе, ки байни «ҷавҳар ва арз», «зот ва сифат» мавҷуд аст. Ҳангоме ки руҳ аз хостгоҳи хеш ҷудо гашт ва по ба арсаи ҳастӣ ниҳод, ишқ, ки ба таъбири Ғаззолӣ чашм ба роҳи ӯ буд, дар вуҷуди ӯ овехт, аммо ин иртибот як робитаи сода ва маъмулӣ нест, балки маҳз аз пайвастагии ишқ ба руҳ, муҳаббати руҳ нисбат ба ишқ (ҷамоли маъшуқ) оғоз гардид.

Чун руҳ аз адам ба вуҷуд омад ба сари ҳадди вуҷуд, ишқ мунтазири маркаби руҳ буд. Дар бадви вуҷуд надонам то чи мизоҷ афтод. Агар зот руҳ омад сифати зот ишқ омад, хона холӣ ёфт ҷой бигрифт.» Ва тафовут дар қиблаи ишқ оризӣ аст, аммо ҳақиқати ӯ аз ҷиҳот муназзаҳ аст, ки ӯро рӯй дар ҷиҳате намебояд дошт то ишқ бувад. Аммо надонам то дасти касби вакт об ба кадом замин барад. «Он нафас, ки рикобдорӣ бар маркаби султон нишинад на маркаби ӯ бувад, аммо зиён надорад» [27, 44].

4. На танҳо илм ва имконоти марбут ба он аз ӯҳдаи дарки ишқ барнамеояд, балки ақл низ дар ин сифат бо илм иштирок дорад. Дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» илму ақл аз ҷиҳати надоштани дарки ишқ ва ҳақоиқи марбут ба он дар як сатҳ қарор доранд. Ғаззолӣ он нотавониеро, ки ба илм нисбат додааст, ба ақл низ мунтасиб менамояд ва нуктаи муҳимтаре, ки ӯ ба он эътимод дорад, ин диду биниши кофӣ надоштани ақл барои дарки ишқ мебошад.

«Чун уқулро дида бар бастаанд аз идроки ҷон ва моҳияту ҳақиқати ӯ ва ҷон садафи ишқ аст ва ба луълуъи макнун, ки дар он садаф аст кай бино шавад илло бар сабили ҳамоно» [27, 43].

5. Ҳарчанд нишонаҳову ҷилваҳои ошиқ ва маъшуқ аз якдигар фарққунанда ҳастанд, вале ҳар ду аз он ишқ сарчашма гирифтаанд. Ишқ аз ҳайси моҳияти зотии хеш ваҳдати ҳақиқӣ дорад ва яке беш нест, аммо мумкин аст авориzу ҷилваҳои он гоҳ ба сурати ошиқ ва гоҳ ба сурати маъшуқ зоҳир шавад.

Чун хона холӣ ёбад ва оина софӣ бошад сурат пайдо ва собит гардад дар ҳавои софии руҳ. Камолаш он бувад, ки агар дидаи ишроқи руҳ хоҳад, ки худро бинад, пайкари маъшуқ ё номаш ё сифаташ бинад. Ва ин ба вақт нигарад. Вақт бошад, ки ҳиҷоби назари ӯ ояд ба худ ва дидаи ишроқи ӯро фурӯ гирад, то ба ҷои худ ӯ буд ва ба ҷои худ ӯро бинад, ин ҷо бувад, ки гӯяд:

Азбаски ду дида дар хаёлат дорам,
Дар ҳар ки назар кунам туӣ пиндорам [27, 55].

На танҳо моҳияти ишқ аз илм берун аст, балки берун аз вуҷуд низ мебошад. Барои баёни ин маънӣ Аҳмади Ғаззолӣ гоҳ лафзи адам, гоҳ қадим ва гоҳе ишқи азалӣ ва ё абадиро ба кор мебарад. Дар ҳар се маврид манзури ӯ баландтар будани асли ишқ аз вуҷуд мебошад. Чуноне, ки дар фасли аввали «Савонеҳ» мегӯяд:

Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо,
Рӯшан зи шароби васл доим шаби мо.
З-он май ки ҳаром нест дар мазҳаби мо,
То рӯзи адам хушк наёби лаби мо [27, 54].

Дар ин ҷо адам (нестӣ-С.С.) ба маънии адами бебаҳс нест, балки мурод аз он пӯшидагии ишқ аст. Ба мисли оне, ки самара дар шаҷара пӯшида аст. Вақте ки ишқ аз ҷойгоҳи худ зуҳур мекунад, ҳамроҳи ӯ руҳ ба миён меояд ва ҳамонтавре, ки қабл аз вуҷуд дар адам ба сар мебурд, пас аз вуҷуд боз ҳам ба адам бармегардад.

6. Ғаззолӣ ба монанди сареҳан бар ин нукта таъкид меварзад, ки саросари масири ишқ ҷабри маҳз аст ва рукни асосӣ дар ин масир тарки ихтиёр ва таслим шудан дар баробари муқаддароти ишқ аст. Ӯ мӯътақид аст, ки усулан ихтиёр амри ҳақиқӣ маҳсуб намешавад ва ба ҳамин далел таркиби «пиндори ихтиёр»-ро ба кор мебарад.

«Балои ошиқ дар пиндори ихтиёр аст. Чун ин маънӣ тамом бидонист, ва бибуд кор бар ӯ осонтар шавад, зеро ки накӯшад то коре ба ихтиёр кунад дар чизе, ки дар ӯ ҳеҷ ихтиёр дуруст нест» [27, 63].

Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» поёни ҳар фаслро ба оғози фасли баъд пайванд додааст. Ӯ калимаҳо ва иборaҳои поёни фаслро ҳунармандона ба мазмуни фасли баъд пайванд медиҳад ва гоҳе ин калимаҳои поёниро дар ибтидои фасли баъд такрор мекунад. Сабаби шарҳу тавзеҳ ёфтани асар баъди нигориши Аҳмади Ғаззолӣ дар он аст, ки вай андешаҳои ирфонӣ-ишқро чунон бо такаллуф ва пӯшидаву пурпечутоб баён кардааст, ки на ҳар хонанда қобилияти дарки онро доро аст, аз ин рӯ донишмандони баъдӣ барои пайравони роҳи тариқат асари мазкурро шарҳ додаанд.

Хулоса, «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ бо чунон шева ва сохторе навишта шудааст, ки шоирону нависандагони баъд аз ӯ аз он пайравӣ карда, асарҳои худро таълиф карданд. Асари мазкур аз муқаддима, ҳафтоду ҳафт фасл таркиб ёфтааст. Ҳарчанд аз умум аз 31 саҳифа ибора аст, онро Насруллоҳи Пурҷаводӣ бо ашарҳу тавзеҳоти дар 226 нашр кардааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» шиноснома ва ё ҳолномаи Аҳмади Ғаззолӣ мебошад. Доктор Пурҷаводӣ онро «шоҳкории ҷовидонии Аҳмади Ғаззолӣ» ва мислашро дар байни китобҳои мутасаввифа (ирфонӣ) ангуштшумор медонад. Ҳамчунин «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро бе ҳеҷ тардид «аз уммаҳоти осори мансури забони форсӣ» ҳисобидааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ китобест, ки нафис ба забони форсии тоҷикӣ ишно шуда, дорои аҳмияту арзиши ирфонӣ мебошад ва назири он дар миёни китобҳои мутасаввифа ангуштшумор дониста мешавад.

Воқеан, «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ намунаи фасеҳу нафисе аз насри асил ва ёдгори рӯзгор аст. Ин китоб наздик бо айёми таълифи «Марзбоннома», «Таърихи Табаристон», «Ал-муъҷам» ва «Маориф»-и Баҳоувалад, «Маориф»-и Бурҳон Муҳаққиқи Тирмизӣ, «Лубоб-ул-албоб» ва «Ҷомеъ – ул- ҳикоёт»-и Анварӣ, таълиф ёфта, дар миёни ин китобҳо ҳам аз назари сохтор ва ҳам аз лиҳози мазмуну муҳтаво ҷойгоҳи махсус дорад.

Мусаллам аст, ки қабл аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ чандин китобҳои маъруф аз ҷумла «Шарҳ-ут-таарруф»-и Каллободӣ, «Кашф-ул-маҳҷуб»- Ҳуҷвирӣ, «Асрор-ут-тавҳид»-и Шайх Абӯсаид, «Кашф-ул-асрор»-и Майбудӣ, «Расоил»-и Пири Ҳирот, тарҷумаҳои «Рисолаи Қушайрия» ва осори Айнулқуззот ба забони форсии тоҷикӣ нигориш ёфта буд, ки дар онҳо низ масоили ирфони исломӣ матраҳ гардидаанд.

Аммо, дар ин китоб усулу ақоиди мутасаввифа бо чунон тартиб ва низом тасниф шудааст, ки то ҷовидон, орифу омиро ганҷи ҳақоиқ ва хазонаи асрори илоҳӣ хоҳад буд, то равандагони ин тариқат ба поймардии он ба сироти мустақим ҳидояте роҳҷӯянд ва ҷӯяндагони ҳақиқат аз фусулу абвоби он ба расму роҳи аҳли тасаввуф ошноӣ ёбанд.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои китоб корбасти истилоҳоти адабӣ ва ирфонӣ аст. Ҳамчунин истифодаи луғот ва таркиботи форсӣ аз махсусиятҳои ин китоб аст, ки дар асрҳои баъдина ҳамчун истилоҳоти махсуси ирфонӣ истифода шудаанд. Ин ду махусусият сабаби бартарӣ касб кардан ва ҷойгоҳи баланд ба худ гирифтани китобро дар байни осори орифон таъин намудааст. Ҷанбае, ки ҳам аз назари адабӣ ва ҳам аз назари ирфонӣ тавъаманд мӯҷиби имтиёзи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аст, мегӯяд Пурҷаводӣ, таваҷҷӯҳу табйини теъдоди би-н-нисба зиёде аз истилоҳоти ирфонӣ аст, ки ҷой-ҷой дар ин китоб омада, маҷмӯае аз ин истилоҳот истихроҷ гардида ва худ ба сурати рисолаи адабие даромадааст, ки мавриди истифодаи донишҷуён тавонад буд» [27, 65]. «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ миқдори фаровони истилоҳоти адабиву

ирфониро дар синаи худ ҷой дода (нафси ишқӣ, нафси собиқ, корхонаи ғайб ва ғайра) ва ин мӯҷиби рӯи кор омадани рисолаи махсусе гаштааст. Чуноне ки дар боло зикр шуд, Аҳмади Ғаззолӣ аз китобҳои тасаввуфӣ - ирфонӣ бардоштҳое хос дорад. Ин аст, ки Аҳмади Ғаззолӣ суханони 22 тан орифони машҳури гузашта ва замони худро аз қабили Абӯбакри Ҷомӣ, Абулҳасани Харақонӣ, Абӯсаид Абулхайр, Ҷунайди Бағдодӣ, Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ, Абдуллоҳи Ансорӣ ва дигаронро омӯхтааст. Аҳмади Ғаззолӣ аз бузургони давр таълим гирифтаву ҳамсуҳбат шудаву аз суханони эшон фоида ва файз бурдааст. Ба рӯзгори ибратбахшу пандомӯзи сӯфиён нигоҳи амиқу дақиқ ва вижа дорад. Вай иродатмандонро ба шунидани ҳикояҳо аз ҳаёти аҷоиби суфиёну орифон ташвиқ менамояд. Зеро чун урафои пешин ақида дошт, ки суханони шайх барои муриди толиб беҳтарин ҳамроҳ аст [111, 233, 250, 321].

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ гузашта аз он, ки оинаи тамомнамое аз вазъи сӯфиён дар қарни панҷум аст, огоҳиҳои судманде низ аз вазъи дигар табақоти мухталифи мардум ва одобу расмиятҳои он қарн мебошад.

Аз мутолиаи китоб чунин ба назар мерасад, ки як сарчашмаи муҳим ва муътабар барои шинохти ашъори бархе аз шоирони мутафаккир будааст. Аҳмади Ғаззолӣ зимни сухани хеш аз ашъори худу шоирони гузашта ва муосири хеш истифода кардааст. Ашъоре, ки аз дигар шоирону орифон иқтибос овардааст, дар воқеъ дилкашу дилнишин ва ба қавли Пурҷаводӣ «Ғаззолӣ саризабонии он давра» будааст. Мусаллам аст, ки чандин девон ва мероси бузургони адаби форсӣ дар ин замони нобасомони тохтутози муғул таи суми асбон ва ба коми оташи сӯзон шуда, аз байн рафтаанд.

Дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» Аҳмади Ғаззолӣ андешаҳои ирфонии худро дар шакли нав, бо истилоҳоти хоси ирфонӣ баён мекунад ва заминаи овардани тасдиқи гуфтаҳоро бо рубоӣ ва ё дубайтӣ анҷом медиҳад.

Дар кӯи харобот яке дарвешам,
З-он хум ба закот мебиёвар пешам.
Ҳарчанд ғарибу ошиқу дилрешам,
Чун май бихӯрам зи оламе нандешам [27, 48].

Ҳамчунин дар рисола аз шоирони нахустин қарнҳои шеъри дарӣ оварда шуда, ки аксари онҳо аз беҳтарин ва баргузидатарин таронаҳои ширини адабиёту фарҳанги мо мебошад, аммо тибқи маълумоти Пурҷаводӣ ашъоре, ки дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» омадааст сад дар сад маълум нест, ки моли кадом шоир асту аз куҷо барои истифода маншаъ гирифтааст. Бахше аз он ашъор аз худи муаллиф ва бахше аз шоирони дигар аст, ки мо ин масъаларо дар боби сеюм дар фасли алоҳида баррасӣ хоҳем кард.

Дар ирфони Ғаззолӣ вуҷуд тамоми ҳастии олам мебошад ва ба ин хотир ӯ ибораҳои «ҳақиқати ишқ», «асли ишқ» ва ё «ваҳдати вуҷуд»-ро ба кор мебарад. Ӯ дар яке аз фаслҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бо забони шоирона мегӯяд:

Ӯ мурғи худ асту ошёни худ аст. Зотасту сифоти худ аст. Пар асту боли худ аст. Ҳавои худ асту парвози худ аст. Сайди худу шикори худ аст. Қиблаи худ асту мустақбали худ аст. Толиби худ асту матлаби худ аст. Аввали худ асту охири худ аст. Султони худ асту раияти худ аст. Самсоми худ асту ниёми худ аст. Ӯ ҳам боғ асту ҳам дарахт, ҳам шаҷара асту ҳам самара, ҳам ошён асту ҳам мурғ.

Байт:

Мо дар ғами хешу ғамгусори хешем,
Шӯридаву саргаштаи кори хешем.
Савдозадгони рӯзгори хешем,
Ҳам сайёдему ҳам шикори хешем [27, 41].

Дар ин ҷо Аҳмади Ғаззолӣ мавъиза намекунад, панду андарз ва дастурот намедиҳад. Ӯ шоир асту шеър мегӯяд, аммо танҳо як шоир нест. Мехоҳад маънии ишқро баён кунад ва назарияҳои ирфонии худро оид ба ваҳдати вуҷуд боз кунад. Аз маънои суханаш маълум аст, ки ин мурғ бо

ошёну болу параш, сайёд бо шикораш, шамшери тезу буррон бо ғилофаш ва ин боғу дарахту самарааш ҳамааш танҳо як ҳақиқат аст. Дар сухани Ғаззолӣ ваҳдат мавҷ мезанад ва маънии «ваҳадати вуҷуд» дар он ба хубӣ мушоҳида мешавад.

Дар фасли дигари «Савонеҳ-ул-ушшоқ» Аҳмади Ғаззолӣ айнан ҳамин маъноро баён намуда, истилоҳи «ягонагӣ»-ро истифода мекунад.

Ҳам ӯ офтоб буд ҳам ӯ фалак, ҳам ӯ осмон ва ҳам ӯ замин, ҳам ӯ ошиқу ҳам ӯ маъшуқ ва ҳам ӯ ишқ, ки иштиқоқи ошиқ ва маъшуқ аз ишқ аст, чун авориз ва иштиқоқот бархост, кор боз ягонагии ҳақиқати худ афтод [27, 59].

Яъне, офтобу фалак, осмону замин бо ҳам буда, ошиқу маъшуқ аз ишқ ҳосил шудаанд, ки ин дар умум ягонагиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ аз матолибу муҳтавои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ шоирони ориф ҳамчун Сӯҳравардӣ ва Абдурраҳмони Ҷомӣ таъсир пазируфтаанд. Ҳамзамон Азиз Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ», Ҳусайн Воиз дар «Футуватномаи султонӣ» ( хоса дар бобҳои аввал ва дуюми он китоб), Наҷмиддини Маҳмуди Исфаҳонӣ дар «Минҳоҷ-ут-толибин» ва Амир Ҳусайн Ҳиравӣ дар «Тараб-ул-маҷолис» матолибе, аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ дагирифтаанд, ки ин бори дигар аз таъсир ва арзишҳои адабию ирфонии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» гувоҳӣ медиҳад.

### II.3. Сохтор ва муҳтавои «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун як асари ирфонии рамзӣ ва фалсафӣ дар адабиёти ирфонӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Дар миёни осоре, ки ба Аҳмади Ғаззолӣ мансубанд, Рисолат-ут-туюр дар шумори осори барҷастаи ирфонӣ қарор дорад. Ин асар анъанаи корбандии тимсоли туюрро дар шарҳу басти ақоид ва матолиби ирфонӣ тамдид бахшидааст. Рисолаи мазкур аз лиҳози фарогирии мавзӯи аслӣ, тарзи сужабандӣ, корбасти тамсилу ҳикоёт, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо бо дигар асарҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ шабоҳати хеле наздик дорад.

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст. Рисола оғоз мешавад аз сифатҳо нисбати худаш бо василаи суханони туюр:

Имоми раббонӣ, сайид-ул-авлиё (сайид-ул-авлиё – пешвои дӯстони Худо-С.С.), қутб-ул-асфиё (қутб-ул-асфиё – пир ва марҷаи баргузидагони Худо-С.С.) Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-ъазиз (Яъне: Худованд руҳи азизашро муқаддас дорад-С.С.), гуфто: «Агарчи мурғон бисёр буданд ва хӯю сириштy овози эшон мухталиф буд ва ҳар як аз эшонро кашиш (майл, дилбастан- С.С.) ба ошёнаи дигар ва манзилгоҳи дигар буд. Лекин ҳамгинон (ҳамагӣ, ҳамагон-С.С.) бо якдигар ёвар шуданд ва иттифоқ карданд, ки моро лобуд (д) (нестӣ, маҳв шудан-С.С.) подшоҳе бояд, ки ба ҳар вақт ба даргоҳи вай равем ва ҳоҷати хеш бар вай арза дорем» [28, 160].

Фурӯзонфар «Рисолат-ут-туюр» унвон гирифтани ин осори ҷолибу ирфонии Ғаззолиро ба «Қуръони маҷид» интисоб дода, ақидаашро ба таври зайл ташреҳ мебахшад: «Рисолат-ут-туюр» маъхуз аст аз оя ва ворисаи Сулаймону Довуд ва қола ё аййуҳанносу ъулимно мантиқуттайри (сураи Намл, ояи 16), ки муфассирин онро ба маънии зоҳири худ, яъне дониш ва пай бурдан ба сухану оҳанги мурғон тафсир карда, чанд ҳикоят аз гуфтугӯи Сулаймон бо мурғон боз гуфтаанд ва Шайх Аттор дар васфи хотами Сулаймон ҳамин маъниро ифода кардааст:

Зи номи он нигинаш шуд, на аз ғайр,<br>
Румузи мӯру кашфи мантиқ-ут-тайр (129, 214).

Дар бораи **«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ** ё пайравии он дар таърихи адабиёти классикӣ ба ҷуз зикру тавсифи тазкиранависон асари алоҳида таълиф нашудааст. Аммо баъзе аз суханварони барҷастаи адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ аз Аттор пайравӣ карда, аз ҳикоятҳои маснавиҳояш баҳраҳо бурдаанд. Дар адабиёти классикӣ пас аз таълифи «Мантиқ-ут-тайр» аксари ишораҳое, ки ба олами паррандагон шудааст, бешубҳа, ишораҳо ба

ҳамин достони Аттор буданд. Намоёнтарин пайрави Аттор Мавлавӣ аст, ки ишқу ихлоси зиёд бар Аттор дошт ва мегуфт:

Ман он Мавлои Румиям, ки аз нутқам шакар резад,

Валекин дар сухан гуфтан ғуломи шайх Атторам.

Нусхаи «Рисолат-ут-туюр»-е, ки аз ҷониби Фурӯнзонфар омода гардидааст, муқаддимаи муфассале дорад, ки дар он нисбати масъалаҳои зиндагӣ ва осори Аҳмади Ғаззолӣ изҳори андеша намудааст. Дар ин рисола муҳаққиқ андешаҳои шахсии хешро нисбати шахсияти бузургмардони таърих баён дошта, дар идома бобати моҳияти тасаввуф изҳори ақида кардааст ва ин ҷараёнро бо зиндагии орифонаи Ғаззолӣ пайвастааст [134, 43].

Дар байни ин осор «Рисолат-ут-туюр» асарест, ки манобеи аз ҳама зиёд аз Ғаззолӣ будани онро таъкид кардаанд. Фурӯзонфар дар бораи ин рисола мухтасаран маълумот дода, аз нусхаҳо ва чопҳои муҳимтарини он иттилоъ медиҳад.

Омӯзиши аҳвол ва осори Ғаззолӣ на танҳо дар ховарзамин, балки дар олами Ғарб низ аҳамияти махсус дорад. Донишманди дигаре, ки ба омӯзиши осори Ғаззолӣ даст задааст ва таҳқиқоти худро ҳунармандона анҷом додааст, ховаршиноси олмонӣ Ҳилмут Риттер мебошад. Ин донишманд устоди забонҳои форсиву арабӣ, нависанда ва пажӯҳандаи олмонӣ, коршиноси илоҳиёт ва матншиноси забонҳои лотинӣ ва юнонӣ аст. Ӯ китоби гаронбаҳое дорад, бо номи «Дарёи ҷон» дар ду ҷилд. Ин китоб муҳимтарин ва чашмгиртарин асари Риттер ба ҳисоб рафта, комилан ба шарҳу тавзеҳи андешаҳои Ғаззолӣ бахшида шудааст [25, 16]. Нигоранда фазилатҳои дақиқназарӣ, покизакорӣ, дарки ҳастии маънавии адибонро дошта, донандаи хуби забонҳои урупоию шарқист ва ҳамин боис шуда, ки таҳқиқоти хубе нисбати Ғаззолӣ ба анҷом расонад.

Риттер дар асари худ асосан ба ҳамон чор маснавӣ такя мекунад, ки «Мантиқ-ут-тайр» дар ин радиф ҷойгоҳи махсус дорад, аз ҷумла, дар мавриди «Мантиқ-ут-тайр» чунин менависад: «Дар бораи «Мантиқ-ут-тайр» хушбахтона, аз манбае, ки шоир аз он дар пардохтани ин достон баҳра

бурдааст, огоҳӣ дорем. Ин манбаъ «Рисолат-ут-туюр» аст, ки ривояти арабии он мансуб ба Имом Муҳаммади Ғаззолӣ аст.»

Аз бархе душвориҳо, ки дар сабки ривояти арабист, чунин бармеояд, ки ин ривоят бояд тарҷума бошад ва гӯё аз асли форсӣ тарҷума шуда бошад. Ривояти форсии он мансуб ба бародари ӯ Аҳмади Ғаззолӣ аст» [25, 18]. Риттер андеша ва ҷаҳонбинии Ғаззолиро аз он чӣ дар «Рисолат-ут-туюр» омадааст, фаротар ва ғанитар медонад.

Мусанниф мавзуъҳои ҷолиберо аз эҷодиёти Аҳмади Ғаззолӣ интихоб намуда, дар атрофи 30 мавзуъ андешаронӣ мекунад. Дар китоб ҳар як мавзуъ дорои зермавзуъҳои зиёд мебошад, ки ин имкон медиҳад то мавзӯи асосӣ боз ҳам возеҳтар ва ҳамаҷониба баён гардад. Қариб дар ҳамаи мавзуъҳои мавриди баҳсу таҳлил овардашуда, барои тақвияти сухан аз ҳикоёти «Рисолат-ут-туюр» истифода бурда мешавад. Ба хусус, дар мавзӯи марг ва нопойдорӣ, мавзӯи дунё, мавзӯи шавқи таскиннопазир ба маърифати Худо, мавзӯе, ки шоир дар бораи худаш сухан мегӯяд, мавзӯи густохии девонагон бо Худо, мавзӯи қаноат ва фақр, мавзӯи фано ва иттиҳод бо улуҳият, мавзӯи сафар дар худ- фаслҳое мебошанд, ки дар онҳо мусанниф аз «Рисолат-ут-туюр» бештар баҳра мебарад. Гоҳ аз симои паррандагон, гоҳ аз воқеаҳое, ки бо мурғон рӯй додааст, баъзан аз симои барҷастаи Ҳудҳуд ё аз ҳикоёти дилнишини достони мазкур баҳра бурда, матлабҳои ҷолиберо баён менамояд. Риттер ба мо олами наҷиби Ғаззолиро аз даричаи хосе намудор месозад, ки ҳар нафари суханшиносу ишқпеша ҳатман ошуфтаи ҳарфу андешаҳои ӯ мегардад.

Фурӯзонфар доир ба он қиссаҳое, ки барояш дастрас буд, маълумоти муъҷаз дода, заминаҳои воқеии қиссаи Шайх Санъонро ҷустуҷӯ мекунад. Аз ҷумла, ҳикоятҳои воқеӣ аз даврони Умавиён ва Аббосиён (дар ин давра дайрҳои ободу гуворои масеҳиён вуҷуд дошт, ки баъзе мусулмонони ошиқпешаву бодагусор рӯй бар он ҷо меоварданд ва бо духтарони дайрнишин вақтхушӣ мекарданд), қиссаи Мадрак ибни Алии Шайбонӣ (аз бодиянишинони Басра буда, фиқҳ мехонд ва оқибат ошиқи Умру ном

тарсодухтар мегардад), достони Аббодаи шоир (дилбохтаи яке аз роҳибон мегардад ва баръакси дигарон маъшуқро аз дайр берун мекашад), қиссаи Ибни Саққо (машҳуртарин қисса буда, аз рӯи нақлҳо Ибни Саққо қории Қуръон буд, оқибати кори ӯ низ чун дигарон буд)-ро нақл мекунад. Дар хулосаи ин масъала таъкид месозад, ки достони дигаре мавҷуд аст, ки наздик ба ривояти Шайх Аттор аст ва ин қисса баргирифта аз китоби «Туҳфат-ул-мулук»- и Муҳаммади Ғаззолӣ мебошад. Номи Шайх дар қиссаи Ғаззолӣ Абдураззоқи Санъонӣ омадааст.

Фурӯзонфар мӯътақид аст, ки Шайх Санъон (ё мутобиқи баъзе аз нусхаҳои «Мантиқ-ут-тайр» Шайх Санъо-С.С.) ҳамон Абдураззоқи Санъонӣ аст, ки мансуб ба Санъои Яман аст. Дар ин бора андешаҳои Судиро низ мусанниф таъкид месозад, ки дар шарҳи ғазалиёти Ҳофиз аз Абдураззоқи Яманӣ ёд кардааст ва бегумон ӯ низ ҳамон шайхест, ки Ғаззолӣ овардааст.

Дар идомаи нақду таҳлили маснавӣ Фурӯзонфар ба тарҳи аслии «Мантиқ-ут-тайр» пардохта, иртиботи онро бо «Рисолат-ут-туюр»-и Ибни Сино равшан месозад. Дар муқоисаи рисола ва достон иштироки мурғон, моҳияти манзилҳои эшон ва вазъияташон, инчунин ҷиҳатҳои чузъии ин ду асарро низ ба назар гирифта изҳори ақида мекунад. Илова бар ин, дар ин ҷо аз «Рисолат-ут-туюр»-и Ғаззолӣ низ ҳарф зада, қайд мекунад, ки Шайх Аттор дар таълифи достони худ бегумон ба ин асари пурмӯҳтаво назар дошт. Муҳаққиқ «Мантиқ-ут-тайр» -ро бо асари Ғаззолӣ қиёс намуда, умумият ва фарқияти онҳоро муфассал нишон медиҳад, баъзе қисматҳои достонро айнан оварда, ба таҳлил мекашад. Дар идомаи таҳлили қиёсии се асари ҳамҷинс Фурӯзонфар андешаи ҷолиберо баён месозад, ки айнан овардани он гуфтаҳоро ҷоиз донистем: «… Шайх Аттор низ агар моя аз сухани Ибни Сино ва Ғазолӣ гирифта, ба нерӯи фикрату лутфу завқ онро ба сурате мураттаб сохтааст, ки худи Ибни Сино ва Абӯҳомид аз он нуктаҳо тавонанд омӯхт ва агар зинда шуданд ва ҷуръае аз майи мансурӣ, ки дар хумхонаи Аттор аст, бинӯшанд, бегумон масти ҷовид гарданд ва ба оҳанги мастона овоз баркашанд, ки:

Кардӣ, эй Аттор, бар олам нисор,
Нофаи асрор ҳар дам сад ҳазор.
Хатм шуд бар ту чу бар хуршед нур,
«Мантиқ-ут-тайр»-у «Мақомоти туюр» [134, 322].

Абулҳусайни Зарринкӯб дар асари таҳқиқотии худаш андешаҳои марбут бо зиндагии шахсӣ ва замони зисти шоирро ба таҳлил мекашад ва дар аксар маврид ба Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун мухотаби худ мурочиат мекунад. Аз сабки хосаи ин мурочиат равшан мегардад, ки муҳаққиқ сидқу муҳаббати хос ва қаробати қавии рӯҳонӣ ба дунёи Аҳмади Ғаззолӣ дорад, чунончи ӯ мегӯяд: «…Аммо садоят аз дурдастҳо меояд, аз дунёи рӯҳ, ки бо дунёи мо фосила бисёр дорад. Мепиндорам, амдан садоятро дар даҳонат хафа мекунӣ. Агар на, чаро садои Ҳаллоч, садои Бӯсаъид ва садои он кас, ки аз забони най менолад, аз садои ту ба мо наздиктар аст? Аммо чои тааччуб нест. Садои ту садои Симурғ аст – садои боли Симурғ, ки чабарути он тамоми коинотро илзом ба сукут мекунад. Ва на ҳар гӯшро тоқати идроки он тавонад буд» [88, 214]. Номи китоб низ баргирифта аз ҳикояти Симурғ аст.

Дар умум, метавон таъкид дошт, ки ҳарчанд «Рисолат-ут-туюр» аз назари сохтор ва ҳачм таълифи хурде ба шумор меравад, вале тавассути забони мурғон ин нависаандаи соҳибназар шарҳи мароҳити сайри сулукро бо чаззобияти хоса баён намудааст, ки баъдан аз он адибону суханварони пас аз вай таъсир пазируфтаанд.

### II.4 Шуруҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва арзиши адабии онҳо

Таҳқиқ муқаррар намуд, ки баъд аз таълифи «Савонеҳ ул-ушшоқ» ба ин асар то имрӯз 7 шарҳ навишта шудааст, ки панчтои он ба истилоҳ шарҳи классикӣ буда, ду тои он дар давраи муосир ба қалам омадааст. Аз чумлаи қадимтарин шарҳҳое, ки ба «Савонеҳ-ул-ушшоқ» навишта шудааст, ба қалами Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ тааллуқ дошта, ба сурати назм таълиф шудаааст. Дар баъзе аз нусхаҳои хаттӣ ин китобро «Ишқномаи Саноӣ» ҳам гуфтаанд ва ин бо сабаби он будааст, ки дар матни китоб байте аз Саноӣ ба

кор рафтааст. Ба навиштаи Аҳмади Муҷоҳид дар нусхаи донишгоҳи Панҷоби Покистон ва ду нусхаи Девони Ҳинд, ба номи «Ишқномаи Саноӣ» ёд шудааст ва чунонки арз шуд, иллати он байте аст, ки дар авохири ин рисола омада ва дар он ба муносиби нақли қавле аз Саноӣ номи ӯ бурда шудааст ва он байт ин аст:

Кашфи ин рамзро Саноӣ гуфт,
Дар баёне, ки дурри маънӣ суфт:
«Юсуфе аз фаришта некутар,
Деви рӯят намояд аз ханҷар» [73, 14].

Аммо дар идомаи зикри ин матлаб Аҳмади Муҷоҳид ин нуктаро таъкид мекунад, ки иттифоқан дар ҳар ду нусхаи Девони Ҳинди Ландан ва китобхонаи Панҷоб дар ин байти ба ҷои «Саноӣ» «ошноe» гуфта омадааст.

Ҳаройина, ба назари мо зикри байти Саноӣ ҳеҷ далел ба мансубияти асар ба ӯ буда наметавонад. Ин дар ҳолест, ки ба шакли мазкури байт ҳам таъкиди муаллифи асар ба сурати «Кашфи ин рамзро Саноӣ» гуфт, ишорат ба он мекунад, ки нависандаи асар шахси дигар аст ва аз рӯи эҳтиром ва иродате, ки ба Саноӣ дорад, матолиби хешро бо байте аз ӯ ва ишорати сареҳ ба номаш ҷамъбаст кардааст. Аммо гунаи дигари байт дар худи нусхаҳои Ҳинд ҳам ишорате бар он аст, ки мансубияти он ба Саноӣ ҳам дақиқ набудааст.

Шарҳи мазкур то кунун чаҳор маротиба ба чоп расидааст.

Бори аввал ба кӯшиши Ғуломи Ҷелонӣ (Ҷалолӣ) дар таркиби маҷмуаи расоили Саноӣ бо номи «Чаҳор китоби ноёб» дар Ғазнини Афғонистон нашр шудааст.

Бори дувум бо эҳтимоми Аҳмад Гулчини Маъонӣ бо муқоисаи ду нусхаи хаттии дигари он, ки дар китобхонаҳои Остони Қудси Разавии Эрон ва Нурусмонияи Туркия маҳфузанд, тавассути маҷаллаи донишкадаи адабиёти Донишгоҳи Теҳрон дар соли 1345 рӯи чоп омадааст. Аммо ба таъкиди таҳиягари матни мазкур дар асоси хеш матнеро қарор додааст, ки он дар китобхонаи Остони Қудси Разавӣ бо шумораи 9981 қарор гирифта, дар

таркиби маҷмуаест, ки дар он ба ҷуз «Кунуз-ул-асрор ва румуз-ул-аҳрор» ду рисолаи дигаре бо номҳои «Меъроҷнома»-и Аттори Тунӣ ва мунтахаби «Ҷавоҳир-уз-зот» аз Аттори Тунӣ, яъне манзур ҳамон Аттори Нишопурӣ қарор доранд.

Аҳмад Гулчини Маъонӣ муқаддимаи муфассале ҳам ба ин нашри анҷомдодаи хеш навишта, аз ҷумла шарҳи он ҳикоятеро, ки Саноӣ дар маснавии «Ҳадиқа»-и хеш аз он суд ҷустааст, дар муқоиса бо матни он дар шарҳ овардааст. Нуктаи ҷолиби дигари баҳси Аҳмад Гулчини Маъонӣ он аст, ки ӯ дар таҳқиқи муқаддамотии хеш байтеро зикр мекунад, ки дар он ба номи рисолаи шарҳи мазкур ишорат мешавад. Ин байт ба сурати зайл аст:

Номи нома Кунузи асрор аст,
Маъние аз румуми аҳрор аст.

Ин ҷо равшан мегардад, ки номи пурраи шарҳи манзум, ки «Кунуз-ул-асрор ва румуз-ул-аҳрор» мебошад, дар таркиби ҳар ду мисраъ нақл шудааст.

Мавриди таъкид аст, ки нусхаи дувуми мавриди истифодаи Аҳмад Гулчини Маъонӣ дар китобхонаи Нурусмонияи Туркия бо шумораи 2467 маҳфуз аст ва ишорат шуда, ки дар он китоб ду рисола дар як муҷаллад ҷой гирифтаанд. Рисолаи аввал ба наср буда, он ҳам шарҳи «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ дониста мешавад. Дар муқаддимаи он нақл шудааст, ки «Мулозимоне, ки дар суҳбати мо иқтизои хотири эшон истикшофи бурқаъи ҳиҷоб буд аз рӯи мухаддароти калимоти Хоҷа Имом Аҳмади Ғаззолӣ, ки дар «Савонеҳ» тақрир фармуда....»

Аз рӯи нусхаи мазкур, ки онро Аҳмад Гулчини Маъонӣ дар ҷараёни кори тасҳеҳи хеш истифода намудааст, маълум мешавад, ки матни «Савонеҳ» бо ранги сурх навишта шуда, матни шарҳ бо ранги сиёҳ омадааст. Дар баъзе мавридҳо матни аслии «Савонеҳ» пурра нақл нашуда, балки мухтасар оварда шудааст ва ин амр таъкид бар он дорад,ки шореҳи номаълуми он матни асари Аҳмади Ғаззолиро пурра наовардааст. Чунонки ишорат рафт, номи муаллифи шарҳ ва соли китобати он дақиқ нест. Агар ин асарро ҳам чун шарҳи мансури рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ қабул кунем, теъдоди

умумии шарҳҳои он ба 8 адад мерасад, вале бо сабаби он ки нусхаи мазкур пурра муаррифӣ ва шакли комили он ҳанӯз дар дастрас нест, онро дар шумораи умумии шарҳҳои «Савонеҳ» зикр накардем. Умедворем, ки таҳқиқи бештар дар раванди шарҳнвисии осори Аҳмади Ғаззолӣ имконият медиҳад, ки мо др оянда саҳифаҳои норавшани ин масъаларо бештаре пештар дақиқ намоем.

Шарҳи манзуми мазкур, ки Аҳмад Гулчини Маъонӣ ба нашр расонидааст, чунин оғоз мешавад:

«Аррисолатул-манзуматул мавсумату би кунузул-асрор ва румуз-ул-аҳрор назман ли савонеҳ»

Эй Худованди ошкору ниҳон,
Парваронандаи макину макон.
Маншаи файзи раҳмати азалӣ,
Малаки лоязоли ламязалӣ.
Босити нури офтоби шуҳуд
Фоизи зилли имтидоди вуҷуд.

Савумин бор ин рисолаи манзум ё шарҳи китоби «Савонеҳ» ба кӯшишии Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ дар таркиби маснавиҳои Саноӣ бо муқоисаи ду нусха-Девони Ҳинди Ландан ва нашри анҷомдодаи Ғуломи Ҷелонӣ дар Ғазнин нашр шудааст. Аз ин чопҳои анҷомёфта маълум мегардад, ки то нашри китоби «Шуруҳи Савонеҳ» аз ҷониби Аҳмади Муҷоҳид аксаран онро ҳамчун маснавии Саноӣ рӯи чоп овардаанд. Ҳамин тавр, чопи мукаммал ва дурусти он ба кӯшиши Аҳмади Муҷоҳид дар китоби «Шуруҳи Савонеҳ» сурат гирифт, ки дар он ҳамчун асари Иззудин Маҳмуди Кошонӣ муаррифӣ шудааст. Аҳмади Муҷоҳид барои тасҳеҳи матни ин асар аз 5 нусхаи хаттии шарҳи мазкур истифода кардааст, ки онҳоро ба қарори зайл дар муқаддимаи навишта бар ин асар чунин ном бурдааст:

1. Нусхаи китобхонаи донишгоҳи Истамбули Туркия бо шумораи 472/6 муваррахи 987 дар матн;

2. Нусхаи китобхонаи Девони Ҳинд бо шумораи 2383 муваррахи 1061 дар ҳошия;
3. Нусхаи китобхонаи Девони Ҳинд бо шумораи 2383 бидуни таърих дар ҳошия;
4. Нусхаи китобхонаи Нурусмония бо шумораи 2367 аз қарни нуҳум дар ҳошия;
5. Нусхаи китобхонаи Разавӣ бо шумораи 9981 аз қарни нуҳум дар ҳошия; (шонздаҳ).

Дар оғози нусхае, ки Аҳмади Муҷоҳид бар асос гирифтааст, чунин омада: «Китоби «Шарҳи Савонеҳ» аз манзумоти орифи раббонӣ, Шайх Маҳмуди Кошонӣ (Қудисса сирраҳу ва наввара зариҳу ва ғуфира лаҳу) мусаммо ба «Кунуз-ул-асрор».

Ин шарҳ бо абёти зерин оғоз мешавад:

Эй Худованди ошкору ниҳон,

Парваронандаи замину замон.

Маншаи файзи раҳмати азалӣ,

Молики лоязоли лам язалӣ.

Босити офтоби нури шуҳуд,

Фоизи зилли имтидоди вуҷуд [73, 3].

Тавре дар муқоиса ба нусхаи нашрнамудаи Аҳмад Гулчини Маъонӣ маълум мешавад, дар он дар оғоз қабл аз шуруи матн омадааст, ки «Аррисолатул-манзуматул мавсумату би кунузул-асрор ва румуз-ул-аҳрор назман ли савонеҳ» Яъне, рисолаи манзум бо номи «Кунуз-уд-асрор ва румуз-ул-аҳрор» ки барои Савонеҳ ба назм дароварда шудааст. Ин навишта дар матни таҳиянамудаи Аҳмади Муҷоҳид дида намешавад.

Аз назари сохтор шарҳ бо муноҷоту наът ва манқабати Шайх Аҳмади Ғаззолӣ ва ишороти ғайбӣ ба сабаби назми оғоз ёфта, дар идома шаҳр омадааст. Аз ишороти муаллифи шарҳ дар оғози бахши дар сабаби назми китоб маълум мешавад, ки таълифи он ҷанбаи ғайбӣ доштааст:

Рӯзе аз ғайб шуд гушода даре,

Бар дилам ногаҳ пайи назаре.

Боз шуд дидаи дили муштоқ,

Бар ҷамоли «Савонеҳ ул-ушшоқ».

Карда дар васфи ишқ иҷмолӣ,

Ҷамъ он Булфутуҳи Ғаззолӣ [73, 5].

Бобу фаслҳои асар бар асоси фусули худи «Савонеҳ» «Мақолат» унвон шудаанд. Муаллиф нахуст унвони фаслро ба тартиби «ал- Мақолату фӣ васф-ил-ишқ» оварда баъдан таъкид меунад: «Шарҳи фасли 1»

Ишқ мурғи нишемани қидам аст,

Қуввати ӯ гаҳ вуҷуду гаҳ адам аст.

Дар бидоят вуҷуди ғайр хурад,

То ниҳоят ҳамин қадам сипарад [73, 6].

Мутолеаи қитъаи мазкур собит мекунад, ки сухани шореҳ бо тафсири ишқ оғоз гардидааст, ки асли рисолаи «Савонеҳ»-ро ба вуҷуд овардааст. Дар матни аввал бошад, ки ба таҳияи Аҳмад Гулчини Маъонӣ тааллуқ дорад, қабл аз шарҳ чунин омадааст: «Фи васф-ул-ишқ», аммо дар матни дувум,ки таҳияи Аҳмади Муҷоҳид аст, ба сурати зайл омада: «Ал-мақолату фи васфил ишқ».

Нуктаи қобили таъкид он аст, ки матни шарҳи мазкур низ аз арзишҳои муҳими адабӣ бархурдор аст, зеро дар баробари бо забон ва сабки матин ва шоиронаи хос ба қалам омаданд, аз бадеияти хос бархурдор аст. Ҳатто дар шарҳи мафоҳим ва истилоҳоти хоси аҳли ишқ, аз ҷумла худи мафҳуми ишқ ҳамин шеваи шоиронаро ба кор гирифта, онро «мурғи нишемани қидам» унвон мекунад ва ҷои дигар «байзаи кавни ақлро зери сояи ӯ мебинад ва ҳарду оламро фурӯғи поя ӯ, яъне ишқ ба шумор меоварад:

Байзаи кавни ақл зери сояи ӯ,

Ҳар ду олам фурӯғи пояи ӯ.

Дар ҳавои фазоияш ар бупарад,

Ғайри ӯ боз ғайраташ шакарад [73, 6].

Ҳамин гуна, ин шарҳи манзуми «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз ҷумлаи нодиртарин шуруҳи на танҳо ин асар, балки мактаби шарҳнвисии осори

адабӣ дар адабиёти форсу тоҷик мебошад, ки воқеан беназир аст, чун мо таҷрибаи шуруҳи манзумро хеле кам дар ихтиёр дорем. Аз ин ҷиҳат, худи ин шарҳ шоистагии онро дорад, ки ба таври алоҳида таҳқиқ ва нашр гардад.

Шарҳи дувум ба қалами Ҳусайни Ногурӣ тааллуқ дорад, ки бо номи «Шарҳи Савонеҳ» маъруф аст ва муаллифи он аз ҷумлаи орифони сарзамини Ҳинд будааст. Дар бораи ин шарҳ ҳам маълумоти зиёде дар даст нест ва матни он аз ҷониби Аҳмади Муҷоҳид якҷоя бо дигар шуруҳи куҳан дар китоби «Шуруҳи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» таҳия ва нашр гардидааст. Дар бораи муаллифи шарҳ бошад Аҳмади Муҷоҳид маълумоти муаллифи тазкираи «Хазинат-ул-асфиё»-ро ба тариқи зайл овардааст: «Шайх Ҳусайни Ногурӣ, аз акобири урафои Ҳинд, ки усули шариату тариқат ва ҳақиқатро ҷомеъ ва каромоте бад-ӯ мансуб ба тафсири Қуръон ва шуруҳи «Савонеҳ ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва аз таълифоти ӯ буда ва дар соли 901 ҳ. даргузашта» [73, 16]. Ҳамчунин, аз мутолеаи шарҳи мазкур бармеояд, ки шореҳ ба тафсири як маънӣ иктифо накарда, бо зикри ибораи «маънии дигар» мазомини дигари мавриди назари муаллифро низ тафсир кардааст.

Аз ҷумла дар тафсири фасли аввали китоби «Савонеҳ», ки марбути ишқ аст, чунин оварда: «Қавлаҳу: Бо ишқ равон шуд аз адам маркаби мо», яъне он қолаби мо, ки тамассули файзи он ишқи мутлақ аст, ки олами иҷмол аст, он иборат аз адам аст. Ба тафсил омад, ба тафсил муфассал аз муҷмал нест, балки ҳамон муҷмал буд, ки бад-ин сифати муъини тафсил ёфт. Пас, қолаби мо бо зоти ҳақиқӣ равон шуд аз адам, яъне аз олами иҷмол ба сӯи олами тафсил ва тақайюд [73, 34].

Дар идома ҳамин матлабро ба шакли дигар шарҳ медиҳад ё ба қавле маънии ин ифодаро чунин шарҳ медиҳад, ки дар мисраи дигари ин шеър таъкид шудааст: «Қавлаҳу: Ишқ аз адам аз баҳри ман омад ба вуҷуд», яъне зоти мутлақ аз олами адам ба ман омад, эй ба тақйид муқайядот ва ба сувар асмо омада ба вуҷуд, яъне зуҳур [73, 34].

Шарҳи савум низ бо номи «Шарҳи Савонеҳ» маъруф аст, ки аз қарни нуҳуми ҳиҷрӣ боқӣ мондааст, вале исми муаллифи он дақиқ нест. Аммо аз

рӯи маълумоти то замони мо расида маълум аст, ки Ҳилмут Риттер дар ҷараёни тасҳеҳ ва нашри рисоли «Савонеҳ» аз он истифода кардааст. Яке аз нусхаҳои муътабари ин шарҳ дар китобихонаи Нурусмонияи Истамбул бо шумораи 2468 маҳфуз аст, аммо соли китобат ва номи муаллифи он дақиқ нест.

Ду шарҳи дигар яке ба Муҳаммади Чиштӣ маъруф ба Гесудароз, орифи қарни ҳаштуми ҳиҷрӣ ва дигаре ба орифи қарни даҳуми ҳиҷрӣ Хоҷа Низомиддин ибни Шайх Абдушакур Балхии Таҳонисарӣ тааллуқ дорад ва ҳар ду ҳам бо номи «Шарҳи Савонеҳ» маъруф мебошанд.

Аз ду шарҳи муосир, ки ба «Савонеҳ ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ навишта шудаанд, яке «Шарҳ ва тафсири ҷомеи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» унвон дошта, аз сӯи Шаҳром Яғмоии Зорӣ бар пояи поённомаи коршиносии аршад дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ дар донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Шерози Ҷумҳурии Исломии Эрон навишта шудааст. Шарҳи дигар ба қалами доктор Ҳашматуллоҳи Риёзӣ тааллуқ дорад, ки бо номи «Оёти ҳусн ва ишқ» чоп шудааст. Аслан, китоби «Оёти ҳусн ва ишқ» таҳқиқоти ин муҳаққиқ дар ду ҷилд ба қалам омадааст ва муҷаллади дувуми он Шарҳи «Савонеҳ ул- ушшоқ»-и Муҳаммади Ғаззолӣ унвон гирифтааст. Ин шарҳ дар соли 1370 анҷом ва ба чоп расидааст.

Ҳамин тавр, мавҷудияти шуруҳи мазкур агар аз як тараф маъруфият ва маҳбубияти ин асарро миёни орифони сарзаминҳои мухталифи забони форсӣ, аз ҷумла Ҳинд бозгӯӣ кунанд, аз тарафи дигар таваҷҷӯҳи амиқи аҳли илму адабро ба шинохту маърифати андешаҳои суханвар собит месозанд, ки омил ба зуҳури чунин шарҳҳо гардидаст. Дар канори ин, идомаи суннатҳои хоси шаҳрнависӣ дар замони муосир низ таваҷҷӯҳи бештари аҳли таҳқиқ ва шореҳонро ба осори ин адиби доно ва тавоно бозгӯӣ мекунад. Дар канори ин, шарҳи манзуми ин асар паём аз он мерасонад, ки бо таълифи ин шарҳ мактаби шарҳнависии манзум ба осори насрӣ дар адабиёти форсу тоҷик шакл гирифта, минбаъд идома ёфтааст.

## II.5. Таъсирпазирии Аттор аз «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ

Аз таҳқиқоти анҷомёфта ва шуруҳи ба китоби «Савонеҳ» -и Аҳмади Ғаззолӣ навишта равшан мегардад, ки таълифоти ин нависандаи сӯфимашраб ба раванди таҳаввули адабиёти ирфонии форсу тоҷик таъсири пурфайз гузоштааст. Ба назм даровардани ду ҳикоят аз «Савонеҳ» аз ҷониби Саноии Ғазнавӣ худ далели иродат ва истиқболи ин шоири бузурги адабиёти тасаввуф ба андешаву афкори Аҳмади Ғаззолӣ ба шумор меравад. Асари «Рисолат-ут-тайр» бошад бештар ба маснавиҳо ва осори рамзии марбути парандагон навишташуда таъсир гузоштааст.

Таъсирпазирии Аттор аз рисолаи Ғаззолӣ беш аз таъсирпазирии «Достони мурғон»-и Абӯалӣ ибни Сино мебошад [25, 14]. Метавон гуфт, ки «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор иқтибосе аз рисолаи Ғаззолист ва Аттор ҳикоёти мухтасари ӯро ба достонҳои баланд табдил дода, барои нигориши он аз шигарфҳои ривоятпардозӣ ҷиҳати бозхониву баёни тоза аз ривоёти куҳан истифода кардааст. Ҳарчанд ӯ бисёре аз хусусиятҳои достони Ғаззолиро нигаҳ доштааст, вале бархе аз хусусиятҳои навро ба сохтори достон изофа намудааст [22, 174].

Бо мақсади равшан гардидани матолиби меҳварии баҳс таъсирпазирии ҳафт манзили ирфонии Атторро, ки дар «Мантиқ-ут-тайр» ба онҳо ишора кардааст, бо манозили ирфонии «Рисолат-ут-туюр»-и Ғаззолӣ таҳлил ва муқоисаи мекунем.

Дунё барои як инсони худшинос мисли қафасест, ки ба паҳноии рӯҳӣ ва фазоияш тангтар мешавад ва рӯҳи ӯ чун паранда асир буда, раҳоиву парвоз дар осмонҳои беинтиҳоро талаб мекунад. Дар адабу ҳикмати ирфонӣ мурғ рамзи инсон дар мартабаҳои камол мебошад. Мурғ руҳест, дар банди қафас монда ва ҳар дам майли раҳоӣ аз онро дорад [22, 221]. Орифон руҳро ба паранда, қафасро ба бадан, сайру сулуки ирфониро ба парвози паранда ва раҳоӣ аз қафас ташбеҳ намудаанд [22, 193].

Ибни Сино нахустин касест, ки дар қасидаи «Айния» ва «Рисолат-ут-туюр»-и худ меъроҷи руҳро аз олами хок ба афлок дар шакли достон ҳамчун

рамзе ба парвози мурғон ва убури онҳо аз кӯҳҳову монеаҳо ташбеҳ кардааст [110, 353]. Пас аз ӯ Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззоти Ҳамадонӣ, Шаҳобиддин Яҳё Сӯҳравардӣ, Рӯзбаҳони Балқӣ ва Аттори Нишобурӣ рисолаҳои худро бар ин асос таълиф намуданд, лекин аз миёни тамоми рисола-ут-тайрҳо «Мантиқ-ут-тайр»- Аттор аз лиҳози зарифӣ бартарият дорад. Албатта, ин нуктаро набояд сарфи назар кард, ки рисола-ут-тайрҳои қаблан навишташуда, аз ҷумлаи: «Рисола-ут-тайр»-и Ибни Сино ва бахусус Ғаззолӣ дар эҷоди «Мантиқ-ут-тайр»- и Аттор таъсири назаррас дорад.

Номи дигари ирфони илмӣ сайру сулуки илмӣ буда, ҳадафи он фано лиллоҳ ва бақо биллоҳ аст. Орифон барои расидан ба ин роҳ манозилро тартиб додаанд. Мисол, Аҳмади Ғаззолӣ дар «Рисола-ут-туюр ба ҳафт манзил: ҷазба, талаб, ҳиммат, истиғно, таслиму ризо, қурб, фано ва бақо ишора мекунад. Аттор низ ин манозилро ба ҳафт водӣ тақсим намудааст: талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат ва фақру фано [22, 53-44].

Гуфт моро ҳафт водӣ дар раҳ аст,
Чун гузаштӣ ҳафт водӣ даргаҳ аст.
Ҳаст водии талаб оғози кор,
Водии ишқ аст аз он пас беканор.
Пас сеюм водист он маърифат,
Пас чаҳорум водии истиғно сифат.
Ҳаст панҷум водии тавҳид пок,
Пас шашум водии ҳайрат саъбнок.
Ҳафтумин водӣ факр асту фано,
Баъд аз ин рӯй равшан набуд туро...

Дар рисолаи Ғаззолӣ ва инчунин Аттор гузаштани солик аз ҳафт манозил ё водиҳои душвор арзёбӣ гаштааст. Чононе ки Аҳмади Ғаззолӣ дар рисола овардааст: «Ҷамъе аз мурғон, ки савдои ошёни дигар дар сар доштанд дар ҷустуҷӯйи манзилгоҳи Симурғ ба парвоз даромаданд то ӯро ёфта ва ба тахти подшоҳӣ биншонанд. Касе, ки ба маҳзари Симурғ роҳ ёфта ва сипас бозгашта буданд, эшонро аз маҳалли Симурғ матлаъ сохта ва оташи шавқ ва

талаб дар дили мурғон барафрохтанд. Дар миёни роҳ ду бор мунодӣ мурғонро аз идомаи додани роҳ бозмедорад, вале шавқи мурғон афзун шуда ва ба роҳи худ идома медиҳанд. Бисёри аз эшон дар убур аз дарёву водиҳо ҷони худро аз даст дода ва теътоди андаке ба мулки Симурғ фуруд меоянд. Симурғ аз пазириши эшон сари боз мезанад ва мегӯяд: «Мо подшоҳем чӣ шумо гувоҳӣ диҳед чӣ надиҳед!» Мурғон мутаҳайир ва андуҳгин шуда ва бо як садо мегӯянд:

Гар ту накунӣ ҳеҷ худовандии хеш,

Мо бандагии хеш ба ҷо меорем...» [22, 80-81].

**Талаб**- маънои ҷустан ва хостанро дошта, яке аз манозили сайру сулуки ирфонӣ ва марҳалаи нахустини ҳафтгонаи сулук дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор мебошад. Ғаззолӣ талабро кашише ба ошёни дигар медонад. Мисол: «Мурғон хабар пурсиданд ва ошёни Симурғ талаб карданд.» [22,72].

**Ҳиммат**- гарчи ҷазбаи илоҳӣ омили аслии сайру сулуки ирфонист, вале солике, ки ҳиммат надорад ба роҳи мақсуд расида наметавонад. Ғаззолӣ дар рисолаи худ ду маротиба паёпай бо нидои «Мунодӣ», ки сахтиҳои роҳро медиду мурғонро аз маргу нарасидан ба мақсуд меҳросонд, ишора карда мегӯяд:

«Пас чун ба якбор ба боли ҳиммат дар парвоз омаданд Мунодӣ овоз дод, ки «العافية في الزاوية» саломат ба ғанимат доред. Чун ин нидо бишниданд ҳирси эшон зиёд шуд ва ба якбор беқарор шуданд... пас ҳар як аз эшон бар бодгири ҳиммат нишастанд ва лаҷоми ишқ бар гоми вай карданд» [3,73].

Дар мисоли боло Ғаззолӣ вожаҳои «бол» ва «бодгир»-ро истифода кард. Аз ин маълум мешавад, ки ӯ ҳимматро боли парвози солик ба давлати олӣ медонад. Аттор низ дар «Мантиқ-ут-тайр» онро ба пару боли мурғон ташбеҳ медиҳад:

Ҳар киро бошад ҳиммати олӣ падид,

Ҳар чӣ ҷуст, он чиз ҳолӣ шуд падид.

Ҳар киро як зарра ҳиммат додааст,

Кард ӯ хуршедро з-он зарра паст.

Нутфаи мулки ҷаҳонҳо ҳиммат аст,

Пару боли мурғи ҷонҳо ҳиммат аст.

**Таслиму ризо-** мурғони «Рисолат-ут-туюр» пас аз огоҳӣ ба ғаноии Ҳақ ва фақри хеш дарк мекунанд, ки тоқати дидани таҷаллии ҳазратро надоранд ва бояд ба кулбаи эҳзони худ баргарданд. Бинобар ин мегӯянд: «**لا راحة كالموت**»- осоише чун мавт нест [3,75]. Бояд зикр намуд, ки Аттори Нишобурӣ низ бо таъсирпазирӣ аз манзили «Таслиму ризо»-и Аҳмади Ғаззолӣ яке аз ҳафт водиҳоро «Фано ва бақо» унвон карда, қурбро боиси фано ва гоҳе фаноро сабаби қурб донистааст.

Дар натиҷа метавон гуфт, ки «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ достони кӯтоҳу рамзӣ ба забони форсӣ-тоҷикӣ дар бораи сайру сулуки орифона буда, матни он бо оёту ривоёт ва чанде аз абёт зиннат ёфтааст. Муқоисаи муҳтавои он бо «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттор бешубҳа маълум кард, ки «Мантиқ-ут-тайр» таъсири пурфайзе аз достони Ғаззолӣ бардоштааст, ки ҳатто онро иқтибосе аз асари ӯ донистаанд. Ғаззолӣ монанди дигар орифон барои сулуки соликон манозилро тартиб додааст. Дар «Рисолат-ут-туюр» ба ҳафт манзил: ҷазба, талаб, ҳиммат, истиғно, таслиму ризо, қурб ва фанову бақо ишора шудааст, ки бо муқоисаи ҳафт шаҳри ишқи Аттор- талаб, ишқ, маърифат, истиғно, тавҳид, ҳайрат, факр ва фанову бақо метавон монанд кард.

## Хулосаҳои боби дуюм

Ҳамин тавр, баррасии матолиби меҳварии боби дувум моро ба натиҷаҳои зерин мерасонад:

-«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз барҷастатарин ва бонуфузтарин таълифот дар насри ирфонӣ маҳсуб мешавад, ки аз аҳамияти фаровон ва арзиши адабии гарон бархурдор аст. Аввалин касе, ки мавзӯи ишқи ирфониро ба тавре ҷомеъ баррасӣ намуд ва дар қолаби адабӣ дар ихтиёри умуми адибон, шоирон, орифон ва форсизабонон гузошт, Аҳмади Ғаззолӣ буд. Аз ин нуқтаи назар, ин рисола дар ташаккули насри ирфонии форсу тоҷик мақом ва ҷойгоҳи хосае касб намуд, ки минбаъд аз диду назари муҷассам дар ин китоби ӯ донишмандону соҳибназарон, нависандагону шоирон истиқбол намуд, афкори фалсафиву ирфонии ӯро дар шинохт ва маърифати ишқ истиқбол карданд.

-«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ яке аз аввалин намунаҳои насри тамсилии орифона маҳсуб мешавад.

Дар натиҷаи омӯзиши феҳриствораҳои Аҳмади Мунзавӣ ва Стори маълум гардид, ки рисолаҳои мавриди омӯзиш дар китобхонаҳои машҳури олам, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Исломии Эрон, Туркия ва китобхонаҳои Ғарб маҳфуз ҳастанд. Барои омӯзиш ва нусхашиносии ин рисолаҳо аввалин корҳоро устодони бузурги сухан ба монанди дуктур Пурҷаводӣ, Аҳмади Муҷоҳид анҷом додаанд.

- «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ бо чунон сохторе навишта шудааст, ки шоирону нависандагони баъд аз ӯ аз он сохтор пайравӣ карда, асарҳои худро таълиф карданд. Мақоми шоистаи ин асар аз он ҳам маълум мегардад, ки ба он то кунун ҳафт шарҳ навишта шудааст, ки аз ҷумлаи онҳо яке шаҳри манзум ба шумор рафта, аз ҷумлаи нахустин китоби шарҳ эътироф мешавад, ки дар таърихи шархнависии форсу тоҷик дар қолиби назм ба қалам омадааст.

- Аҳмади Ғаззолӣ дар навгӯӣ ва офаридани мазмуну маонии дақиқу мармуз муваффақ ва дастболо буд, ки ба ҳеҷ як аз ҳамзамононаш чунин

шуҳрату барӯмандии ҳунарӣ даст надодааст. Ӯро мухтареи тарзи тоза эътироф намудаанд ва яқин аст, ки ҳар як тарзу тариқа пайравони худро пайдо хоҳад кард. Бар ҳамин асос ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ, ба вежа забон ва тарзи баёни китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар асрҳои минбаъда ба тафаккури нависандагони адабиёти форсӣ-тоҷикӣ беасар намонд ва дар пайравии ин китоб як зумра осори насрӣ ба вуҷуд омадаанд.

## Боби III. Аҳамияти адабии осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ ( дар мисоли «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»)

### III.1. Сабки нигориши «Савонеҳ-ул-ушшоқ»

Ҳар рисолаи илмӣ баёнгари навъи сабк аст ва истифодаи бамавриди луғоту таркибот, рамзу роз, ҷобаҷоиҳо ва тағйири маънии хоси ҳунармандон аст, чунонки устод Шамисо гӯяд, «Ҳунарманд касест, ки мухайял, тасвирӣ ва отифӣ меандешад ва мебинад ва баён мекунад» [130, 17].

Аҳмади Ғаззолӣ бешубҳа, яке аз ин гуна ҳунармандон аст, ки осори арзишманди адабию ирфонии ӯ, махсусан забон ва тарзи баёни «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аз ҳунари суханвариаш дар илми баён шаҳодат медиҳад.

Дарвоқеъ, таълифу таҳрири нахустини ин китоб дар соли 508 ҳ., яьне дар давраи ҳамлаи муғул ба анҷом расидааст. Аз назари шеваи сухан низ ин китоб ба ягон осори қарни баъд шабоҳате надорад ва баръакс ба шеваи қарни дувоздаҳум ва ҳатто охирҳои қарни ёздаҳум рост меояд. Бинобар ин ҳангоме, ки ба дигар китобҳои илмӣ назар меафканем, аксари ин асарҳо ба шевае аст, ки истилоҳан онро насри фаннӣ номидаанд.

Адабиётшинос Мирзоев С. дар партави андешаи устод Баҳор бамаврид навиштааст, ки «нахустин китобе, ки дар таърихӣ адабӣ форсӣ аз эъҷозӣ қадим ба итноби ҷадид гаравидааст, «Калила ва Димна» – и Абулмаолӣ Насруллоҳ ибни Муҳаммад дар асри XII будааст (92,161). Аммо ба андешаи адабпажӯҳони дигар эъҷозу итноб ва ибҳом аз вижагиҳои насри форсӣ мебошад. Чунонки устод Зарринкӯб мегӯяд: «Насри форсӣ дар назди нависандагони онҳо ғолибан ба таъқиду ибҳом ва эъҷозу итноб холӣ нест» [88, 141].

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолиро бояд берун аз доираи насри фаннии мутадовили он асри таълифи ӯ ба шумор овард. Китоби Аҳмади Ғаззолӣ мисли ҳамаи осори мутасаввифа аз шеваи сухани марсум, яъне расмшудаи аср берун омада, ба силсилаи сухани орифони пешин мепайвандад. Аз он аст, ки дар баррасии шеваи сухани ӯ таваҷҷуҳ ба матнҳои мутасаввифа ба дурустӣ наздиктар аст.

Маълум аст, ки «Савонеҳ-ул-ушшоқ» замоне тасниф гардид, ки насри ирфонӣ ба авҷи камол расида буд. Пеш аз вай ҳамзамонони Аҳмади Ғаззолӣ ошиқони ҳақиқат ва пайравони тариқат маҷмӯаҳову тариқатномаҳо сохта роҳи гуфтори ӯро ҳамвор карда буданд. Ҳосили 200 сола заҳмати насрнависони мутасаввиф ба дасти Аҳмади Ғаззолӣ буд, ки дар ин асари худ аз онҳо зикр намудааст: «Шарҳ-ут-тааруф»- Каллободӣ (380ҳ / 990 м. то 434ҳ/ 1042м.), «Кашф-ул-маҳҷуб» –и Ҳуҷвирӣ (мутаваффо 465ҳ / 1072м.), «Нур- ул- улум»-и Абулҳасани Харақонӣ (мутаваффо 425ҳ /1033м.), «Расоил»-и Пири Ҳирот (мутаваффо 481ҳ / 1088м.), «Кашф –ул- асрор»-и Майбудӣ (520ҳ /1126м.), осори Хоҷа Юсуфи Ҳамадонӣ (мутаваффо 535ҳ/1140м.), тарҷумаи рисолаи Қушайрия (баъд аз 550ҳ/1155м.), осори «Айнулқуззот» (шаҳид 533ҳ /1138м.), осори шогирди вай Сӯҳравардӣ (587ҳ / 1191м.). Бояд гуфт, ки ду осори охирон зикршуда баъд аз Аҳмади Ғаззолӣ навишта шудаанд ва усулан аксари осори боло зикргардида мавриди мутолиаи шогирдонаш қарор гирифтаанд. Осор ва кутуби дигаре, ки қариб ба замони таълифи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» падид омадааст, чун «Тазкират- ул-авлиё» - и Аттор, «Маориф»-и Баҳоувалад (600ҳ/1203м., 607ҳ/1210м.), «Маориф»-и Бурҳон Муҳаққиқи Тирмизӣ (мутаваффо 638ҳ/1240м.), «Мақолот»-и Шамс ва осори Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад маъруф ба Мавлавӣ (мутаваффо 672ҳ/1273м.), расоили Азиз Насафӣ, «Ламаот» - и Ироқӣ калиди сабки сухани Аҳмади Ғаззолиро барои шогирдонаш ва пайравонаш ба даст додааст.

Барои ин ки шеваи сухани Аҳмади Ғаззолӣ шинохта шавад, дар баъзе маврид ба қисме аз китобҳои ёдшуда муроҷиат кардем ва бо муқоисаи шеваи онҳо ва шеваи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» он чӣ ба назар расид ба ихтисор гуфта меояд.

Шеваи сухани Аҳмади Ғаззолӣ шеваи воизону маҷлисгӯёни қарни шашум ва ҳафтум (дувоздаҳ ва сездаҳуми мелодӣ) буда, аз назари тарҳи матлаб ва навъи далеловарӣ бо осори Мансури Ибодӣ, Маҷлиси Шаҳристонӣ, «Фиҳӣ мо фиҳӣ» - и Мавлоно ва «Маориф» - и Баҳоувалад монандӣ дорад.

Ин шева бо завқи тасаввуфӣ ҳарчи бештар даромехта ва аз осори орифони маъруфи он аср моя гирифта ва мактаби хосе падид овардааст. Оид ба сабку услуб ва хусусият дар ин мактаб беш аз ҳар чизе асари аз насри гарму пуршӯри Аҳмади Ғаззолӣ, Айнулқуззот ва Майбудӣ падидор аст. Ашъор ва мазмунҳое, ки аз «Кашф-ул-асрор» - и Майбудӣ гирифта шудааст, кам нест ба ҳамин далел мо дар такя ба андешаҳои адабиётшиносон сабки «Савонеҳ-ул-ушшоқ» -ро омехтае аз шеваи маҷлисгуён ва сабки сухани орифони ёдшуда медонем.

Як нуктаро бояд қайд кард, ки дар саросари китоб шеваи муаллиф якранг нест. Вай барои баёни ҳар навъ аз матолиб шеваи хосеро пешниҳоди завқи хонанда кардааст. Устод Маликушшуаро Баҳор ин махсусиятро нуқсе бар насри Аҳмади Ғаззолӣ медонад [80, 21], вале тааммул дар саросари китоб ба ин нукта мерасонад, ки ҳунари бузурги муаллиф ҳамин аст. Ӯ нек дарёфтааст, ки ҳар матлабу маъноеро ба чӣ забоне бояд гуфт: «Он ҷо, ки баёни усули куллӣ ва таълимоти тасаввуф матраҳ аст, забони хушк ва бидуни зиннати одиро кор мефармояд ва он ҷо, ки ҳикояте месарояд ба забони сода, вале латиф сухан мегӯяд ва он ҷо, ки ҳукмеро ба чизе такя кардани фармони худ ва ишорати Расул тавваҷҷуҳ мекунад ва аз оёти шариф ва аҳодиси набавӣ ба фаровонӣ ёрӣ меҷӯяд ва он ҷо ҳам, ки фурсатро муносиб мебинад ва сухан аз дилу ишқу шавқу шӯр ва Худоӣ дар миён аст, қалам нигаҳ медорад. Латифтарин ва хуштарин мазмунҳои шоиронаро дар қолиби зеботарин калимаҳо меоварад ва бо навъҳои санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ меорояд».

Аз мутолеа ва мулоҳизаи саросари китоб бармеояд, ки як зумра луғату истилоҳот низ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд, ки метавон чунин дастабандӣ намуд:

1. Луғот ва истилоҳоти ирфонӣ – исломӣ: «ниёбат, сабр, фақр хутба пир, талаб, сайр, ниёбат, ғайбат, солиҳа, мудаббира - ақлия, тасфия» ва монанди ин.

2. Луғот ва истилоҳоти ахлоқӣ – ирфонӣ: «ҳиммат, аъзор, шақоват – бадбахтӣ, қуддусӣ, ҳуҷб – шарм, машориб – дилбастагиҳо, отифат – меҳрубонӣ».

3. Луғот ва истилоҳоти ирфони – фалсафӣ: - олами аҷсом, аҳадият, арвоҳ, олами уқул, олами мисол ва мисли ин.

Барои муайян ва мушаххас кардани сабки «Савонеҳ-ул-ушшоқ» шеваҳои мухталифи сухани Ғаззолиро ба таври алоҳида бояд баррасӣ кард:

**Халқияти забони асар.** Маълум аст, ки калимаҳо дар забони халқ дар давоми асрҳо аз санҷиш гузашта, рехтагӣ ва соддагиву возеҳии ҳайратангезе пайдо мекунанд. Забони халқ ба нависанда ашёи хом медиҳад. Нависанда ин ашёи хомро аввал дар коргоҳ ё лабораторияи эҷодии худ обутоб медиҳад ва баъд ба омма тақдим мекунад. Маҳз дар ҳамин сурат хидмати бузурги нависанда ҳамчун устоди каломи бадеӣ ба таври дурахшон намоён мегардад. Метавон гуфт, ки забони адабӣ каму беш реша ва заминаи худро аз забони муҳовара мегирад. Забони гуфтугӯиро то ҳудуде метавон аз осори ҳамдавраи адиб ё зодгоҳи ӯ муайян намуд. Ба ин маънӣ, ки осори дар фосилаи замонӣ дар минтақаи ҷуғрофӣ ё фарҳангӣ навишташуда, маъмулан аз як забони муҳовара баҳра ҷустаанд. Бо гирд овардани нукоти муштараки чанд асар ва баррасии сабки онҳо метавон ба нишонаҳои забони гуфтугӯӣ пай бурд. Дар давраи Аҳмади Ғаззолӣ насри сода ва мурсали адабиёти тоҷикӣ нисбат ба давраи насри фаннӣ ва сабки маснуъ, бештар ривоҷ дошт. Дар сабки маснуъ нависанда кӯшиш бар он дорад, ки ҳар чи бештар аз забони муҳовара фосила бигирад ва дурӣ биҷӯяд. Тавре ки аз мутолиаи қарнҳо бармеояд, танҳо доираи муайяне аз хонандагон ба дарку фаҳми ин осори адабӣ қодир буданд. Дар чунин асарҳо забони фаннӣ ва мутакаллиф забони меъёр аст, яъне нависанда ба чанд асари мутакаллифу маснуъ забони адабии асари худро ба вуҷуд меорад [156, 55]. Нависанда гӯё аз навиштани матолиби сода ва мафҳум эҳсоси шарм мекунад. Доир ба осори сабки мурсал метавон ба натиҷае расид, ки решаи забони меъёр забони муҳовараи ин ё он минтақа ва бахусус, лаҳҷаи роиҷ дар ҳамон давра мебошад. Чунонки маълум аст, дар тағйир ва таҳаввули забони форсии дарӣ ривоҷи гӯйишҳо таъсири зиёде доштанд [156, 57].

Аҳмади Ғаззолӣ низ ҳамчун намояндаи бомаҳорати насри форсӣ-тоҷикӣ бо истифодаи боигарии забони халқ асосан аз ҳамин нуктаи назар ҷозибаю рехтагӣ, хулоса рӯҳи халқӣ бахшида, онҳоро вирди забони мардум гардонидааст.

Барои мисол, дар зер порчае аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, ки аз калимаҳои лаҳҷавии хоси ӯ иборат аст, меоварем:

Сару рӯи ҳар чизе нуқтаи пайванди ӯст ва ояте дар сунъи мутаворӣ аст. Ва ҳусн нишони сунъ аст ва сару рӯй, он рӯест ки рӯй дар вай дорад ва то он сару рӯ набинад ҳаргиз ояте дар сунъу ҳусн набинад. Он рӯй ҷамоли **ва ябқо ваҷҳи раббика** аст. Дигар худ рӯй нест ки **куллу ман алайҳо фан** ва он рӯй ҳеҷ аст то бидонӣ [27, 54].

Ҳамчунонки мушоҳида гардид, дар мисоли болоӣ калимаи «ибтидо ва интаҳо» дар шакли калимаи лаҳҷавии «сару рӯй» истифода шудааст.

Намунаи дигар:

Маъшуқ бо ошиқ гуфт: Биё ту ман шав. Ки агар ман ту шавам онгоҳ маъшуқ дар бояд ва аз маъшуқ накоҳад. Ва дар ошиқ бифизояд ва ниёзу дард боисти зиёдат шавад. Ва аммо чун ту ман гардӣ кор мунъакис гардад. Ҳама маъшуқ бувад ва тавонгар алалитлоқ ва ғанӣ мутлақи ӯ бувад. Аз тарафи ошиқ ҳам ниёз ва дарвешӣ бошад. Ва лаъалла, ки «валлоҳу-л-ғанию ва антуму-л-фуқаро» ҳамин нукта аст. Ин ҷост, ки лаҳза-лаҳза оворагӣ ва бечорагӣ зиёд гардад. Чун ошиқ маъшуқ гардад, дар маъшуқ афзояд, ҳама маъшуқ шавад ошиқ на, ҳама ноз шавад ниёз на, ҳама ёфт бувад дард боист на, ҳама тавонгарӣ бувад ва дарвешӣ на, ҳама чора бувад бечорагӣ на. [27, 75].

Ин ҷо калимаҳои «накоҳад», «бифизояд», «боист», «бечорагӣ», «ноз» ва «чора», «зиёдат» намунаи калимаҳои халқӣ, ки ба таври фаровон дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба назар мерасанд [111, 105, 107, 112, 118, 120,144, 199, 214, 218, 239, 259].

Аҳмади Ғаззолӣ дар порчаи болоӣ оид ба шинохти Ҳақ андешаронӣ карда, таъкид менамояд, ки агар ту ба ман наздик шавӣ, (инсон ба

Худовандро дар назар дорад) аз ту кам намешавад. Зеро Ту бениёзу мутлақ ҳастӣ ва барои мани бечора чора ҳастӣ, барои мани ниёзманд дари бениёзӣ ҳастӣ. Агар баръакси ҳол гардад, ба он ҳама ғановатмандиҳо ниёзмандӣ пайдо мешавад.

Яке аз хусусиятҳои сабки баёни Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» равонии калом ва ширинии калимаву ибороти дилнишин мебошад, ки дар саросари рисола ба ҳадди камол расидааст. Аҳмади Ғаззолӣ чун нависандаи бомаҳорати замон аз забони зиндаи халқ ва шохаҳои шевагии он беҳтарин калимаву иборотро интихоб намуда, дар мавридҳои муносиб устодона ба кор бурдааст.

Забон ва тарзи баёни суханвар сода ва орӣ аз суханбозиҳо буда, услубаш муъҷаз, дорои маонии зиёд бо истифодаи алфози кам мебошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки як орифи нуктасанҷу донандаи хуби забон дар даври худ тавонистааст бо чунин фасоҳату балоғати калом маҷлис ороста, бар асоси ин маҷолис рисолаи хуберо ба қалам диҳад.

Сабки таълифи осори Аҳмади Ғаззолӣ бо он ҳама ҷаззобияти тамоми баён барои эҷоди падидаҳои ҳунарӣ, мавзунияти калом дар насри орифона ҳам боис шудааст.

**Насри сода ба сабки хуросонӣ** - шеваи муаллиф ҳангоми баёни таълимоти ирфонӣ ва матлаби илмӣ ғолибан дар оғози ҳар фасл чунон содаю табиию равон аст, ки содагии сухан ва кӯтоҳии ҷумлаҳо робитаҳои шеваи сухани муаллифони рӯзгори сомониро бисёр хотиррасон мекунад. Барои мисол боз намунае дигар аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ зикр мешавад, ки ба ҳақиқати андешаҳои боло санаде буда метавонад: «Суръати дилро аз хулосаи олами аҷсом сохтанд ва ҷони дилро аз хулосаи олами арвоҳ пардохтанд. Чунонки ҳар чӣ латофати аҷсоми муфрад ва мураккаб буд, гирифтанд ва аз он ғизои наботиёт сохтанд ва ҳарчӣ латофати наботиёт буд гирифтанд ва ғизои ҳайвонот сохтанд ва ҳарчӣ латофати ҳайвонот буд гирифтанд ва ғизои одамӣ сохтанд ва ҳарчӣ латофати ғизо буд гирифтанд ва

аз он тани одамӣ сохтанд ва ҳарчӣ латофати тан буд гирифтанд ва аз он сурати дил сохтанд» [111, 146].

Дар ибороти боло такрори «ҳарчи латофат ... буд гирифтанд ва аз он ... сохтанд» ва такрори ҷузъҳои дигари ҷумлаҳо маълум мекунад, ки муаллиф ҳеҷ талоше дар оростагии сухани хеш накарда, матлабро ба ҳамон гунае, ки ба забони қалам меояд, ба рӯи коғаз овардааст.

Дар мавриди дигар мехонем:

Онгоҳ, ки кор ба ҷое расад, ки аз худаш ғайрат ояд ва бар дидаи худ ғайрат барад. Валлоҳу дарран лиқоилин (Ва Худованд сипарест, барои касе, ки мегӯяд-С.С.)

Байт

Эй дӯст туро ба хештан дӯст наем,
В-аз рашки ту бо дидаи худ дӯст наем.
Ғамгин на аз он, ки бо ту андар кӯем,
Ғамгин аз он, ки бо ту дар пӯст наем [27, 43].

Чун ин ҳақиқат маълум шуд, бало ва ҷафои ӯ қалъа кушодан, манҷаниқ аст, дар бастан туӣ ту то ту, Ӯ бошӣ. Тире аз камоли ироздати маъшуқ биравад ва чун қибла туӣ ту омад гӯ хоҳ тири ҷафо бошу хоҳ тири вафо, ки ҳарф дар иллат равад то бе тири назар бояд то ҳамагӣ ӯ рӯй дар ту наёварад, чун тавонад андохтан ва андохтан бар ту? -Ало-т-таъйин лобуд аз ту ҳисобе бояд ин чандин пайванд чун кифоят набувад ва худро яке аз ин ҷумла басанда бувад. Ин ҷо бувад, ки гуфтааст:

Байт

Як тир ба номи ман зи таркиш баркаш,
В-он гаҳ ба камони хештан андар каш.
Гар ҳеҷ нишона хоҳӣ инак дили ман,
Аз ту задани сахту зи ман оҳӣ х(в)аш [27, 45].

Дилбастан ва ошиқи роҳи ҳақиқат шудан кори хеле гарон аст, на ҳар кас аз уҳдаи тай кардани ин роҳ баромада метавонад. Зеро қалби инсон

маскангоҳи нури илоҳист ва онро бояд мо ҳамеша бедору зинда нигоҳ дорем, Ғаззолӣ мегӯяд, ки нишонаи ту дар дили ман аст ва оҳи хуш баровардан аз ману задани қалби ман аз туст.

Шеваи муаллиф дар нақлу ривояту тамсил низ ба камоли содагӣ ва равонӣ аст:

Чун ошиқ маъшуқро бинад изтироб дар вай пайдо шавад, зеро ки ҳастии ӯ орият аст ва рӯйи қиблаи нестӣ дорад ва худ дар ваҷд музтариб шавад то бо ҳақиқати кор нишинад ва ҳанӯз тамом пухта нест. Чун тамом пухта шавад дар ултиқо аз худ ғоиб шавад зеро, ки чун ошиқ пухта шуд дар ишқ, ишқ ниҳоди ӯ бикушод. Чун талои висол пайдо шавад, вуҷуди ӯ рахт барбандад ба қадри пухтагии ӯ дар кор ояд.

Ҳикоят

Оварданд, ки аҳли қабилаи Маҷнун гирд омаданд ва ба қавми Лайлӣ гуфтанд: Ин мард аз ишқ ҳалок хоҳад шуд чӣ зиён дорад агар як бор дастуре бошад то ӯ Лайлиро бинад? Гуфтанд: Моро аз ин маънӣ ҳеҷ бухле нест, валекин худи Маҷнун тоби дидори ӯ надорад. Маҷнунро биёварданд ва дар хиргоҳи Лайлӣ баргирифтанд. Ҳанӯз сояи Лайлӣ пайдо нагашта буд, ки Маҷнун беҳуш шуд. Чун ӯ пайдо шуд, ӯ пинҳон гашт, з-он ки бо маъшуқ пинҳон хуштар гуфтанд: Мо гуфтем, ки ӯ тоқати дидори Лайлӣ надорад. Ин ҷо буд, ки шоир гуфтааст:

Байт

Гар, менадиҳанд ҳаҷр ба васлат борам,
Бо хоки сари кӯи ту коре дорам [27,74].

Аҳмади Ғаззолӣ дар тасвири ишқи худ бо истифода аз тимсоли анъанавии адабии Маҷнун ва Лайлӣ корбаст намуда, тавонист барои шунавандаи худ расонад, ки ишқварзии пинҳонӣ хуштар аст, зеро лаззати ошиқ аз дидори маъшуқ хеле гарон аст ва дар мавриди дидори ҳамдигар тоқати бо ҳам будан ва ё диданро тараҳҳум карда наметавонад.

Дар намунаи болоӣ такомули динро бо рашк муқоиса мекунад, ки аз коштану даравидан шурӯъ мешавад. Бо орд кардану хамир кардан то ба

пухтан мерасад, албатта ҳамаи ин марҳилаҳоро аз гандум истифода бояд кард ва шахсе, ки хом хӯрад ноқису нотавон аз оне, ки ба танӯри гарм дарояду нони гармро омода созад. Ҳадафи Аҳмади Ғаззолӣ аз содагиву кӯтоҳии ҷумлаҳо дар он аст, ки ӯ бо мисоли гандум пайдоишу зуҳури динро ишора менамояд. Ин гунаи тамсилҳо дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба маврид корбаст шудааст, ки баҳри тақвият ва ҳалли андешаҳои ирфонӣ – рамзии Аҳмади Ғаззолӣ аз ҳар ҷиҳат мусоидат хоҳанд кард.

**Кӯтоҳии ҷумла ва содабаёнии фикр.** Дар тамсилоти кӯтоҳе, ки муаллиф ҷо-ҷо барои исботи сухани хеш меоварад, хамин содагии иборахо ва кӯтоҳии ҷумлаҳо падидор аст, ҳамчунон аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ мехонем:

Ва он хатоие, ки бар ошиқ равад дар қаҳри ишқ аз ҳалок кардани худ, талаби фироқи худ мекунад ки висол ба ду гарав аст ва бувад низ ки барноёфт бувад аз қаҳри кор ё аз ғалаботи ғайрат.

دو گرو -лаҳҷа ба маънои ду гаравгон [27, 80].

Мисоли дигар:

**Тамсили нафс ба оина ва оҳан.** «Ва хулосаи нафси инсон дил аст ва дил оина аст ва ҳар ду ҷаҳон ғилофи он оина. Ва зуҳури ҷумлагӣ сифоти ҷамол ва ҷалоли ҳазрати улуҳийят ба воситаи ин оина, ки

«سَنُرِيهِمْ آَيَاتِنَا فِي الْآَفَاقِ وَفِي أَنْفُسِهِمْ حَتَّى يَتَبَيَّنَ لَهُمْ أَنَّهُ الْحَقُّ أَوَلَمْ يَكْفِ بِرَبِّكَ أَنَّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ شَهِيد»

[35, 41].

Дар ин қитъа тамсил ва ташбеҳи инсон ба оинае, ки сифатҳои Офаридгори бузург дар он намоён асту таҷаллӣ медиҳад, ишора гардидааст. Чунин омадааст: «Нишонаҳои Худро дар атрофи олам ва дар нафсҳои онҳо (низ) ба онҳо хоҳем намоёнид, то бар онҳо возеҳ шавад, ки ин сухан рост аст. Оё он бас нест, ки Парвардигорат бар ҳар чиз гувоҳ аст» [111, 93].

Уқулро дида барбастанд аз идроки моҳият ва ҳақиқати руҳ ва руҳ сифати ишқ аст. Пас чун ба садаф илмро роҳ нест ба ҷавҳари макнун, ки дар он садаф аст чӣ гуна роҳ бувад? Аммо бар сабили иҷобат илтимоси ин дӯсти азиз акрамаҳуллоҳу таъоло ин фусул ва абёт исбот афтод, агарчӣ ки

«каломуно ишоратун» аз пеш бар пушт ҷуз ва исбот кардаем то касе агар фаҳм накунад маъзур бувад, ки дасти иборот бар домони маонӣ нарасад, ки маонии ишқ бас пӯшида аст [111, 176].

Тамсили инсон ва дили ӯ ба оина, ки нахуст сифати илоҳӣ дар он таҷаллӣ мекунад, дар мавридҳои дигаре аз китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» низ омадааст ва яке аз тамсилоти мавриди назари Наҷмиддини Розӣ аст. Ҳамзамон дар осори дигари нависанда ташбеҳи инсон ва ойина мавриди баҳс қарор гирифтааст. Ҳатто дар китоби «Мармузот» аз Ҳусайни Ҳаллоҷ зикр меравад, ки чаро гуфт «Ана-л-ҳақ» ва нагуфт «Анна-л-миръот» [111, 352].

Пас маълум мешавад, ки ташбеҳ ва тамсили дили инсон ба оина дар шеъру адабӣ форсӣ, махсусан дар шеъри шоирони сабки ҳиндӣ – Мирзо Бедил ва дигарон аз ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ таъсир гирифтааст, ки ин назар ҳам гувоҳи яке аз сарчашмаҳои муътамад будани китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» дар маърифати шеъри форсӣ тоҷикӣ мебошад.

**Мавриди дигар:**

Дар ибитидо бонг ва хурӯш ва зорӣ буд, ки ҳанӯз ишқ тамоми вилоят нагирифтааст, чун кор ба камол расад ва вилоят бигирад, ҳадис дар боқӣ афтад ва зорӣ ба назора ва назорӣ бадал гардад ва олудагӣ ба полудагӣ мубаддал шавад чӣ гуна ки гуфта:

Байт:

З-аввал, ки маро ишқи нигорам нав буд,
Ҳамсояи ман зи нолаи ман нағнуд.
Кам гашт маро нолаву дардам бифзуд,
Оташ чу ҳама гирифт кам гардад дуд.

Пас ҳақ Таъоло чун мавҷудот хост офарид, аввал нури руҳи Муҳаммадиро аз партави нури аҳадият падид овард, чунонки Хоҷа алайҳиссалавоту вассалом хабар медиҳад. «Ана миналлоҳи вал-муъминина миннӣ» ва дар баъзе ривоёт меояд, ки ҳақ Таъоло ба назари муҳаббат бад-он нури муҳаббати Муҳаммадӣ нигарист, ҳаё бар вай ғолиб шуд ва қатароти

арақ аз вай равон гашт, арвоҳи анбиёро алайҳимуссалавоту вассалом аз қатароти нури Муҳаммадӣ биёфарид [27, 76].

Дар порчаи мазкур Ғаззолӣ дар бораи офаридани маҷудот ва дамидани руҳ бар онҳоро, аниқтараш руҳи Муҳаммадиро дар назар дорад, ки ин қиссаи Қуръонист ва дар аксари қиссаҳои Қуръони ҳамин нақл оварда мешавад, ки Ғаззолӣ онро ба таври худаш аз ҳама аввал, дар ибтидо ҳамон ишқ буд, ки сабаби офариниши мавҷудот гаштаро баён мекунад. Ғаззолӣ мегӯяд, ки гармии ишқ баъди офаридани мавҷудот паст шуда, аммо оташаи он баланд шуд. азбаски оташ баланд буд,лекин дуд кам шуд, ки ин ишора ба одамони баъдист.

**Муқоисаи шеваи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ бо осори мансури ирфонӣ.** Пайдост, ки Аҳмади Ғаззолӣ дар навиштани насри сода бар хилофи намояндагони асри хеш ба шеваи пешиниёни мутасаввифа, аз он ҷумла ба «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ ва суханони Абӯсаиди Абулхайр назар дошта, дар матни «Савонеҳ-ул-ушшоқ» мавридҳоеро мебинем, ки аз он ду китоб бидуни зикри манбаъ гирифта шудааст. Дар ин ҷо барои ин ки пайвастагии насри Аҳмади Ғаззолӣ ва пешравони ӯ равшан шавад намунаҳое меоварем:

Агар дар хоб бинад, сабаб он аст, ки ӯ рӯй дар худ дорад. Ҳама тан дида гашта ва дида рӯ шуда ва дар маъшуқ оварда то дар сурати ӯ, ки бар ҳастии ӯ нақш афтодааст. Аммо ин ҷо сирри бузург аст ва он, он аст ки он чӣ ҷиддӣ ошиқ аст мулозими маъшуқ аст ва буъду ва қурби ӯро ҳиҷоб накунад, ки худ дасти қурб ва буъд ба домани ӯ нарасад. Талаби он нуқта дигар аст ва талаби зоҳир дигар. Аммо чун дар хоб бинад он буд, ки аз рӯи дил чизе дида ва огоҳии фаро илм диҳад то хабар аз даруни ҳуҷб берун оварад [27, 68].

Умуман насри Ғаззолӣ хеле ҷолиб аст ва овардани матлабҳо низ бо шаклҳои гуногун сурат гирифтааст, дар порчаҳои мухталиф маҳз ҳамон ишқро бо гунаҳо овардааст ва дар порчаи мазкур низ ҳамон муҳаббате, ки ба мавҷудоти хеш дошт, ҳаман он ламаоти нури худашро, ки дар ҷисми инсон ҳамчун муҳри илоҳӣ гузошт бо ташбеҳоти хоб дидану зоҳир гаштани

матлабҳои хоб ва маҳз ҳамон ҳуҷб буд, ки одамро тавассути он ба роҳи ҳақиқат равон масозад.

**Аз «Асрор-ут-тавҳид»:** «Дар он вақт, ки Шайх Бӯсаид устоди Бӯалӣ Даққоқро бидид як рӯз нишаста буданд. Шайх аз устод Бӯалӣ суол кард, ки эй устод ин ҳадис бар давом буд? Устод гуфт на. Шайх боз сар дар пеш афканд. Чун соате гузашт боз сар баровард ва гуфт, эй устод ин ҳадис бар давом буд? Устод Бӯалӣ гуфт агар буд нодир буд. Шайх даст бар ҳам зад ва мегуфт ин аз он нодираҳост». Ин аз он нодираҳост.

**Аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»:** «Ишқ мардумхур аст, ӯ мардумӣ бихурад ва ҳеҷ боқӣ нагузорад. Ва чун мардумӣ бихурад ӯ соҳиби вилоят шавад. Агар ҷамол бар камол битобад, бегонагии маъшуқро низ бихӯрад валекин ин сахт дер буд» [27, 69].

Аз ин намуна бармеояд, ки Аҳмади Ғаззолӣ роҳи гузари тариқати маъмул дар насри мутасаввифа буда, агар тағйире дар шеваи нигориши ӯ бо пешиниён ба чашм ояд, каме мояи равшангарӣ ва гироиш ба шеваи табии забони форсӣ-тоҷикӣ аст.

Ҳамчунин шевотарин ва дилангезтарин қисматҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамон аст, ки ба ин сабк нигориш ёфтааст. Масалан, бахшҳои «офариниши одам», «баҳоҷӯӣ барои муҷозоти иблис», «тифле, ки ба вуҷуд меояд», «Шайх Муҳаммад Куф», «хоҳари Ҳусайни Мансур», «тамсили шаҳбоз», «тамсили султони ишқ», «як қатра равған», «Мискини Ҳусайни Мансур», мурожиат тавон кард, ки ба сабки насри мурсал навишта шудаанд [111, 89].

Бояд гуфт, ки хубтарин ва латифтарин бахши «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бешубҳа достони офариниши Одам аст, ки аз фасли чаҳоруми боби дуюм оғоз мешавад ва дар фаслҳои баъд ба тафриқҳо баён карда мешавад. Ин достон мисоле латифу шоирона ва орифона аст ва саропои он аз як мавҷи латифи шеърӣ ва шавқу шӯру ҳол лабрез аст [111, 67].

Агар мумкин гардад, ки ошиқ аз маъшуқ қувват тавонад хӯрд он набувад илло дар ғайб аз сифати олами зоҳир, ки он шабеҳи суккарест, ки ёр

набувад ва қувват бувад. Ва он ғайбат мисоли бе ҳастӣ дорад ё бо талояи маъшуқ дорад чунончи гуфт:

Байт:

Дар хобу хаёл ту маро мӯнису ёр,
Аз хоб макун маро нигоро бедор.
Зеро ки туро ҳаст нигаҳбон бисёр,
Моро ба хаёли бенигаҳбон бигзор [27, 73]

Сухани латифи орифонро бо шеъре, ки забони дилу ишқ аст аз дербоз пайванде ногусастанӣ будааст ва тасодуфӣ нест, ки аз шоирони ориф Саноиву Аттору Мавлавию Хусраву Ҷомӣ ва дигарон гирифта, ҳақиқати ишқу ирфонро дар қолаби суханони манзум рехтаанд ва он чӣ ба наср нигориш ёфтааст, намунае аз шеър дорад. Қабл аз Аҳмади Ғаззолӣ орифони дигар низ суханоне гуфта буданд, ки ҷузъ вазну қофия чизе аз шеър кам надошт. Аҳмади Ғаззолӣ низ дар пайи ин роҳ буд ва ҳар ҷо, ки суханаш аз Худо ва ишқ аст баёнаш ранги шеър мегирад ва ашъори мансуре падид меоварад:

Ҳар чи дар талвини ишқ аз ошиқ бувад, дар тамкини ишқ бадали он биёбад аз маъшуқ. Валекин на ҳар кас бадин мақом расад, ки ин бас олӣ мақомест дар ишқ. Ва камоли тамкин он бувад, ки аз ҳастии ӯ чизе намонда буд.

Байт:

Лаъле, ки зи кони ақлу ҷон ёфтаам,
Бо кас нанамоям, ки ниҳон ёфтаам.
То зан(н) набарӣ, ки ройгон ёфтаам,
Ман ҷону ҷаҳон дода пас он ёфтаам.

Ва висолу фироқ ӯро яке бувад ва аз илалу авориз бархоста бувад. Ин ҷо бувад, ки ӯ аҳлияти хилъати ишқ ёбад ва ин ҳақоиқ, ки бар бадал аз маъшуқ ба ошиқ мерасад хилъати ишқ бувад.

Байт:

Дил дар тамаъи васл балоро сипар аст,

Ҷон дами ҳаҷру заҳри ӯ бар хатар аст.

Берун зи висолу ҳаҷр кори дигар аст,

Ҳиммат чу баланд шавад ҳама дарди сар аст [27, 40].

Ишқро Ғаззолӣ талвини ишқ аз ошиқ ва тамкини ишқ аз маъшуқ мегӯяд, дар мақоми ишқ баланд будани маъшуқро нишон додааст ва баъд мегӯяд, ки дидани маъшуқ беҳтарин лаззат аст ва расидани ошиқ ба маъшуқро хилъати ишқ меҳисобад.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ» дар насри фаннӣ падид омадааст ва бо ҳамаи кӯшиши муаллиф дар соданависӣ ва ба қавли устод Баҳор «қадре аз ҳайси санъати ибтидоӣ аст ва низ якдаст нест... гоҳе насрӣ аст дорои қаринасозӣ ва мувозинаи саҷъҳои пай дар пай ва муқаррар монанди Хоҷа Абдуллоҳ ва Қози Ҳамидуддин ва дар насрҳо оёту аҳодис ва рубоиҳои латифи дигар анвои шеър аз тозӣ ва порсӣ ёфт мешавад» [72, 51].

Аҳмади Ғаззолӣ бар ҳамин усул эҷоди шоирони то замони худ ва ҳамзамононашро мавриди омӯзиш қарор дода, аз эшон пайравӣ ва истиқбол кардааст. Ҳарчанд шеър атои Худованд ва хоси шоир аст, боз ҳам дар коргоҳи хаёли шоир сӯзу соз мехоҳад ва дар замини холии андеша намерӯяд. Бояд ашъори шоир борвар аз тамомии илмҳо моявар аз ашъори бузургони дигар бошад.

Аҳмади Ғаззолӣ ба шеваи маъмули рӯзгори худ насрро ба назми форсӣ ва арабӣ оростааст, махсусан дар мавридҳое, ки мавзӯи Худо ва дилу ишқу зебоӣ дар кор аст ҳар чӣ бештар аз шеър ёрӣ меҷӯяд, маҷмӯан дар ҳудуди 125 байт шеъри форсӣ ва ҳашт байт шеъри арабӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ омадааст. Аз анвои шеъри форсӣ рубоӣ бештар интихоб шудааст. Намунае аз «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ манзур медорем:

Ишқ ба таҳқиқ он буд, ки сурати маъшуқ пайкари ҷони ошиқ ояд. Акнун ҷони ошиқ аз он сурат доим қути худ мехӯрад ва барои он бувад, ки агар маъшуқ ба ҳазор фарсанг дур бувад, ошиқ ӯро ҳозир донад «ва ақрабу мин кулли қариб» (яъне наздиктар аз ҳама наздикиҳо-С.С.) шуморад. Аммо

қути огоҳӣ аз он чи нақди хештан аст, ҷуз аз сояи ҷамол рӯи маъшуқ натавонад хӯрд.

Байт:

Он рӯй чаро ба бутпарастон набарӣ,
Арза накунӣ куфр аз эшон набарӣ.
Гар як назаре чунон ки ҳастӣ нигарӣ,
На бут монад, на бутпарастӣ, на парӣ.

Шеър:

Илло фааcқанӣ хамран ва қул лӣ ҳия-л-хамру,
Ва ло тасқани сирран изо амкана ал-ҳаҷру.

Яъне: Ҷуз май деҳ то бинӯшам ва ба ман гӯй, ки он шароб аст ва маро пинҳонӣ нанӯшонед агар имкони ошкор бошад-С.С. [27, 39].

Висоли маъшуқ қути огоҳӣ хӯрдан аст аз нақди ҷони худ на ёфтан. Аммо ҳақиқати висоли худ ин ҷо даст диҳад, ва ин нуқта аз дидаи илм мутаворӣ аст. Аммо чун ишқ ба камол расад, қут ҳам аз камоли худ хурад, аз берун коре надорад.

Ин китоб аз асари адабии пурқиммате аст, ки дар қарни панҷум иншо шудааст ва шеваи иншои осори тасаввуфии ҳамин қарнро шабеҳ аст. Дарвоқеъ насре аст, ки бо сабк ва шеваи Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ аз ҳайси саҷъҳои пайдарпай ва ибороти пухтаи Аҳмади Ғаззолӣ мебошад.

Яке аз муҳимтарин вижагиҳои китоб корбасти истилоҳоти адабӣ ва ирфонӣ аст. Ҳамчунин истифодаи луғот ва таркиботи форсӣ аз махсусиятҳои ин китоб аст, ки дар асрҳои баъдина ҳамчун истилоҳоти махсуси ирфонӣ истифода шудаанд. Ин ду махусусият сабаби бартарӣ касб кардан ва ҷойгоҳи баланд ба худ гирифтани китобро дар байни осори орифон таъин намудааст. Ҷанбае, ки ҳам аз назари адабӣ ва ҳам аз назари ирфонӣ тавъаманд мӯҷиби имтиёзи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аст, мегӯяд Пурҷаводӣ, таваҷҷӯҳу табйини теъдоди би-н-нисба зиёде аз истилоҳоти ирфонӣ аст, ки ҷо-ҷо дар ин китоб омадааст. Маҷмӯае аз ин истилоҳот истихроҷ гардида, худ ба сурати рисолаи адабие даромадааст, ки

мавриди истифода метавонад бошад [111, 165]. «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ миқдори фаровони истилоҳоти адабиву ирфониро дар синаи худ ҷой додааст (нафси ишқӣ, нафси собиқ, корхонаи ғайб, ...ва ғайра ) ва ин сабаби рӯи кор омадани рисолаи махсусе гаштааст.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ гузашта аз он ки оинаи тамомнамое аз вазъи сӯфиён дар авохири қарни шашум ва авоили қарни панҷум аст, огоҳиҳои судманде низ аз вазъи дигар табақоти мухталифи мардум ва одобу русуми он аср мебошад.

Илова бар ин, китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз назари ҳикмати амалӣ ва нишон додани роҳу оини зиндагӣ ҷойгоҳи вижае дар миёни осори забони форсӣ-тоҷикӣ дорад. Илова бар фусули боби панҷум, ки мутлақан дар бораи сулуки табақоти мухталифи мардум аст ва дар соири бобҳо низ сар то сари сифот ва рафтори инсонӣ ҷо-ҷо бо баёне дилкаш ва тамсилоте муносиб мавриди баҳс қарор гирифта ва чунон аст, ки дар мағзу ҷони ҳар хонандае асари жарф бар ҷой мегузорад.

«Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз замони навишта шуданаш то имрӯз мавриди инояти бузургони адабу ирфон қарор гирифта, гавҳарҳои шоҳвори афкор ва мазомини хизонаи асрори илоҳӣ дар суханони онҳо роҳ ёфтааст. Андешаву афкори Аҳмади Ғаззолӣ дар осори насриаш бамаврид истифода ва бардошт шудааст. Ҳатто баъзе ашъоре, ки дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва осори дигари ӯ омада, дар осори суханварони баъдӣ ба назар мерасад.

Ҳофизи Шерозӣ ҳам дар интихоби мазмунҳо аз осори пешиниёни худ баҳраҳо бурда, хоса аз Аҳмади Ғаззолӣ таъсир гирифтааст. Аз ашъори Хоҷа Ҳофиз пайдост, ки ӯ «Савонеҳ»-ро хонда ва таҳти таъсири ганҷи ҳақоиқи Аҳмади Ғаззолӣ қарор гирифтааст ва ин таъсир дар таъбироту мазомини ӯ намоён аст. Ҷиҳати истифода бар ин гуфта ба ду мавридишорат мекунем:

1. Дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар фасли мабдаъи мавҷудот чунин мехонем: «маҷмӯае мебоист аз ҳар ду олами рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ, ки

ҳам олати муҳаббат ва бандагӣ ба камол дорад ва ҳам олати илм ва маърифат ба камол дорад, то бори амонати мардона ва ошиқона дар сифати ҷон кашад ва ин ҷуз вилояти ду ранги инсон набуд, чунонки фармуд: «Инно аразна-л-амоната ала-с-самовот... зулум ва ҷуҳул аз лавозими ҳоли инсон омад, зеро ки бори амонат ҷуз ба қуввати зулму ҷаҳл натавон кашид» [111, 41].

Таъбирҳои Қуръонӣ дар мавориди мухталиф дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ истифода шуда, ҳатто дар як байти ғазали Аҳмади Ғаззолӣ чунин омадаст:

Осмон бори амонат натавонист кашад,
Қуръаи фол ба номи мани девона заданд.

Шояд тасаввур шавад, ки Аҳмади Ғаззолӣ мазмунро мустақим аз Қуръон гирифтааст, вале наздикии баён ва маънонии миёни абёти Аҳмади Ғаззолӣ чунон гувоҳӣ медиҳад, ки вай дар бештар мавoрид таҳти таъсири тасаввуф будааст (111, 169)

«Бидон, ки дил хилватгоҳи хоси Ҳақ аст, ки **«лояъсани арзӣ ва ло самоӣ ва иннамо ясъанӣ қалбу иъбаду-л-мӯъминӣ»** ва то заҳмати ағёри дарбор гоҳ дил ёфта шавад ғайрату иззати талаб кардан аз ғайрат, валекин чун пешравии лашкари лоилоҳа боргоҳи дил аз заҳмати ағёр холӣ кард, мунтазири қадамҳои султонуллоҳ бояд буд:

Ҷо холӣ кун, ки шоҳ ногоҳ ояд,
Чун холӣ гашт шоҳ ба хиргаҳ ояд» 111, 274).

Устод Пурҷаводӣ тавзеҳ медиҳад, ки байти болоӣ дар намунаи Қазвинӣ «суҳбати аздод» ва дар намунаи Хонларӣ «манзари дил» омадааст. Аммо бо таваҷҷуҳ ба маншаи аслии мазмуни Ғаззолӣ метавонем ба гумони наздик ба яқин ҳукм кунем, ки «хилвати дил» ва «суҳбати ағёр» саҳеҳ аст на манзари дил ва суҳбати аздод.

Ҳамин тариқ аз матолибу муҳтавои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва ҷаҳоншиносии Аҳмади Ғаззолӣ шоирони ориф ҳамчун Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ва Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ асар пазируфтаанд. Ҳамзамон Азиз Насафӣ дар «Кашф-ул-ҳақоиқ», Ҳусайн Воиз дар «Футутномаи

султонӣ» ( хоса дар бобҳои аввал ва дуюми он китоб), Наҷмиддини Маҳмуди Исфаҳонӣ дар «Минҳоҷ-ут-толибин» ва Амир Ҳусайн Ҳиравӣ дар «Тараб-ул-маҷолис» «Мирсод-ул-ибод»-и Наҷмиддини Розӣ матолибе, аз Аҳмади Ғаззолӣ гирифтаанд, ки ин бори дигар аз таъсир ва арзишҳои адабию ирфонии «Савонеҳ-ул-ушшоқ» гувоҳӣ медиҳад.

Бисёре аз нукоте, ки Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба он ишора намуд, ҷанбаи ибтикорӣ дорад ва ҳатто бархе аз мазоминро аз пешиниён низ ба тариқи ба худаш хос гирифтааст, ки боз тозагии фикр ва андешаро комилан метавон дар он мушоҳида намуд. Мо дар ин фасл қасд дорем, ҷанбаҳои ирфонии китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро, ки дарбаргирандаи муҳимтарин афкору андешаҳои Ғаззолӣ аст, мавриди баррасӣ қарор диҳем:

**Иттиҳод**

Аз ҷумлаи нукоти муҳиме, ки дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, назарияи «иттиҳод» ва ё як шудани ошиқ бо маъшуқ (солик бо ҳақиқати мутлақ) аст. Ҳарчанд «иттиҳод» ва «ваҳдат» дар зоҳир тафовути зарифе бо ҳам доранд, аммо дар ин китоб ин ду истилоҳ ба як маънӣ ва мафҳум истеъмол шудаанд.

Фанои нафсонӣ ва тарки тааллуқот шарти аслии «ягонагӣ бо маъшуқ» аст. Ғаззолӣ ба манзури баён кардани масъалаи «иттиҳод» ба абёте аз Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ истинод мекунад:

أنَا مَنْ اهوَی وَ مَنْ اَهوَی أنا
نَحْنُ روحان حللنا بَدَنا
فَإذا اَبْصَرْتَنِي اَبْصَرتَهُ
و اذا اَبْصَرتَهُ اَبْصَرْتَنا

Ман он касам, ки ӯ маро қасд кард ва касе ки маро хоста ман ҳастам,
Мо ду руҳем, ки ба як бадан ҷой гирифтаем,
Пас замоне ки маро дидӣ, ӯро дидаӣ,
Ва замоне, ки ӯро дидӣ, моро дидаӣ,

Ишорот ҳам ба ин маънӣ буд, валекин дур афтод, дар мисраи дуввум, киنَحْنُ روحان حللنا بَدَنا қадам аз яке дар дуе ниҳодааст. Мисраи аввал наздиктар аст, ки أنَا مَنْ اهوَى وَ مَنْ اَهوَى أنا [27, 7].

Нуктаи қобили мулоҳиза дар ин мабҳас, ки то ҳудуде дидгоҳи Ғаззолиро дар боби «иттиҳод» равшантар менамояд, ин аст, ки ӯ мисраъи

أنَا مَنْ اهوَى وَ مَنْ اَهوَى أنا

-ро авҷи иттиҳод медонад, аммо дар мисраъи дуввум бо зикри интиқоди зариф аз Ҳаллоҷ ба нуктаи дақиқе ишора мекунад: ӯ мӯътақид аст, ки дар иттиҳод дуӣ ва санавият вуҷуд надорад ва ҳарчи ҳаст ягонагӣ аст. Дарвоқеъ руҳ ҳақиқати воҳид аст, ки дар мартабае ба шакли ошиқ ва дар мартаби дигар ба шакли маъшуқ ҷилвагар мешавад: руҳ то ҳангоме ки дар мароҳили ибтидоии ишқ қадам мегузорад, дар масири ошиқӣ аст, вале ҳангоме ки пой ба мароҳили камоли ишқ ниҳод, маъшуқ аст ва бо ӯ яке аст. Истиноди Ғаззолӣ ба сухани Ҳаллоҷ нишонгири ин ҳақиқат аст, ки қабл аз ӯ низ андешаи иттиҳод бо маъшуқ ба самтҳои гуногун дар тафаккури андешамандони сӯфӣ вуҷуд доштааст ва ҳар як бо забони хоси хеш пайвастагии ошиқро бо маъшуқ тарсим намудаанд. Аз интиқоди Ғаззолӣ бар сухани Ҳаллоҷ метавон пай бурд, ки масъалаи «иттиҳод» аз навъи пайвастагии ду зот дар якдигар нест ва усулан дуӣ дар кор нест, дар чунин марҳалае тамоизи байни ошиқу маъшуқ низ маҳв мешавад.

Дар ин китоб тафовуте миёни «висол» ва «иттиҳод» вуҷуд надорад:

«Ҳақиқати висол худ иттиҳод аст ва ин нуқта аз илм мутаворест [14, 94].

**Таквин ва тамкин**

«Таквин ва тамкин» низ аз ҷумлаи мароҳиле аст, ки Ғаззолӣ дар боби ҳақоиқи мавҷуд дар он нукоти муҳимеро кушода менамояд, ки то ҳудуде бо таърифҳое, ки дар соири китобҳои ирфонӣ аз ин ду истилоҳ суроғ дорем, фарққунанда аст. Ғаззолӣ бовар дорад, ки «тамкин» дар мароҳили ниҳоии масири ишқ насиби солик мегардад, на дар мароҳили ибтидоии он ва дастёбӣ ба он низ мусталзами касби шароиту шоистагиҳое аст ва чи басо бисёре

ҳаргиз аз марҳалаи «талвин» по фаротир наниҳанд. Ошиқ ҳар ончиро ки дар марҳалаи талвин аз даст бидиҳад, ба маротиб беҳтару мутаолтарашро дар марҳалаи «тамкин» боз меёбад. Дар ин марҳала (тамкин) иллатҳову аворизи моддӣ аз байн хоҳад рафт ва ошиқ ба марҳалаи сукун, осоиш ва итминони ҷовид даст хоҳад ёфт. Ғаззолӣ аз марҳалаи талвин ба далели тағйир ва таҳаввулоти мутааддиде, ки насиби ҳоли солик мегардад, бо унвони «бӯқаламуни талвин» ёд намуд:

«Ҳар чи дар талвини ишқ аз ошиқ бишавад, дар тамкини ишқ бадали он биёбад аз маъшуқ. Валекин на ҳар кас бад-ин мақом расад, ки ин бас олӣ мақомест дар ишқ. Ва камоли тамкин он бувад, ки аз ҳастии ӯ чизе намонда бувад» [27,30].

## Ишқ

Яке аз муҳимтарин мафоҳими мавриди таъкид дар ирфони исломӣ мафҳуми ишқ аст. Ишқ аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънояш гулпечак ва ё аз عَشَق ба маънои қуллаи кӯҳ аст, ки ин охире, киноя аз ин аст, ки ишқ болотарин нуқтаи муҳаббат аст. Аҳмади Ғаззолӣ дар муқаддимаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» тазаккур медиҳад, ишқро танҳо бо «басирати ботин» метавон дарк намуд ва саранҷом дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ишқро ба гунае тавсиф ва бисёр мухтасар чунин таъриф мекунад:

«Ҳақиқати ишқ ҷуз бар маркаби ҷон савор наёяд. Аммо дил маҳалли сифоти ӯст ва ӯ худ ба ҳуҷби иззи худ мутаззиз аст» [27, 69].

Дар ҷойи дигар менависад:

«Ишқ навъе аз сукр аст, ки камоли ӯ ошиқро аз дидан ва идроки камоли маъшуқ монеъ аст. Зеро ки ишқ сукр аст дар олати идрок ва монеъ аст аз камоли идрок» [27, 24].

Ҳамчунин:

«Асрори ишқ дар ҳуруфи ишқ музмар аст. Айн ва шин, «уш» бувад ва қоф ишорат ба қалб аст» [27, 25].

## Фано

Назарияи «фано», ки аз ҷумлаи эътиқодҳо ва андешаҳои бисёр мутаоли сӯфия маҳсуб мешавад, дар тафаккуроти Ғаззолӣ низ ҷойгоҳи вижаеро ба худ ихтисос додааст, зеро ниҳояти сайри ошиқ он аст, ки дар вуҷуди маъшуқ фонӣ шавад, аз тарафи дигар байни бақои ҳақиқӣ ва фаной дар маъшуқ низ иртиботи танготанг вуҷуд дорад, роҳи расидан ба бақо имконпазир нест, магар ин ки солик аз раҳгузари фано бад-он даст ёбад. Кайфияти дастёбӣ ба бақои ҳақиқӣ, ҳамчун соири мароҳили сулук қобили тавсиф нест, балки шахс бояд худ онро таҷриба кунад ва усулан илму ақл дар соҳати он роҳе надорад. Аз таъбири Ғаззолӣ метавон дарёфт, ки фано бар бақо тақаддум дорад, чун то фаное сурат напазирад, бақое низ рух нахоҳад дод. То солик ба марҳалаи фано нарасида бошад, фарзанди вақти хеш аст, тобеъи тағйироту аҳкоми вақт хоҳад буд ва бадеҳе аст, ки аҳкому ҳолатҳои мутазоде бар ӯ ориз гардад:

«Фано қиблаи бақо ояд ва марди муҳаррам парвонавор аз сарҳади фано ба бақо пайвандад ва ин дар илм нағунҷад» [27, 35].

Иртиботи миёни фано ва бақо нуктае аст, ки тақрибан дар китобҳои қадими сӯфия ба он ишора шудааст. Аз ҷумла, дар китоби шарҳи «ат-Таарруф» омадааст:

«Он кас ки ӯ боқӣ бошад ба ҳақ, фонӣ бошад аз нафси хеш» [27,158]

«Бақо он аст, ки банда баъд аз фанои худе, худро боқӣ ба ҳақ бидонад ва аз асмои мутафарриқа, ки муҷиби тафриқа ва касрат аст, дурӣ гузинад» [111, 230].

## Худ

Назарияи «худ» аз ҷумлаи мавзӯоти муҳиме аст, ки дар масири сайру сулук аз аҳамияти вижае бархурдор аст, аммо дидгоҳи Ғаззолӣ дар ин боб то ҳудуде нисбат ба дигарон аз ибтикори Ғаззолӣ бархурдор аст. Ба назари Ғаззолӣ солике, ки ҳанӯз дар қайди хеш ва таманниёти нафсонии хеш аст, асири вақт буда, муқтазиёти вақт бар ӯ ҷорӣ мешавад. Бар руҳиёти фардӣ, ҳолатҳои мутазоде чун қабзу баст (гирифтану додан), фироқ таъсир

мегузорад, дар ҳоле ки солик фориғ аз «худ», аз ин аҳволи мутазод раҳой меёбад ва Худованди вақти хеш аст.

«То бахуд худ буд аҳкоми фироқу висол, қабулу рад, қабзу баст, андӯҳу шодӣ ва ин маъниҳо бар ӯ равон буд ва ӯ асири вақт буд, чун вақт бар ӯ дарояд, то вақт чӣ ҳукм дорад ӯро ба ҳукми ранги вақт бояд буд, ӯро ба ранги худ биканд ва ҳукму иродати вақтро буд» [ 14,36].

Аз тарафи дигар роҳи дастёбӣ ба ҳақиқати мутлақ аз тариқи ӯ (маъшуқ) ва дар ӯст ва шарти асосии он гузар аз хеш аст.

**Дил**

Дил, ки дар матнҳои ирфонӣ пас аз мабҳаси ишқ аз бештарин дараҷаи эътибор ва аҳамият бархурдор аст. Дар ин китоб низ ҷойгоҳи арҷмандеро ба хеш ихтисос додааст. Ба эътиқоди Ғаззолӣ дилу вақт қоби қавсайни азалу абад маҳсуб мегарданд, қоби қавсайне, ки як сари он ба олами вуҷубу маънӣ ва сари дигари он ба олами касрату модда муртабит аст. Агар вақт иқтизо кунад ва дил қобилияти пазириши ҳақоикро дошта бошад, қодир хоҳад буд, ки ҳақоиқ ғайберо аз олами вуҷуб бигирад. Ба олами касрат оро диҳад. Бинобар ин дил ҷойгоҳи асрору ҳақоиқи ғайбе низ ҳаст:

«Агар ба сирру вақти хеш бино гардӣ, ба бадоне ки қоби қавсайни азалу абади дили туст ва вақти ту» [27, 82].

Дар ин масир покӣ ва таҳзиби дил аз тирагиҳову кудуратҳои нафсонӣ аз аҳамияти хосе бархурдор аст, зеро «ишқи халқ ба ҳақ» аз назари ҷиҳатгирӣ тафовути асосӣ дорад «ишқи халқ ба хулқ» вобаста ба покӣ ва шаффофияти дил аз ҳиҷобҳост ва аз даруни дил ба берун инъикос меёбад, дар ҳоле ки «ишқи халқ ба хулқ» аз роҳи мушоҳидаву назар ҳосил мешавад ва аз берун ба даруни дил нуфуз пайдо мекунад. Ғаззолӣ бо тезбинии хоси хеш ҳадду мизони нуфузи ишқҳои моддӣ дар дилро мушаххас мекунад. Ба эътиқоди ӯ, ин ишқ ҳар андоза, ки дар дил ворид шавад, аз пардаи берунии дил, ки «шағоф» ном дорад, фаротир нахоҳад рафт.

Таъсири андешаи Ғаззолӣ дар боби дил бар «Ҳадиқат-ул-ҳақиқа»-и Ҳаким Саноии Ғазнавӣ комилан маҳҳуд аст. Саной низ аз дил ба унвони

ҷойгоҳ таваҷҷӯҳ ва инояти ҳақ ёд мекунад ва ҳам монанди Ғаззолӣ барои дил қоби кавсайн қоил аст.

**Завқ**

Аҳамияти «завқ» дар дарёфти ишороту ҳақоиқи маънавӣ аз ҷумлаи нукоти бисёр муҳим аст. Ғаззолӣ дар муқаддимаи китоби хеш дарки бисёре аз асрору ишороти нуҳуфта дар асарашро вобаста ба қудрати «завқ» медонад:

«Валекин иборат дар ин ҳадис ишорат аст ба маънои мутафовит накира буд. Он накира дар ҳаққи касе буд, ки завқаш набуд» [27, 92].

Аз миёни орифон шайх Аттори Нишопурӣ низ завқро қудрати дарёфти маъонӣ мешуморад:

Завқ чист? Огоҳи маънӣ омадан,
На ба тақво, на ба фатво омадан [27, 81]

Айнулқуззот ҳам дар «Тамҳидот» барои ишқ «завқ» қобил гардидааст. Ба эътиқоди ӯ бисёре аз ҳақоиқи маънавиро ба василаи завқи ишқ бояд дарёфт:

«Эй дуст! Ин суханҳо на завқи ҳар касе бошад, ин суханҳоро ба завқи ишқ дар тавон ёфт» [27, 216].

Шоирон

Аз ҷумлаи нукоти ҷолиби таваҷҷӯҳ дар ин китоб дидгоҳи Ғаззолӣ дар боби «шоирон» аст. Ӯ дар тавзеҳ ва тасҳеҳбинӣ мегӯяд:

Гуфтам синамо магар ки ҷонони манӣ,
Акнун ки ҳаме нигаҳ кунам ҷони манӣ.

Инҷо дар тамоми байт гуфтааст:

Муртад гардам ту зи ман баргардӣ,
Эй ҷону ҷаҳон ту куфру имони манӣ.

Магар мебоист гуфтан «беҷон гардам гар ту зи ман баргардӣ», валекин чун гуфтори шоирон аст ва дар назму қофия монанд, гуфтори ошиқон дигар аст ва гуфтори шоирон дигар, ҳадди эшон беш аз назму қофия нест» [27,7-8].

Ғаззолӣ дар ҷумлаҳои боло ба ду нуктаи асосӣ ишора намудааст:

1. Маъшуқ ва ишқ ҳақоиқе ҳастанд, ки ба маротиб аз куфру имон бартаранд ва дар воқеъ ҷони тамоми ҳастӣ маҳсуб мешаванд. Агар аз вуҷуди ошиқе маъшуқ ва ишқ рахт барбандад, дар асл ҳақиқати ҳастиву ҳаёт аз ӯ салб шудааст. Ошиқ ҳангоме ки ба маъшуқ ва ишқ мепайвандад, дар воқеъ аз куфру имон по фаротир гузошта, ба марҳалаи яқини қалбе даст ёфтааст.

2. Шоирон асири назму қофияанд ва чи басо ҳамин улум дасту погири шеърӣ муҷиб мешавад, ки бисёре аз ҳақоиқу маъонӣ аз тариқи шеър қудрати ҷилвагарӣ надошта бошанд. Бинобар ин, миёни шоирон, ки дар ишороти назму қофияанд бо ошиқон, ки бояд дар тариқи мақсуди хеш аз қайди ҳар асорату таллуқе озод бошанд, фарсангҳо фосила аст. Бисёре аз орифон дар ин замина бо Ғаззолӣ ҳамақидаанд.

### Ғайрат

Эътиқоди Ғаззолӣ дар боби «ғайрат» ва робитаи имконнопазиру ногусастагии он бо ишқ низ аз ҷумлаи нукоти қобили таваҷҷӯҳ аст. Ғайрат сифату хосияти ишқ аст ва омили муассире аст, ки монеъи вуруди ағёр ва таваҷҷӯҳ ба бегона мешавад. Ҷалолу азамати ишқ то ба ҳадде аст, ки дидаи ошиқ қодир нест ба чизе ҷуз ӯ назар афканад.

Аҳамияти дидгоҳи мубтакиронаи Ғаззолӣ дар боби ғайрат ишора ба нукоте аст, ки дар китобҳои қабл ва ҳатто баъд аз ӯ мушоҳида нашудааст.

### Иртиботи ғайрат бо маломат ва дигар анвоъи ғайрат.

Аз дидгоҳи Ғаззолӣ анвоъи ғайрат бо маъшуқ, вақт ва ишқ иртиботи танготанг дорад. Гоҳе маъшуқ шамшери ғайрат бармекашад то ошиқ ба чизе ҷуз ӯ таваҷҷӯҳ надошта бошад, яъне, ғайрро раҳо кунад ва тарки саломат намояд. Гоҳе низ вақту таҷаллиёти марбут ба он шамшери ғайрат бармекашанд то ошиқ танҳо ба воридоти қалбӣ ва мукошифоти дарунии хеш назар афканад, яъне, таваҷҷӯҳ ба худро тарк кунад ва ҳатто дар ҳаққи хеш низ маломате гардад. Ғайр, дар чунин марҳала ҳатто метавонад худ «ошиқ» бошад ва дар мароҳили мутаолтар ин ишқ аст, ки шамшери ғайрат бармекашад, зеро тоби таҳаммули ҳеҷ ғайре, ҳатто маъшуқро намеоварад. Ба

ибораи дигар, ишқ тоби таҳаммули «дуӣ»-ро надорад ва хоҳони «иттиҳод ва ягонагии маҳз» аст.

«Кор буд, ки ба ҷое расид, ки ошиқ ғайр буд, маъшуқ ҳам ғайр буд ва ин салтанати тобиши ишқ буд, зеро ки қути камоли ишқ аз иттиҳод буд ва дар ӯ тафосили ошиқу маъшуқ дар нағунҷид» [27, 13].

Нуктаи қобили тааммуле, ки аз баррасии китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бо соири китобҳои ирфонӣ дарёфт мешавад ин аст, ки гурӯҳе ғайратро танҳо сифати ошиқ медонанд ва иддаи бисёре низ онро сифати ошиқ ва маъшуқ – ҳар ду мешуморанд, ки аз ҷумлаи онҳо метавон ба шахсияти мумтоз Шайх Аттор ишора намуд. Аттор низ ҳамчун Аҳмад Ғаззолӣ барои ғайрат, қудрату нуфуз қоил аст:

Гарчи ғайрат бурдан аз ошиқ накӯст,
Ғайрати маъшуқ доим беш аз ӯст [27, 123].
Зиҳӣ ғайрат, ки гар ба олам афтод,
Ба як соат ду олам бар ҳам афтод [ 27, 125].

Ҷанбаи бадеъи андешаи Ғаззолӣ ин аст, ки ӯ ғайратро мутааллиқ ба ошиқ, маъшуқ ва ишқ – ҳар се медонад.

**Факр**

«Факр» низ аз ҷумлаи мабоҳиси боаҳамияте аст, ки ҳамчун соири мавзӯот ва истилоҳоти ирфонӣ дар андешаи Ғаззолӣ ҷойгоҳи хосеро ба хеш ихтисос додааст. Ба эътиқоди Ғаззолӣ адъои фақр танҳо барои касоне сиҳат дорад, ки аз сирри тааллуқи ҷон, дин ва дунё бархоста бошанд. Мафҳуми фақр дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ-ул-ушшоқ» дорои мафҳуми густурдатар ва амиқтар аз мавориди мушобеҳи он дар соири китобҳои ирфонӣ аст. Факр ҷонбозӣ дар роҳи ҳақиқат, тарки сир ва ҷон аст. Фуқарои ҳақиқӣ аз фарти озодагӣ аз қайди тааллуқи ҳар ду ҷаҳон гузаштаанд ва пой бар фарқи он ниҳодаанд. Фақири ҳақиқӣ ҳамаи ҳастии хешро дар миён мениҳад ва озодона аз қайди тааллуқи он мегузарад, ҷуз аз маъшуқ, чун маъшуқ мулк маҳсуб нмешавад:

«Онҳо ки дам аз фақр зананд, ҷону дил дарбозанд, дину дунё ва рӯзгор дар миён ниҳанд, ҳама коре бикунанд, аз ҳама чизе бархезанд, аз сир низ натарсанд ва бар кавнайн супуранд, аммо чун кор ба нуқтаи ишқ расад, ҳаргиз маъшуқ дар миён наниҳанд ва натавонанд ниҳод» [27,72].

Ғаззолӣ ҳамчунин дар боби тафовут миёни фақр ва ишқ мегӯяд, дар фақр озодӣ ва раҳоӣ аз ҳар тааллуқе муяссар аст, аммо ишқ саросар пойбандӣ ва бандагӣ аст, «дасти озодагӣ бар домани ишқу ошиқӣ нарасад, чунонки ҳама бандҳо онҷо кушода шавад, яъне дар озодагии фақр, ҳама кушодҳо инҷо банд шавад, яъне дар бандагии ишқ».

**Вақт**

Арзиши «вақт» ва таъсири он дар сайру сулук аз маворид ҳоизи аҳамият аст. Ғаззолӣ мӯътақид аст:

1. Вақт омили муассир ва қудратманде аст, ки ба муқтазои он бисёре аз таҷаллиёт ва ҳақоиқ ҷорӣ мегардад.

2. То вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад [27, 49].

3. Надонам то дасти касби вақт об ба кадом замин барад [27, 45].

4. Ин ҳама намоиши вақт буд дар товиши илм, ки ҳадди ӯ соҳил аст ӯро (ишқ) [27, 50].

5. Вақт низ соҳиби ғайрат аст.

6. Вақту дил қоби қавсайни азалу абад маҳсуб мешаванд.

7. Агар ба сирри вақти хеш бино гардӣ, бидонӣ, ки қоби қавсайни азалу абад дили туст ва вақти ту [27, 42].

Хулоса, бисёр аз нуктаҳое, ки Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба он ишора намудааст, ҷанбаи ирфонӣ дорад. Чуноне ки дар ин фасл зикр кардем, аз назари ҳастаи марказии таркиботи изофӣ ва васфиро бештар истилоҳоти ирфонӣ ташкил медиҳад, истилоҳоте монанди, ақл, илм, ишқ, руҳ, талвину тамкин, бақо ва фано, бало ва ҷафо, ғайрат, ҳусн, худ, дард, дил, завқ, шоирон, сабр, вақт, висол, фироқ, фақр ва ғайра, ки чанде аз ин истилоҳот дар боло зикр гардидааст.

### III.2. Шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр»

Китобҳои «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат-ут-туюр» Аҳмади Ғаззолӣ, ки яке аз маъруфтарин таълифоташ ба шумор меравcomponenti аз арзиш ва аҳамияти хосе бархурдор аст, зеро зубдаи афкор, муҳимтарин андешаҳо ва тафаккуроти ӯро бояд дар ин китоб суроғ гирифт. «Савонеҳ-ул-ушшоқ» аз ганҷинаҳои боарзиши адаби форсӣ маҳсуб мешавад, ки дар боби ишқ ва ҳолатҳои гуногуни он ба риштаи тасниф даромадааст. Насри ин китоб дар бисёре аз маворид ба шеър наздик шуда, бо эҳсосоту тахайюлоти шоирона гиреҳ бастааст. Ваҷду шӯр, завқу сармастии нависандаро комилан метавон аз сатр-сатри ҷумлаҳои китоб мушоҳида намуд. Бисёре аз ҳақиқатҳое, ки дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» баён шуд, ҳосили таҷрибаҳои чандину чандсолаи Ғаззолӣ дар амри сайру сулук аст. Ӯ на танҳо дар масири ишқу ирфон соҳибназар аст, балки дар илми равоншиносӣ низ аз табаҳҳур ва устодии хосе бархурдор аст. Дар боби аҳамият ва арзиши адабии ин китоб ҳамин бас, ки дар осори машҳури баъд аз худ таъсири босазое бар ҷой ниҳодааст. Бо онки меҳвари аслии ин китоб дар боби ишқ аст, аммо бисёре аз ҳақиқатҳо ва истилоҳоти ирфонӣ бо диди комилан равшан баён ва мубтакирона мавриди накду баррасӣ қарор гирифтааст.

Боарзиштарин ва мушаххастарин асари Ғаззолӣ «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и аст, ки дар воқеъ зубдаи муҳимтарин афкору андешаҳои ӯст. Ин китоб дар маъонӣ, аҳволу асрори ишқ, ба он ҷиҳат, ки мавриди таваҷҷӯҳу тааммули сӯфиён буд, ба риштаи таҳрир даромадааст. Ин асар аз ганҷинаҳои боарзиши адаби ирфонӣ ва аз ҷумлаи мутуни шево ва таъсиргузор дар насри форсӣ маҳсуб мешавад. Метавон ин асарро яке аз зеботарин, пурмаънитарин ва шевотарин осори сӯфиён дар боби ишқ ва мавзӯоти марбут ба он донист. Дар бораи аҳамият ва арзиши ин китоб ҳамин бас аст, ки дар осори ирфонии баъд аз худ таъсири шоистае бар ҷо ниҳодааст.

Ғаззолӣ ин асарро бино ба хоҳиш ва тавсияи яке аз дӯстони бисёр азизу гиромии худ ба риштаи тасниф даровардааст:

«Дӯсти азиз, ки ба наздикии ман ба ҷои азизтарин бародарон аст ва маро бо ӯ ошноии тамом буд, маъруф ба Соуниддин аз ман хост, ки ончи туро фарохотир ояд, дарҳол дар маънии ишқ фасле чанд исбот кунам, то ба ҳар вақте «маро бо ӯ» ошноӣ буд, чун дасти талабам ба домани васл нарасад, бад-он фаслҳо тааллул (баҳонаҷӯӣ) кунам ва ба исботи маъноҳои он абёти тамассуке (устуворе) месозам. Иҷобат кардам ӯро ва чанд фасле исбот кардам қазои ҳаққи ӯро, чунонки дар ҳақоиқи ишқ, аҳволу аърози ишқ таалluқ ба ҳеҷ ҷониб надорад, ба шарти он ки дар ӯ ҳеҷ ҳавола набуд на ба холиқ ва на ба махлуқ, то ӯ чун дармонд, бад-ин фаслҳо мурочиат кунад» [27, 38].

Ғаззолӣ мегӯяд ишқе, ки дар ин китоб аз он сухан мегӯяд, ишқ ба мафҳуми мутлақ ва омии калима аст ва таалluқ ба ҷониби хосе масалан, холиқ ё махлуқ надорад, то ҳар кас мувофиқи ҳолатҳои дарунӣ ва қувваи даркаш аз он баҳра баргирад.

Аз мутолиа ва баррасии китоб метавон дарёфт, ки ҳарчанд Ғаззолӣ дар тавсифи ишқ ва ҳолатҳои марбут ба он саъй намуд, то хусусияту вижагиҳои онро аз ҷанбаи куллӣ дар назар бигирад, аммо кафи ишқи илоҳӣ ва мабоҳиси марбут ба он дар ин китоб сангинтар аст.

Аз ҷумлаи нукоти муҳиме, ки дар тавзеҳ ва табйини сабки китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бояд бад-он ишора намуд, душворӣ ва ибҳоме аст, ки дар иборaҳо ва ҷумлаҳои ин асар нуҳуфта шудааст.

Ин китоб пур аз навъҳои ишороти дақиқ, ғомиз ва печида аст, ки дарки он ба осонӣ барои ҳар касе мақдур нест ва ба ҳақиқат бояд онро дар радифи осори душворзабони форсӣ қарор дод.

Ҳаҷми маҳдуди ин асар дарёи азимеро аз нукоти дақиқ ва зарифи равоншиносӣ, фалсафӣ, ирфонӣ ва ҳикамӣ дар худ нуҳуфтааст. Ин асари муҷмал аз назари муҳтаво ва ишороти ғомиз дақиқан бо чандин асари ирфонии пурҳаҷм мутобиқат мекунад.

Ҳелмут Риттер (1892-1969) мусташриқи олмонӣ, мусаҳҳеҳи чирадасти китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ», ба душвориву печидагии ин китоб ва тасҳеҳи он ишора намуда мегӯяд:

«Чизе ки фаҳми «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-ро мушкилтар месозад, ин аст, ки нусхаҳое, ки аз ин асар дар даст аст, шаклҳои фаровоне дорад, ин бадтарин матне аст, ки ман то кунун дар бораи он таҳқиқ кардаам ва бо он ки нисбатан асари кӯтоҳе аст ба маротиби беш аз мутуни баландтаре, ки то кунун тасҳеҳ кардаам, маро ба заҳмат андохтааст, ҳатто чанд бор пас аз ин ки матнро муқобала ва тасҳеҳ кардам, ба ин фикр афтодам, ки аз он мунсариф шавам ва ба ин гуфтаи мусанниф амал кунам, ки мегӯяд ҷалолати ӯ аз идроки илм дур аст» [27, 16].

Дар рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ашъори форсӣ зиёд истифода шудааст, ки ғолибан, ба қалами худи Аҳмади Ғаззолӣ тааллуқ доранд. Баъзе аз он ашъор борҳо дар китобҳои дигар нақл шудаанд, қитъаву рубоиёти зайл аз ҷумлаи онҳоянд:

Ман надонистам, ки ишқ ин ранг дошт,
В-аз ҷаҳон бо ҷони ман оҳанг дошт.
Дастаи гул буд, аз дурам намуд,
Чун бидидам, оташ андар чанг дошт.

*           *           *

Ишқ аз адам аз баҳри ман омад ба вуҷуд,
Ман будам ишқро зи олам мақсуд.
Аз ту набурам, то набурад бӯй зи уд,
Рӯзу шабу солу маҳ алорағми ҳасуд [27, 35].

*           *           *

Ҳар рӯз ба андӯҳи дилам шодтарӣ,
Дар ҷавру ҷафо намудан устодтарӣ,
Ҳарчанд ба ошиқӣ туро бандатарам,
Аз кори ман, эй нигор, озодтарӣ [27, 37].

Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмад Ғаззолӣ нахустин китоби мустақили ирфонӣ дар бораи ишқ ба забони форсӣ аст. Дар он нукоти амиқ ва мафҳумҳои волои ирфонӣ, ки дар пардаи рамзу ишорот пинҳон аст, бо забони содда ҷой гирифтааст. Агарчи Ғаззолӣ пеш аз лафз маъноро дар пеши чашм дошт, аммо аз савияи парвариши сухан боз намондааст. Дарвоқеъ, эъҷози Ғаззолӣ дар интихоби қолаби саҳл ва мумтанеъ аст, ки зарифияти пазириши маъонии душвор ва дур аз дастрасро дошта бошад.

Дар ин фасл забони адабии ин китоби арзишманди ирфонӣ мавриди назар қарор гирифта, авомили гуногуни қоидагоҳӣ ва қоидаафзоӣ санҷида мешавад.

Қоидаафзоӣ марбут ба сурати берунии забон аст ва қоидагоҳӣ сурати дарунии онро фаро мегирад.

Қоидаафзоӣ ба маҷмӯи авомиле гуфта мешавад, ки сурати сухану лафзи онро аз забони меъёрӣ ва манзум онро барҷаста мекунад. Ин авомилро дар маҷмӯъ метавон гунаҳои такрори каломӣ номид, ки дар сатҳи овоӣ, вожгониву наҳвӣ сабаби эҷоди тавозун ва назми калом мешавад. Вазн, қофия, радиф, ки дар илми арӯз ва қофия ба он пардохта мешавад ва низ такрор, ҷинос, саҷъ, мувозана, тарсеъ ва бархе дигар аз гунаҳои лафзӣ, ки дар илми бадеъ аз он сухан меравад, ҳар як ба гунае дар ин тавозун саҳмгузор аст.

Қоидагоҳӣ вожаҳо ва ибораҳоро барҷаста мекунад, бар сухан либоси шеър мепӯшонад, барои намуна инҳироф аз қавоиди наҳвии забон ҳинҷор ё корбурди вожае ба ҷои вожаи дигар ба далели шабоҳат, забони матнро аз забони маъмул мумтоз мекунад. Авомили қоидагоҳӣ ба гунаҳои мухталиф дар баёну бадеъи маънавӣ мавриди таваҷҷуҳ воқеъ шудааст, ҳамчун ташбеҳ, истиора, маҷоз, киноя ва ғайра.

**Ташбеҳ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»**

Ташбеҳ ҳаммонанд кардани ду чизи ба ҳам бар пояи тахайюл ва ба ваҷҳ иддаъо аст. Ташбеҳ дар ин асар мавриди баҳси муҳимтарин омили қоидагоҳӣ ва бозкунандаи соддагии забон дар сатҳи лафз аст. Ташбеҳот низ ҳамчун дигар сувари хаёл дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бисёр сода ва ба дур аз

дурпарвозии хаёл сохта шудааст ва гоҳ як мушаббаҳ биҳи барои мушаббаҳҳои гуногун ба кор меравад. Ғаззолӣ ташбеҳро ба зарурат ба кор мегирад, то ба василаи он битавонад ишоратро ба иборат дароварад ва хонандаро ба умқи маънии сухани худ роҳ диҳад ва ба ин гуна аст, ки фаҳми бархе аз иборот танҳо дар сояи тасовири хаёлӣ имконпазир аст, ки ташбеҳот онро ба вуҷуд овардааст:

«Гоҳ ишқ осмон буд ва руҳ замин, то вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад, гоҳ ишқ тухм буд ва руҳ замин, то худ чӣ бирӯяд, гоҳ ишқ гавҳари коне буд ва руҳ кон, то худ чӣ гавҳар ояд ва чӣ кон, гоҳ офтоб буд дар осмон руҳ то худ чун тобад, гоҳ шиҳоб (шӯъла) буд дар ҳавои руҳ то худ чӣ сӯзад, гоҳ зин буд бар маркаби руҳ то худ, кӣ барнишинад, гоҳ лаҷом буд бар сари саркаши руҳ, то худ ба кадом ҷониб гардонад» [27, 54].

Ғаззолӣ аз одоти ташбеҳ баҳра намегирад, то ба ин васила ташбеҳоти айнитар ва иттиҳоди мушаббаҳ ва мушаббаҳ биҳи намоёнтар шавад:

«Висол бояд ки ҳезуми оташи шавқ ояд, то зиёдат шавад» [14, 23].

«Ошиқ ҳама замини мазаллат буд ва маъшуқ ҳама осмони тааззур ва такаббур буд» [27, 30]

«Дида дар самини дилу ҷон аст» [27, 31]

« Ишқ аҷаб оинаест ҳам ошиқро ва ҳам маъшуқро» [27, 51].

«Гоҳ буд, ки бало ва ҷафои маъшуқ тухме буд, ки аз дасти маъият, кифоят, риоят ва инояти ишқ дар замини муроди ошиқ афкананд, то ӯ гули узрхоҳе барояд» [27, 54].

Беш аз ниме аз ташбеҳот дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба сурати изофаи ташбеҳӣ аст ва гоҳ ин изофаҳои ташбеҳӣ дар матн такрор мешавад:

«Агарчи моро кор он аст, ки абкори маъониро ба зукури ҳуруф диҳем дар халавот-ил калом» [27,76].

«Он рӯй, ки дар хулқ дорад, симсоми ғайрат маъшуқ аст, то ба ағёр боз нанигарад ва он рӯй, ки дар ошиқ дорад, симсоми ғайрат вақт аст, то ба худ вонангарад ва он рӯй, ки дар маъшуқ дорад, симсоми ғайрат ишқ аст, то қут

ҳам аз ишқ хӯраду бастаи тамъа нагардад ва аз берун ҳеҷ чизаш дарнабояд ҷуст».ҳ14,7]

«Дилу ҷон ва ӯ донад, ки наҳанги ишқ, ки дар ниҳоди ошиқ аст, аз ӯ чӣ мекашад ба дам ё ба ӯ чӣ мефиристад» [27, 25].

Дар андак мавориде ташбеҳи мураккаб ва ташбеҳи тамсил низ ба чашм мерасад.

**Ташбеҳи мураккаб**

«Гоҳ руҳ ишқро чун анбоз буд дар хона то дар қиёми ӯ низ навбат дорад» [27, 51].

«Ин ҳақиқат дурре аст дар садаф ва садаф дар қаъри дарё ва илмро роҳ то ба соҳил беш нест» [27, 88].

«Карашмаи маъшуқе дар ҳусн ва карашмаи ҳусн ҳамчун малҳ дар дег бибояд, то камоли малоҳат ба камоли ҳусн бипайвандад» [27, 14].

«Гоҳ ӯ шамшер ояд ин наём ва гоҳ ба акс» [27, 25].

«Гоҳ ишқ осмон буд ва руҳ замин, то вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад, гоҳ ишқ тухм буд ва руҳ замин, то худ чӣ бирӯяд, гоҳ ишқ гавҳари коне буд ва руҳ кон, то худ чӣ гавҳар ояд ва чӣ кон, гоҳ офтоб буд дар осмон руҳ то худ чун тобад, гоҳ шиҳоб (шӯъла) буд дар ҳавои руҳ то худ чӣ сӯзад, гоҳ зин буд бар маркаби руҳ то худ, кӣ барнишинад, гоҳ лаҷом буд бар сари саркаши руҳ, то худ ба кадом ҷониб гардонад» [27, 59].

**Ташбеҳи тамсил**

«Аз ҳадис ба самъ ва аз ҷамол ба басари он намехоҳам, ки он на висол аст. Он дар ин варақ нест, ки нигарандагон ба офтоб бисёранд ва ба нури ӯ ҷаҳон равшан аст, аммо касро аз ӯ ба таҳқиқ ҳеҷ қут нест. То дар ғалат наяфтӣ» [27, 38].

**Истиора дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»**

Истиора дар балоғат корбурди вожае ба алоқаи мушобиҳат ба ҷои вожаи дигар аст. Ин таъриф танҳо як навъ аз истиора дар балоғати форсиро дар бар мегирад, ки ҳамон истиораи мусарраҳа аст ва ҳунартарин навъи сувари хаёл ба шумор меояд, зеро зеҳни хонандаро ба ҷустуҷӯ барои кашфи

мушаббаҳ вомедорад. Дар адабиёти форсӣ низ ҳар гоҳ вожаи истиора ба танҳоӣ ба кор меравад, ки мақсуди ин навъи истиора аст. Навъи дигари истиора, истиораи макния ё тахайюлия аст, ки лавозими мушаббаҳ биҳиро ҳамроҳи мушаббаҳ дар худ дорад. Ба ҳамин далел, таърифи истиораро ин гуна оро медиҳанд: «Ташбеҳе аст, ки аз он фақат яке аз тарафайн ба ҷо монда бошад». Дар сурати вуҷуди мушаббаҳ биҳи «истиораи мусарраҳа» ва дар сурати вуҷуди мушаббаҳ бо лавозими мушаббаҳ биҳи «истиораи макния» аст.

Истиора дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» камтар аз ташбеҳ ва бештар аз киноя ву маҷоз ба кор гирифта шудааст. Истиораҳои мусарраҳа дар он осонёб аст ва хонандаро дар дарёфти он мушкилие дар пеш нест:

«Ҳақиқати ӯ (ишқ) аз ҷиҳот муназзаҳ аст, ки ӯро рӯй дар ҷиҳате намебояд дошт, то ишқ бувад, аммо надонам, то дасти касби вақт об ба кадом замин барад».

«Замин» истиора аст аз ҳар вуҷуде, ки қобилияти ишқро дошта бошад.

«Ошиқро бисоти маҳраи қаҳри ӯ мебояд буд, то ӯ чи занад ва чи нақш ниҳад».

«Нақш» истиора аст аз амали ишқ дар бораи ошиқ.

«Инҷо рӯй ба дидаи ҳадсон нанамояд, ки на ҳар хона ошёни ӯро шояд» [27, 123-128].

«Хона» истиора аз дил аст.

Дар байни навъҳои истиора, истиораи макния бештарин мизони корбурдро дорад, чи ба сурати ғайриизофӣ:

«Як бори дигар салтанати ғайрати ишқ битобад, маломати бонг бар саломат занад» [27, 91].

«Маърифатро як ҳад бо харобӣ аст, на чун илм, ки ҳудуди ӯ ҳама иморат аст» [27,110].

ва чи ба сурати изофӣ:

«Ин ҳама намоиши вақт буд, дар тобиши илм, ки ҳадди ӯ соҳил аст» [27, 63].

«Ниҳояти илм соҳили ишқ аст» [27, 69].

Истиораи тамсилӣ низ ҳамчун ташбеҳи тамсил дар мавориди андак ба кор рафта ва он замоне аст, ки калом ба ишорате мунҳасир шавад:

«Он нафс, ки рикобдорӣ бар маркаби султон нишинад, на маркаби ӯ буд, аммо зиён надорад» [27, 33].

Ғаззолӣ пас аз ин тамсил худ мегӯяд: каломуна ишора.

**Киноя дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»**

Киноя ҷумла ё таркибе аст, ки муроди гӯянда маънои зоҳирии он набошад, аммо қаринаи сорифае ҳам, ки моро аз маънои зоҳирӣ мутаваҷҷеҳи маънои ботинӣ кунад, вуҷуд надошта бошад. Киноя ба се гуна, киноя аз мавсуф, киноя аз сифат ва киноя аз феъл тақсим мешавад.

Ин санъат дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» камтар аз ташбеҳу истиора намуд дорад. Далели онро бояд дар хосияти забонии он ҷуст, ки муаллиф хаёлро нисбат ба ду санъати дигар камтар дар худ мепарварад ва асосан киноя бар хилофи ташбеҳу истиора марзи муштараки забони адабӣ ва забони муҳовара аст, аммо ба ҳар рӯй киноҳое ба кор рафта, дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» қобили мулоҳиза аст, ки аз навъи киноҳои феълии маъмул дар забон буда ва гоҳ низ дар матн такрор мешавад:

«Ва барои ин аст, ки онҳо ки дам аз фақр зананд, ҷону дил дарбозанд» [27, 37].

«Дам задан» киноя аз сухан гуфтан.

«Гуфт: Эй гадо ту кӣ бошӣ, ки бо Маҳмуд даст дар як коса кунӣ» [27, 133]

«Даст дар як коса кардан» киноя аз саҳим шудан.

«Аҳкоми фироқу висол инҷо чӣ кунад? Радду қабул ӯро доман кай гирад?» [27, 95].

«Доман гирифтан» киноя аз мутавассил шудан.

Такрор дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»

Дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» бештарин мизони қоидаафзоӣ марбут ба такрор аст. Дарвоқеъ, ончи дастовези нависанда барои наздик гардонидани калом ба шеър аст, такрор дар сатҳи воҷ, вожа ва иборат аст.

**Такрор дар сатҳи вожа**

«Ва аз ӯ ҳеҷ боз нагузоштааст, ҷузъ пиндоре, ки манзили тиморие ояд ё нафсе, ки маркаби ҳасрате буд» [27, 45].

Такрори «йо»-и накира

«Аммо надонам, то дасти касби вақт об ба кадом замин барад» [27, 31].

«То ҳуҷҷат бар маъшуқ буд ва то пайванде зарурати вақт ояд, ҷанге ба ихтиёри дӯст, дӯсттар аз даҳ оштӣ дорад» [27, 18].

Бештарин такрори вожа ба ҳуруф, ба вижаи ҳуруф рабту марбут аст, ки ба иллати соҳаи васеъи он дар сатҳи чандин ҷумла, бар мусиқии калом меафзояд:

«Гоҳ ишқ осмон буд ва руҳ замин, то вақт чи иқтизо кунад, ки чӣ борад, гоҳ ишқ тухм буд ва руҳ замин, то худ чӣ бирӯяд, гоҳ ишқ гавҳари коне буд ва руҳ кон, то худ чӣ гавҳар ояд ва чӣ кон, гоҳ офтоб буд дар осмон руҳ то худ чун тобад, гоҳ шиҳоб (шӯъла) буд дар ҳавои руҳ то худ чӣ сӯзад, гоҳ зин буд бар маркаби руҳ то худ, кӣ барнишинад, гоҳ лаҷом буд бар сари саркаши руҳ, то худ ба кадом ҷониб гардонад» [27,54].

«Ҳам ӯ офтоб, ҳам ӯ фалак, ҳам ӯ осмон, ҳам ӯ замин, ҳам ӯ ошиқ, ҳам ӯ маъшуқ ва ҳам ӯ ошиқ» [27, 11].

«Доғ бар тамъи ӯ ниҳад, на халқ, на худ ва на маъшуқ» [27, 9].

**Ҷиноси иштиқоқӣ:**

«Ва ҳар се симсоми ғайрат аст дар қатъи назар аз ағёр» [14, 8].

«Ба шарти онки дар ӯ ҳеҷ ҳавола набуд, на ба холиқ ва на ба махлуқ» [27, 2].

Ҷиноси зоид:

«Чун кор ба камол расад ва вилоят бигирад, ҳадис дар боқӣ афтад, зорӣ ба назора ва назорӣ бадал гардад» [27, 23].

## Тавозуни наҳвӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ»

Тавозуни наҳвӣ ҳосили ҳамоҳангии ду ё чанд вожа аз вуҷӯҳи мухталиф дар сатҳи иборату калом аст ва гунаҳои мухталифро шомил мешавад. Ороиши унсурҳои дастурӣ дар мартабаи вожгон муҷиби эҷоди назм миёни вожаҳо дар сатҳи калом мегардад. Гунае аз ин навъи тавозун, тақобули наҳвии вожаҳо дар ду ё чанд иборату ҷумла аст, ки дар ин фасл беш аз навъҳои дигар ба назар мерасад. Дар мавориди ин тақобул бо санъати тарсеъ ва мувозана ҳамроҳ аст ва бо ин далел ин ду санъат дар бахши тавозуни наҳвӣ аз назар дур намондааст.

Ғайр аз тақобули наҳвии вожгон дар ин асар, ки гоҳ бо тарсеъ ва мувозана ҳамроҳ аст, аз миёни гунаҳои дигари тавозуни наҳвӣ, ҳамчун татобеъи изофот, лаффу нашр (дар шеър ё наср дар як қатор омадани чанд калима), тақсим, эъдод, тансиқи сифот, тарду акс (адш. як навъ санъати шеърӣ, ки мисраи аввалро ба ду ҳисса тақсим ва ҷояшонро иваз карда хонем, мисраи дуюм ҳосил мешавад) ва қалб (адш. яке аз санъатҳои лафзӣ, ки дар натиҷаи аз охир, яъне чаппа хондан калимаву таркибе ё тамоман байте пайдо мешавад, мас, зор-роз, реш-шер), ки дар илми бадеъ матраҳ аст, танҳо тарду акс ва татобеъи изофот ба кор рафт, ки навъи охир дар шумори мизони такрор дар воҷ лиҳоз шудааст:

«Маъшуқ худ ба ҳама ҳол маъшуқ аст, пас истиғно сифати ӯст, ошиқ ба ҳама ҳол ошиқ аст, пас ифтиқор сифати ӯст» [27, 36].

«Ӯ ҳам боғ аст ва ҳам дарахт, ҳам шох аст ва ҳам самара, ҳам ошён аст ва ҳам мурғ» [27, 13].

«Ин ҷо қуту беқутӣ буд, буду нобуд, ёфту ноёфт ва насибу бенасибӣ» [27, 8].

Ба шакли тарду акс:

«Тухм ҳам ранги самар буд ва самара ҳам ранги тухм» [27, 44].

«Ва аз ин ҳадис ду асл шикофад: яке ишороти иборот ва яке ибороти ишорот, тавҳид ӯро ва ӯ худ ҳам тавҳидро буд» [27, 19].

«Висол ба таҳқиқи фироқи худ аст, чунонки фироқ ба таҳқиқи висоли худ аст» [27, 36].

## Санъатҳои бадеӣ дар «Рисолат-ут-туюр»

Абнои башар аз нахустин лаҳзаҳои зиндагии хеш пайванди ногусастание бо ҳаводис, ҳолот, ашё ва ққсоми дигари табиат, аҷроми улвӣ устувор намудааст, ки маҳз ҳамин иртиботи ӯ асари фузун бар зиндагии чорияш гардида. Дар канори ин муносибот бо табиат ва ҳаводиси он инсоният ба ҳайси сарвари махлуқот дар рӯи замин аз мавҷудияти ашёву васоити табиат ҷиҳати қонеъ намудани талаботи хеш истифода карда, то ба ҷихати тағйир пазируфтани симои зоҳирии онҳо нақши муассир гузоштааст. Баробари ин, барои шинохти арзишҳои маънавӣ бархе ваҳоеъ ва ҳолоту ашёро ба сифати падидаҳои омузанда ва чашмгир маърифат намуда, тадриҷан бо нерӯи халлоқии худ намоҳои бешумори табииро дар доираи ҷаҳонбинии хеш арҷу иқтидори хосса бахшидааст. Дар дарозои ин гуна талошҳо маърифати олам дар тафаккури инсоният боз ҳам густариш пайдо карда, дар заминаи такомули маънавии ӯ, яъне аз тафаккури асотирӣ то фарҳангӣ ваҳдониву расидан то марҳилаи олии камолоти ҷаҳоншиносиву бозёфтҳои ақлонӣ даст бурдани башар тамдид пазируфтааст. Хоса, дар рӯзгоре, ки доираи маърифати одамон доман паҳн карда, бо зуҳури ҷанбаҳои мухталиф дар зиндагии иҷтимоиву маънавӣ ташхис ё шахсият бахшидан ба ашё ва падидаҳои олами наботу ҳайвонот хосияти муайян қабул мекунад. Ин вижагӣ ба тадриҷ ба адабиёти ҳамаи ақвоми соҳибтамаддун ҳамчун равиши тамсилӣ маъруфият ёфта, намудоре аз тафаккури зебоишиносиву ҷаҳоншиносӣ номзад мегардад.

Аз ин нуктаи назар, тимсоли ҷонварону ҷисмҳои дигари табиат дар осори адабиву ҳунарӣ махсусияти бештаре касб карда, дар ҷавхари адабиёти форсу тоҷик низ ҷойгохи махсус дарёфтаанд. Аз миёни ин осор тамсилу ташхис аз паррандагон вусъати расоилу кутуби фалсафию ирфонӣ, қасоид ва маснавиҳои суфиёна интишор ёфтанд, ки дар онҳо бештар матолиби фалсафиву динӣ ва илмӣ, инчунин баёни маониву мафҳумҳои мармузи

ирфонӣ ҷанбаи махсус пайдо кардаанд. Дар ин радиф бархе аз ин осори мутааддид дар меҳвари тадқиқоти рисолаи мо қарор гирифта, ҷанбаҳои хос, мухтассоти мавзуиву ҳунарӣ, тадкиқу баррасии рамзу тамсилоти онҳо ба маърази таҳқиқ кашида шудаанд.

Ёдоварӣ ба маврид аст, ки таваҷҷуҳи аҳли назар, муаррихон ва муҳаққиқони форсу тоҷик инчунин, донишмандони чаҳонӣ ба масъалаи шинохти рамзу рози ин осор, бавижа мақоми тамсилоти ваҳушу туюр дар чаҳоншиносӣ ва адабиёти чаҳон собиқаи тулонии таърихӣ дорад. Миёни ақвоми чаҳонӣ нигоҳи вижаи мардуми форс ба матолиби мазкур мавриди эътироф ва арҷгузории донишмандон қарор гирифтааст. Ҳануз ҳазор сол қабл аз ин Ибни Надим дар «ал-Феҳрист»-и худ навишта, ки «нахустин миллате, ки кутуб ва расоили афсона навишт ва ба он таваҷҷуҳ кард ва аз забони хайвонот достон халқ кард, миллати Эрон буд. Яъне, форс аввал буд ва мулуки Ашконӣ онро ба камол расониданд ва давраи Сосонӣ вусъату густариш пайдо кард. Достонҳое, ки дар Араб шуҳрат ёфтаву ба забони арабӣ даромадааст, ҳама аз он миллати форсӣ будааст».

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун як асари ирфонии рамзӣ ва фалсафӣ дар адабиёти ирфонӣ ҷойгоҳи хоса дорад. Аҳмади Ғаззолӣ аз орифони номии мактаби Хуросон ва аз пайравони мактаби Боязиди Бастомӣ мебошад. Ӯ нахустин касе буд, ки тасаввуфи ошиқонаро дар Хуросон шарҳ дод. Осори гаронбаҳое аз Аҳмади Ғаззолӣ боқӣ мондааст, ки «Рисолат-ут-туюр» аз ҷумлаи онҳост. «Рисолат-ут-туюр»-и Ғаззолӣ асари бунёдӣ ба шумор рафта, «Мантиқ-ут-тайр»-и Аттори Нишобурӣ маҳз дар заминаи ҳамин рисола эҷод шудааст ва аҳамияти баландро бархурдор аст.

Дар миёни осоре, ки ба Аҳмади Ғаззолӣ мансубанд, Рисолат-ут-туюр дар шумори осори барҷастаи ирфонӣ қарор дорад. Рисолаи мазкур аз лиҳози фарогирии мавзӯи аслӣ, тарзи сужабандӣ, корбасти тамсилу ҳикоёт, барҷастагии тахайюли бадеии ориф, тафсилоти воқеаҳо бо дигар асарҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ шабоҳати хеле наздик дорад.

Намунаи воло ва арзандаи ҳунари тадвини «Рисолат-ут-туюр», ки аз ҷониби Аҳмади Ғаззолӣ анҷом ёфтааст, ин дар сурати нақл ба насру назми шевои форсӣ баён шудани асар мебошад. «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик аз эътибори баланд бархурдор аст. Муаллиф кӯшидааст, ки рисолаи вай аз ҷиҳати шакл кӯтоҳ, вале аз назари мазмун пурмӯҳтаво бошад.

«Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз нигоҳи сохтор ва баёни андешаҳо аз дигар рисолаҳояш фарқ мекунад. Ин мушаххасот, пеш аз ҳама, дар гузиниши нақли ҳикояти Симурғ рӯнамо гардидааст, зеро Аҳмади Ғаззолӣ зимни баёни қиссаи Симурғ вай аввал аз сифатҳо нисбати худаш ва суханони туюр оғоз мешавад:

Имоми раббонӣ, сайид-ул-авлиё (сайид-ул-авлиё – пешвои дӯстони Худо-С.С.), қутб-ул-асфиё (қутб-ул-асфиё – пир ва марҷаи баргузидагони Худо-С.С.) Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Ғаззолӣ, қаддасаллоҳу руҳаҳ-ул-ъазиз (Яъне: Худованд руҳи азизашро муқаддас дорад-С.С.), гуфто: «Агарчи мурҒон бисёр буданд ва хӯю сириштu овози эшон мухталиф буд ва ҳар як аз эшонро кашиш (майл, дилбастан- С.С.) ба ошёнаи дигар ва манзилгоҳи дигар буд. Лекин ҳамгинон (ҳамагӣ, ҳамагон-С.С.) бо якдигар ёвар шуданд ва иттифоқ карданд, ки моро лобуд (д) (нестӣ, маҳв шудан-С.С.) подшоҳе бояд, ки ба ҳар вақт ба даргоҳи вай равем ва ҳоҷати хеш бар вай арза дорем.

Фурӯзонфар «Рисолат-ут-туюр» унвон гирифтани ин осори ҷолиби ирфонии Ғаззолиро ба «Қуръони маҷид» нисбат дода, ақидаашро ба таври зайл ташреҳ мебахшад: «Рисолат-ут-туюр»маъхуз аст аз ояву ворисаи Сулаймону Довуд ва қола ё айюҳанносу ъулимно мантиқуттайри (сураи Намл, ояи 16), ки муфассирин онро ба маънии зоҳири худ, яъне дониш ва пай бурдан ба сухану оҳанги мурғон тафсир карда, чанд ҳикоят аз гуфтугӯи Сулаймон бо мурғон боз гуфтаанд ва Шайх Аттор дар васфи хотами Сулаймон ҳамин маъниро ифода кардааст:

Зи номи он нигинаш шуд, на аз ғайр,
Румузи мӯру кашфи мантиқуттайр [128, 97].

Оғози рисола чун рисолаҳои дигари ирфонӣ анъанавӣ нест, зеро дар ин ҷо оғози матн бо сифати худи муаллиф ва Симурғ аст. Дар идомаи рисола бошад аллакай қиссаи Симурғ оғоз мешавад:

Ва агар сояи ҳашмати малик бар мо набувад, аз душман эмин набошем. *«Инна ъибодӣ лайса лака ъалайҳим султон»* (Яъне: Ба дурустӣ, ки туро бар бандагони Ман ғалаба нест [35 -С.С.].

Пас, хабар пурсиданд ва ошёни вай талаб карданд. Касоне, ки ба ҳазрат расида буданд, эшонро хабар доданд. Гуфтанд, ки малик Симурғ дар ҷазираи иззат ва шаҳри кибриёву азамат аст.

Орзуи ҳазрат эшонро якандешаву якҳиммат кард. Ва тавқи шавқ бар гардан афканданду нитоқи иштиёқ (нитоқи иштиёқ – камарбанди шавқмандӣ. Мурод омодаи сайру сафар гардидан аст-С.С.) дар миён бастанд ва наълайни талаб дар пой карданду баякбор қасди бархостан карданд, то пеши тахти малик шаванду аз вай хилъати саодат ёбанд ва дар марҒзори караму равзаи ризои вай чаро кунанд ва оташи шавқ аз дили эшон шуъла мезад ва роҳро ба забони талаб меҷустанд.

Яъне, муаллиф ба мавзӯи дарёфтани Симурғ, интихоби вай барои роҳбарӣ аз тарафи дигар паррандагон таваҷҷӯҳ мекунад.

Ғаззолӣ дар идомаи баёни тасвири Симурғ барои тасдиқи андешааш бо якчанд мисраъҳо суханашро тақвият медиҳад:

Гуфтам, ки: Куҷот ҷӯям, эй зебоёр?
Гуфто, ки: Дигар ба васл уммед мадор.

Ҳамин тариқ, қисса оғоз мегардад.

Чӣ тавре дар боло зиқо кардем, ҳамаи порчаҳои «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ба тариқи **тафсирӣ** ташреҳ гардиданд, ки ягон адибе пеш аз Ғаззолӣ бо чунин сохтор китоберо таълиф накардааст. Одатан адибон ормонҳои худро бо усулҳои мухталиф бо истифодаи санъатҳои **ирсод, иқтибос, ишора, тазмин, ҳал** ва ғайра баён менамуданд. Худи Аҳмади Ғаззолӣ низ дар осори дигари хеш барои баёни андешаҳои ирфонӣ усулҳои

мухталифро ба кор гирифтааст, ки мо дар боби аввали рисола онҳоро мавриди баррасӣ қарор додем.

Дар «Рисолат-ут-туюр» Аҳмади Ғаззолӣ ишорот ба Қуръони маҷид, аҳодис кардааст, ки то замони вай аз ҷониби шуарои бузурги форсу тоҷик шурӯъ аз устод Рӯдакӣ ба tаври фаровон ба мушоҳида мерасад. Масалан Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар рубоии машҳураш аз ҳадиси набавӣ баҳрабардорӣ карда, маънии ҳадиси **«Паҳлавонӣ ба гуштӣ гирифтан нест, балки паҳлавон касест, ки дар вақти Ғазаб амири нафси хеш бошад»** -ро чунин менигорад:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ мардӣ.

Фирдавсӣ ба ҳадиси «**Дунё нафрин аст ва ҳарчи дар дунёст, ҳама манфуранд ба ҷуз зиқои Аллоҳ**» ишора карда, чунин гуфтааст:

Яке панд гӯям туро ман дуруст,
Дил аз меҳри гетӣ бибояд-т шуст [112, 241].

Ин ҷо Фирдавсӣ ҷавҳари ҳадиси мазкурро, ки иборат аз мазаммати дунёст, ба кор гирифтааст.

Саноӣ низ дар «Ҳадиқа» ба ҳадиси **«Марг басанда аст, ки панд бошад»** таъкид кардааст:

Маҷлиси ваъз рафтанат ҳавас аст,
Марги ҳамсоя воизи ту бас аст [29, 420].

Шоир дар ташреҳи андешаҳои мазкур тарҷумаи тафсириро истифода карда, инсони худшиносу худогоҳро ба борикандешӣ даъват менамояд. Ӯ ақлу тафаккури инсон ва доираи завқу фаҳмиши ҳар як одамро, ки дар вуҷуди худи вай ташаккул ёфтааст, аз омилҳои берунӣ болотар меҳисобад. Ба андешаи Ғаззолӣ инсони пандпазирро пояи минбари воизу носеҳ ҳоҷат нест, зеро фарди огоҳ аз тамоми ҳодисаву воқеоти ҷаҳони моддӣ дарси ибрат мегирад.

Саъдии Шерозӣ ба ҳадиси **«Дур-дур зиёрат кунед, муҳаббат зиёд мешавад»** дар байти зерин чунин ишора кардааст.

Ба дидори мардум шудан айб нест,
Валекин на чандон, ки гӯянд бас [112, 146].

Ба ҳамин тариқ, баррасии корбурди аҳодис бо роҳи **«талмеҳ»** дар ашъори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саноӣ, Саъдӣ ва Румӣ нишон медиҳад, ки ин шоирон дар қаволиби жанрҳои мухталиф матлаби мавриди баҳси моро дар шакли як байт ва ё ду байт маънидод кардаанд. Аммо аз сабаби он ки дар навиштаҳои ин шоирон хурдтарин ишорае дар мавриди ҳадис будани ин гуфтаҳо эҳсос намегарад, барои хонандагон дарки ин матлаб ба осонӣ даст намедиҳад. Аҳмади Ғаззолӣ бошад, бо назардошти мақсади дар пешгузоштаи худ кӯшиш намудааст, ки ишқро равшан ва дақиқ ба қалам кашад.

Санъати **тафсир**. Тафсир эзоҳу шарҳ додани ягон чизи мубҳам ва муҷмал аст. Дар адабиёти бадеӣ матлаберо ба таври иҷмол баён карда, баъд дар мисраъ ё байт ва ё ҷумлаи дигар онро шарҳу эзоҳ додан санъати тафсир ном дорад [89, 104].

Румӣ, дар мавриди дигар, ҳадиси мазкурро дар ду байт тавассути санъатҳои тафсир ва иқтибос баён кардааст:

**Ҳазм** он бошад, ки **занни** бад барӣ,
То гурезиву шавӣ аз бад барӣ.
«Ҳазму суъ-уз-занни» гуфтаст он Расул,
Ҳар қадамро дом медон, эй фузул [125, 23].

Аҳмади Ғаззолӣ фақат ба василаи тафсирӣ дар ҳудуди порчаҳои насрӣ санъати мазкурро истифода намудааст:

Ва одамӣ дар ҳеч ҳолату лаҳза аз яке аз ин ду маънӣ холӣ нест ва он асар бар вай зоҳир мешавад. Гоҳе ин сифат дар ҳаққи вай дуруст мешавад, ки: *«Йуъраф-ул-муҷримуна бисимоҳум»* (Яъне: Гунаҳгорон ба қиёфаи худ шинохта шаванд (сураи Раҳмон, ояти 41-С.С) ва гоҳ ин сифат, ки: *«Симоҳум фӣ вуҷуҳиҳим мин асари-с-суҷуди»* (Яъне: Нишонаашон дар рӯйҳои онҳо аз асари саҷда аст [35, 29-С.С].

Таҳлилҳои болоӣ нишон медиҳанд, ки Ғаззолӣ, ки ба монанди адибони дигар низ дар осори хеш ба воситаи санъатҳои **иқтибос, ҳал, ишора, масал, тафсир, ирсод** ва мисли инҳо истифода намудаанд, дар рисолааш онҳоро бо усули тафсирӣ баён намудааст. Ибтикороти Ғаззолӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ба ин васила хусусияти фарққунандаи сохтор ва архитектоникаи (меъмориёти) асарро зоҳир намуда, арзиши адабии рисоларо афзун кардааст.

Муҳаққиқи тоҷик Носирҷон Салимов оид ба насри фаннӣ чунин меорад:

«Дар ин замина дар шеваи нигориш истифода аз алфоз, таркиботи арабӣ, иқтибоси оёту ҳадис, амсолу шеъри арабӣ ва ҳатто қолабҳои забонии арабӣ ба маротиб афзуд. Дар натиҷа забони наср аз асли порсии дарӣ дур шуд, бисёр вожаву тарокиби қадима матрук гардиданд ва як забони шоиронаи арабиасоси ғайримаъмул дар урфи адабӣ тарсим ёфт» [115, 47].

Дар маҷмуъ, баррасии сохтор ва муҳтавои «Рисолат-ут-туюр»-и Ғаззолӣ нишон медиҳад, ки дар назари аввал ҳадафи асосии сарояндаи он дар ин асар дар қолаби наср осон баён намудани маонии андешаҳои ирфонӣ буда, ин адиби номвар бештар матлабҳоеро ташреҳ додааст, ки дар кутуби муҳаддисини бузург аз қабили Имом Бухорӣ, Имом Муслим, Имом Тирмизӣ, Ибни Моҷа, Абӯдовуд, Нисоӣ ва дигарон ҷамъ шудааст ва осори ин бузургонро метавон ҳамчун сарчашмаи кори мутафаккир ба ҳисоб овард. Дар канори ин, масъалаҳои интихобнамудаи Ғаззолӣ аз ҷумлаи ишқу ошиқӣ мебошанд, ки онҳоро Абӯсаиди Абулхайр, Аттору Саноӣ ва дигарон низ бо корбурди саноеъи мухталиф мавриди истифода қарор дода, каломи хешро муассир ва ҷаззоб гардониданд. Ҳарчанд, истифодаи андешаҳои ирфонӣ дар осори Ғаззолӣ ба шеваву усул ва роҳҳои мухталиф ба назар мерасанд, баёни мавзуъҳову матолиби сураву оятҳоро дар асар ба тариқи ягонаи тарҷумаи тафсирӣ ифода шудаанд.

### III.3. Истифодаи ашъор дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва «Рисолат ут-туюр»

Адабиёти ирфонӣ дар асрҳои XI-XIII аз арзишмандтарин осори адабии форсии тоҷикӣ ба шумор меравад. Дурдонаи хазинаи онро китобҳое, ки дарунмояи ирфонӣ доранд, дурахши абадӣ бахшидаанд, чун муҳтавои онҳо панду ҳикмат, фалсафа, тафсири оёту ҳадис, ишқу ақл, шарҳи ахлоқу одоби нек, исботу мувофиқат, илму маърифат, тариқату шариат, саргузашти машоих, руъят, мукошифот, одобу русуми хонақоҳӣ, ҳолоти ваҷди сӯфиёна ва ҷазбаи илоҳӣ буда, дар тарбияти инсони комил ва ҷаҳонбинии ӯ нақши муассире доштаанду доранд. Машҳуртарини чунин китобҳо дар ин раванд «Тазкират-ул-авлиё»-и Аттори Нишопурӣ, «Эҳё-ул-улумаддин» ва «Кимиёи саодат»-и Муҳаммади Ғаззолӣ, китобҳое чун «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ, ки беҳтарин китоби таълимӣ бо насри сода ва фасеҳу равон буда, дар шарҳу тарҳи тасаввуф назир надоранд. Садҳо асари ирфонии дигар аз ин даврони тилоии адабиёти ирфонӣ равшангари хотирҳо ва силсилапайванди асрорҳост. Тафаҳҳуми сӯфиёна аз бузургворони аҳли тасаввуф чун Абӯсаид Ҳасани Басрӣ (642-728), Робиаи Адвия (714-801м.), Боязиди Бастомӣ (ваф. 875 м.), Мансури Ҳаллоҷ (858-922 м.), Ҷунайди Бағдодӣ (ваф. 910 м.), Абӯсаиди Абулхайр (967-1047 м.), Абулқосими Қушайрӣ (960-1072 м.) сарчашма гирифта, тадриҷан дар байни аҳли илму адаб ва ҳатто табақоти ҳокимон машҳур гардидааст.

Дар ирфони форсӣ тасаввуф бештар аз наср реша дар хоки шеъри ноби форсӣ давонидааст. Аз дер боз насри форсӣ бо шеъри дарӣ иртибот ва пайванди ногусастанӣ дорад. Равшан аст, ки пеш аз Аҳмади Ғаззолӣ сухансароёне буданд, ки гуфторашон ва навишташон ранги шеърӣ дошт. Ин равиш дар гуфтори вай бетаъсир намондааст ва аз он равиш дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» дида мешавад: «Эй Одам аз биҳишт берун рав ва эй Ҳавво аз ӯ ҷудо шав...Эй тоҷ аз сари Одам бархез. Эй ҳулла аз тайи ӯ дур шав. Эй ҳурон Одамро ба дафи дурӯя бизанед» (34,77; 93).

Пайвастагии шеъру наср дар ин китоб дар ҳолате сурат гирифтааст, ки баёни мақсади муаллиф ба наср заминаеро барои истифодаи шеър омода месозад, ё шеър барои такмилу таъкиди наср, ки мӯҷиби расоии матлаб аст, пас аз наср меояд. Ҳарчанд гоҳе шеър ҳомили ҳамон калима ва таъбирҳои насриест, ки айнан дар ҳолати мавзунӣ такрор шуда омадаанд, аз меҳвари асолати хеш дур намеравад. Намуна аз ин гуна равиш:

«Ҳарчанд он поя басе баланд аст, баландтар аз пояи Сулаймонӣ нест ва ҳарчанд ин заиф бесармоя аст, камтар аз мӯре натвонад буд. Он ҳазрати Сулаймон мартабаатро туҳфате мӯрсифатона ҳосил кунад ва ба забон ду байти тамҳиди узри аҷзи худ ниҳад ва гӯяд:

Шоҳо, бар ту ба туҳфа сад ҷон бурдан,
Камтар бувад аз зира ба Кирмон бурдан.
Лекин донӣ, ки расми мӯрон бошад,
Пойи малахе назди Сулаймон бурдан [34, 91].

Яке аз махсусиятҳои насри форсӣ - тоҷикӣ ин пайванди назму наср, яъне дар паҳлуи якдигар омадани онҳо мебошад. Ин шева аз миёнаҳои садаи ёздаҳуми мелодӣ зуҳур намуда, равнаќу ривоҷ ёфтааст. Ин амр барои василаи итноби сухан ва тафсири ҳусну таъсири он шуд ва то дергоҳ дар насри порсӣ боқӣ монд.

Монанди бисёре аз суфиён Аҳмад Ғаззолӣ низ аз табъи шоири бархурдор буд. Ин матлабе аст, ки аз гуфтори ӯ дар осораш ба хусус «Савонеҳ» ҳувайдост. Ҳарчанд девони шеъре аз худ ба ҷо нагузошт ва наметавон ӯро ба маънии комил як «шоир» ба шумор овард, завқ ва ҳунари шоирии вай равшан ҳувайдост ва ва гоҳ-гоҳе ба муносибати ҳол абёти ба форсӣ ва арабӣ месуруд. Ин нуктаро ӯ худ дар китоби «Савонеҳ» фасли 17 тасреҳ карда, сипас ин рубоиро ба қавли худаш дар « Рӯзгори ҷавонӣ» суруда ва нақл кардааст:

То ҷоми ҷаҳоннамой бар дасти ман аст,
Аз рӯи хирад чархи барин пасти ман аст.

То Каъба нест қибла ҳасти ман аст,

Ҳушёртарин халқи ҷаҳон масти ман аст.

Бегумон ин рубоӣ ягона шеъре нест, ки Ҳоҷа Аҳмад дар рӯзгори ҷавонӣ гуфтааст, балки аз ҳамон ибтидоӣ сулуки худ абёти дигаре сурудааст, аммо бисёре аз он дар миёни анбӯҳи рубоиҳо ба абёти беному нишони қарни панҷуму шашум ҷой гирифтааст. Албатта, беш аз як сад байт шеър дар «Савонеҳ» ва теъдоде ҳам дар осори дигари ӯ ҳаст, ки бархеро тазкиранависон ба худи ӯ нисбат додаанд. Монанди Ризоқулхон Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» [53, 87].

Дар «Савонеҳ» бо корбурди насри зебои шоирона ашъори ҷаззобе дар шарҳи мафҳуми ирфонӣ корбурд шудааст, ки хеле ҷолибу дилангез ба фаҳм мерасад. Ин ашъори орифона бештар дар қолаби рубоиҳо омада, асоси муҳтавои ишқи илоҳиро баён намудаанд, ки дар дилҳои ошиқон шарари меҳру муҳаббат афрӯхтааст. Дар рубоиҳои Ғаззолӣ ҳуҷби рӯҳи инсон аз тааллуқи қолаб ва офоти он, завқи унси Ҳазрат ва фарёду зорӣ аз дили ранҷур ва ҷони маҳҷур баён гаштааст. Ӯ бар забони ҳол бо Ҳазрати Зулҷалол мегӯяд:

Чун аз ту ба ҷуз ишқ наҷуем ба ҷаҳон,

Ҳиҷрону висоли ту мaро шуд яксон.

Бе ишқи ту буданам надорад сомон,

Хоҳ ту висол ҷуиву хоҳ ҳиҷрон [27, 45].

Дар бораи он ки ҳамаи ин ашъор аз худи ӯ нест шаке нест. Зеро, ӯ худ пеш аз нақли бисёре аз онҳо иборaҳои «Чунонки гуфт» ё монанди онро овардааст. Ҳамчунин ашъореро ҳам, ки бе зикри ин навъ иборaҳо нақл кардааст, наметавон ба таври қатъӣ ба ӯ нисбат дод. Барои ин гуна интисоб лозим аст, ки таҳқиқоти бештаре дар бораи он байтҳо анҷом дода шавад. Бо вуҷуди мушкилоти ишора гардида, набояд аз ёфтани ашъоре, ки ба таври ҳатмӣ аз Аҳмад Ғазолист ноумед шуд. Ҳамон тавре, ки осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дар равшан кардани пораҳое аз «Савонеҳ» ва зиндагӣ Маҷдуддин Аҳмади Ғаззолӣ моро ёрӣ кард, дар ёфтани бархе аз абёти ӯ низ метавонад ба

мо кумак кунад. Қозӣ дар ду ҷои «Тамҳидот» абётеро нақл карда, сареҳан гуфтааст, ки онҳо аз Хоҷа аст. Дар якҷо менависад: «...Аз Хоҷа Аҳмади Ғазолӣ башнав, ки чӣ мегӯяд дар маънии ин ҳадис: «المؤمن مرآة المؤمن» ва дарозтарин шеъре, ки то кунун аз Аҳмад Ғазолӣ ба дасти мо расидааст нақл мекунад.

Эй Худо оинаи рӯи ҷамолат ин дил аст,
Ҷони мо барги гул асту ишқи ту чун булбул аст.
Дар ҷамоли нури ту худро бубинам бе вуҷуд,
Пас дар ин олам муроди ҳар яке худ ҳосил аст.
Дар азал мавҷуд будам соя мар нури туро,
Дар абад ҳам шурби яктоӣ, ки моро манзил аст.
Ошиқон дар олами қофу ҳуруфи нуну то,
Ҳамнишинони Худо, пас ин мақоми аввал аст.
Гар ҳамехоҳӣ, ки донӣ к-ин чӣ ҷой асту куҷо,
Дар даруни ду ҷахон он ҷо, ки шаҳри Бобил аст.
Аз муроди худ бурун ову муроди дӯст гир,
К-ин чунин кас пеши маҳбубон наҷибу оқил аст.
В-ар ниҳоди ту ҳаме маҳбуб монад з-ин ҳама,
Хок бодо бар сарат, к-ин кори ту бас мушкил аст».

Дар ҷои дигар Айнулқуззот [64, с 340, 354] ин ду байтро аз қавли Шайх Аҳмад, ки бешубҳа манзураш Ғазолӣ аст, нақл мекунад:

Дар ишқ маломатеву расвоӣ беҳ,
Кофар шудану габру тарсоӣ беҳ.
Пеши хама кас оқилу раъноӣ беҳ,
В-андар раҳи мо шеваи савдоӣ беҳ.

Дар воқеъ ба ҷуз он рубоие, ки Хоҷа худ дар замони ҷавонӣ суруданашро эътироф кардаасту он байтҳоро Айнулқуззот аз қавли ӯ нақл намудааст, дар мавриди ашъори форсии дигаре, ки дар тазкираҳо ба ӯ нисбат додаанд наметавон мутмаин буд. Аз ҷумлаи чунин ашъор абёти зайл аст, ки

Ҳамдулллоҳ Муставфӣ дар «Таърихи гузида» (29, 319; 80, 46) ба ӯ нисбат додааст:

Чун чатри санҷарӣ рухи бахтам сиёҳ бод,
Бо фақр агар бувад ҳаваси мулки Санҷарам.
Урёну мулк бахшаму гӯӣ, ки хомаам,
Хомуш нукта гӯяму гуӣ, ки дафтарам.
То ёфт ҷони ман хабар аз мулки нимашаб,
Сад мулки нимарӯз ба як ҷав намехарам.
Дар ишқ, ки кардаӣ эй дил он гуна тавба,
То ман кунам аз висоли он маҳ тавба.
Шаби тираву шамъи рушану соқии маст,
Май ҳозиру ман ошиқу в-он гаҳ тавба.

Илова бар абёти форсӣ, Ғаззолӣ ашъоре ҳам ба арабӣ сурудааст. Дар осори арабии ӯ ба хусус бо «Бавориқ-ул-алмоъ» байтҳое омада аст, ки номи гӯянда ё гӯяндагони онҳо гуфта нашуда аст, аз ин лиҳоз боз ҳамон мушкилие, ки дар осори форсӣ бо он дучор шудем ин ҷо низ пеш меояд. Гузашта аз ин абёте ҳам ҳаст, ки дар тазкираҳо ба Аҳмад Ғазолӣ нисбат дода шудааст. Яке аз ин абётро Ибни Ҷавзӣ дар Ал-мунтазам ҷилди 9 саҳифаи 261 чунин нақл кардааст:

«وكان أحمد الغزالي يتعصب لابليس ويعذره، حتى قال يوما لم يدرك ذاك المسكين أن اظافر القضاء اذا حكت ادمت وقسى القدر اذا رمت اصمت. ثم انشد:

وكنّا وليلى في صعودٍ من الهوى فلما توافيْنا تَبّتْ وذَلّتْ.»

Яъне: «Аҳмади Ғаззолӣ нисбати Иблис таассуб дошт ва ӯро маъзур медошт, ҳатто рӯзе гуфт: «Ин бенаво надонистааст, ки чанголи сарнавишт чун ба касе халид, шикаст ва тири тақдир чун андохта шуд, хато хӯрд». Баъд суруд:

Мову Лайло аз ишқварзӣ дар парвоз будем,
Вале чун ба ҳам расидем, Лайло шикаставу хор шуд- С.С. [42, 139].

Абёти зайлро ҳам Ибн -ал-Малқун طبقات الأولياء тарҷумаи ҳоли Хоҷа нақл карда аст:

تقاطعنا و ليس بنا صدود

و قلن توق ، ما تلقى مزيد

فظن الحاسدون بأن سلونا

و دون سلونا امدالبعيد.

Бисёре аз тазкиранависон низ бар асоси гуфтаи Ибни Наҷор дар «Таърихи Бағдод» овардаанд, ки рӯзе дар маҳзари Хоҷа Аҳмад Қорӣ ин оятро хонд, ки

يا عبادي الذين اسرفوا على أنفسهم لا تقنطوا من رحمة الله

[35]

Ва Хоҷа ба шунидани он гуфт: бо истеъмол ё изофа дар «Ё ибоди» Худованд бандагонашро аз худ хонд ва эшонро шараф бахшид ва сипас ин ду байтро суруд:

وهان على اللوم في جنب حبها

وقول الا عادى انه لخليع

أصم اذا نويت باسمي وانني

اذا قيل لي يا عبدها لجميع [55, 324]

Ҳамин тариқ муаллифони осори мансури орифона ашъорро дар зимни матнҳои мусаҷҷаъ ҳамчун хулоса ва муҳтавои ақидаҳои ирфонии хеш ба кор бурдаанд, ки аҳаммият ва ҷойгоҳи ашъори орифонаро дар ғанои адабиёти ирфонӣ муайян намудааст. Аксари орифон шоир низ будаанд. Асоси осори онҳо шеъри ирфонӣ бошад ҳам, фарогири масъалаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти сиёсӣ будааст, ки равобити ашъорашонро бо ҷомеа ва ҳукуматдорон зоҳир сохтааст.

Аҳмади Ғаззолӣ низ дар афкори хеш бо истифодаи насри мусаҷҷаъ, санъати зебои суханофаринӣ матни «Савонеҳ»-ро бо абёти орифонаи форсӣ ва арабӣ зинат додааст. Шеърҳое, ки бевосита Аҳмади Ғаззолӣ гуфтааст ва инчунин аз дигар адибон истифода кардааст, боиси рушду такомули забону адабиёти форсӣ гардида, дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ марҳалаҳои нав

кушодааст. Ташаккули назми ирфонӣ боиси таҳаввулпазирии осори назму насри сӯфиёна гардида, насри мусаҷҷаъ ва рубоиву дубайтӣ, самоъу хонақоҳҳо ба саҳафоти китобҳои ирфониву илмӣ кӯчидааст.

Бино бар далоили ин тазаккурот аз ҷумлаи тафсирҳои Қуръон, ки ашъори зиёди ирфонии форсиву арабиро шомил гаштааст, тафсири қадимтарин ба забони форсӣ «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аст. Дар «Савонеҳ» бо корбурди насри зебои шоирона ашъори ҷаззобе дар шарҳи мафҳуми ирфонӣ корбурд шудааст, ки хеле ҷолибу дилангез ба фаҳм мерасад. Ҳамин гуна тасвирҳои балеғи шоирона дар равшану хотирмон баён гардонидани мақсади муаллиф дар осори «Савонеҳ-ул-ушшоқ» нақши муҳим бозидааст. Рубоиёти ӯ дар барҷаставу ифоданок ва ҷолибу таъсирбахш намудани калом, робитаи устувор барқарор кардани хонандаву нависанда, хусусан дар таълиму тарбия ва ташаккули инсон нақши бориз ва мақоми устувор доранд.

Дар ҷараёни таҳқиқ муқаррар шудааст, ки Ғаззолӣ дар умум дар «Савонеҳ» 115 байт истифода бурдааст, ки аз ҷумлаи онҳо 84 байт аз худи ӯст. Дар таркиби «Рисолат -ут-туюр» бошад 23 байт мавриди истифода қарор гирифтааст. Вале таҳқиқи бештари матншиносии ашъори шоир муайян месозад, ки бархе аз ашъори мавриди истифодаи вай дар таркиби девони шоироне ба чашм мерасанд, ки баъд аз ӯ зиндагонӣ кардаанд. Масалан, чанд рубоӣ дар таркиби маҷмуаи ашъор ва осори шоирону адибони чун Мавлоно, Айнулқуззот, Саноӣ ва дигарон дида шуд. Ба эҳтимоли зиёд ин ашъор низ ба қалами худи Аҳмади Ғаззолӣ бояд мансуб бошанд, ки аз ҷониби шоирони баъди вай, ки нисбат ба шахсият ва афкору андешаҳояш иродат доштанд, истиқбол гардидаанд. Албатта, ин мавзуи баҳси матншиносист, ки як таҳқиқоти ҷудогонаро хостор аст. Муҳимтар аз ҳама ҳарчанд тавассути корбурди намунаҳои ашъор Аҳмади Ғаззолӣ сабки сухани хешро ҷаззобу рангин гардонидааст, вале аз назари дигар маҳз ба воситаи ҳамин осор мо равшан карда метавонем, ки ин суханвар ва нависандаи соҳибном дар

сурудани ашъор дар забонҳои форсӣ ва арабӣ низ мақоми шоистаеро соҳиб будааст, ки тавассути таълифоти насрии ӯ то замони мо омада расидаанд.

Ҳамин тавр, баррасии матолиби мазкур моро ба натоиҷи зерин меорад:

1. Аҳмади Ғаззолӣ дар навгӯӣ ва офаридани мазмуну маониии дақиқу мармуз муваффақ буда, ки ба ҳеҷ як аз ҳамзамонаш чунин мақоми ҳунариро дар иншои осори мансур даст надодааст. Ӯро мухтареи тарзи тоза эътироф намудаанд ва яқин аст, ки ҳар як тарзу тариқа пайравони худро пайдо хоҳад кард. Бар ҳамин асос ҷаҳоншиносии Ғаззолӣ, ба вежа забон ва тарзи баёни китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и ӯ ба асрҳои минбаъда ба тафаккури нависандагони адабиёти форсии тоҷикӣ беасар намонд ва дар пайравии ин китоб як зумра осори манзум ва мансур эҷод шудаанд, ки файзи асари ин нависанда ва сабки суханаш дар онҳо эҳсос мешавад..

2. Ашъоре, ки дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ истифода шудаанд, ишқу эҳсосу ҷунунро ба хираду дониши ҳакимонаву орифона пайванд медиҳад, бинобар ин табақоти сатҳи гуногуни хонандагон ба андозаи ҷаҳонбинӣ ва завқи худ аз он бархурдорӣ меёбанд.

3. Дар ашъори худи Аҳмади Ғаззолӣ бошад калимаҳои навсохта, таркибҳои рамзӣ ва қолибу тоза, мазмунсозӣ ва маъниофаринӣ, мутобиқ ба сабки хуросонӣ рехта шудаанд. Маҳз, мутолеаи осори мазкур муқаррар месозад, ки Ғаззолӣ дар баробари нависандаи соҳибҳунар будан ба сурудани шеър низ шуғл варзидааст ва маҳз мутолеаи ин осор имконият медиҳад, ки дар оянда мухтахаби ашъори ӯ таҳия ва ба нашр расонида шавад.

## Хулосаи боби сеюм

Дар ҷараёни таҳқиқи меҳварҳои асосии боби савум муқаррар гардид, ки муҳимтарин ҷиҳати арзишмандии «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ дар корбурди муҳимтарин унсурҳои фасоҳатбахши забони наср, истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз ҷумла, ташбеҳ, истиора, киноя, саҷъ, ҷинос ва ғайра ҷилвагар аст. Истифода аз санъатҳои бадеӣ аз ҷониби Аҳмади Ғаззолӣ қудрати волои ӯро дар ороиш ва таълифи насри ҷаззоб таҷассум мекунад. Нависанда дар ҳар ду асари хеш бештар аз саноеи бадеие чун ташбеҳ, истиора, тавсиф, сифатчинӣ, саҷъ, киноя ва монанди ин ба кор гирифта, бар ин асос сабки нигориши хешро ҷаззоб гардонидааст. Дар баробари ин, асари «Рисолат-ут-туюр» худ намунаи барҷастаи достонҳои рамзӣ дар адабиёти тоҷик мебошад, ки дар он маҷоз, рамз ва истиора чойгоҳи махсус доранд. Маҳз, ҳамин шеваи баёноти рамзии он сабаб шудааст, ки аз сӯи адибону суханварони пас аз худ мавриди истиқбол қарор бигирад.

Дар баробари ин, дар сабки таълифи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ истифодаи аносири муҳими забонӣ, вожагони ноби классикӣ, калимоти роиҷ дар фарҳанги мардумӣ, истилоҳот ва мафоҳими ирфонӣ ва фалсафӣ ба чаш мерасанд, ки дар навбати аввал назокати забонии таълифоти ӯро бозгӯӣ намоянд, аз дигар тараф, вежагиҳои забони хоси насри нависанда бар асоси истилоҳоти ирфонӣ ва фалсафӣ муқаррар мегардад. Рисолаи «Савонеҳ» дар навбати аввал таълифест, ки тавассути он маънӣ ва мафҳуми аслии ишқ дар оинаи шинохти ирфону фалсафа ҷараён гирифтааст. Ҳамин арзиш ва аҳамияти асар шеваи хоси нигориши онро бозгӯи мекунад, ки таълифи махсусро тақозо менамояд ва бо ин усул иншо шудани асар вежагии махсуси сабки иншои онро шарҳу тафсир месозад. Дар баробари ин, асари «Рисолат ут-туюр» низ дорои сабки иншои хоси худ мебошад, ки дар он删 мармузбаёнӣ ё рамзгароӣ нуфуз дорад ва ин шеваи махсусе дар таълифоти насри ирфонӣ ба шумор меравад, ки Аҳмади Ғаззолӣ яке аз пешқадамони он эътироф гардидааст. Дар идомаи роҳи ӯ минбаъд нависандагону шоирони зиёде ин шеваро давом доданд, ки донишманди маъруф Тақии Пурномдориён дар

китоби «Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ» онроро таҳқиқ намудааст.

Аз ҷумлаи дигар муҳассаноти ҳунарии насри Аҳмади Ғаззолӣ истифодаи ашъор ба шумор меравад. Корбурди шеър дар насри нависанда агар аз як тараф барои ҷаззобияти сабки таълиф омил гардида бошад, аз назари дигар маҳз корбурди ҳамин ашъор метавонад ба мо имконият диҳад, ки ҳунари шоирии ӯро кашф ва муқаррар намоем. Аз 115 байти мавриди истифода аз «Савонеҳ» бештар аз 80 байти он моли худи Аҳмади Ғаззолӣ мебошад ва ҳамин нуфузи корбурди намунаҳои ашъори худи нависана ба мо имконият медиҳад, то ӯро ба унвони шоир низ муаррифӣ намоем. Имкон ҳаст, ки дар асоси таълифоти насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар оянда барои таҳия маҷмуи ашъори вай низ иқдом шавад.

# Х У Л О С А

## I.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Баррасӣ ва таҳқиқи рӯзгору осор ва хусусиятҳои бадеии таълифоти насрии Аҳмади Ғаззолӣ, хоса китобҳои «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и ӯ пеш аз ҳама ба ин матлаб таъкид меварзад, ки ин донишманди беназир дар баробари шинохта шудан ба унвони як файласуф, ориф ҳаким нависандаву адиби соҳибназарест, ки мероси адабии ӯ саршор аз бадеият ва аносири фасоҳатбахши калом, таҷассуми ҳунари нависандагӣ, ва амсоли ин маҳсуб мешавад. Ба ибораи дигар ин ду асари арзишманди ӯ метавонанд чеҳраи Аҳмади Ғаззолиро ҳамчун нависандаи соҳибсабк ва соҳибназар муаррифӣ намоянд, ки дар он беҳтарин суннатҳои насри асримиёнагии форсу тоҷик ифода ёфтаанд. Вобаста ба ин, таҳқиқ ва баррасии мухтасари зиндагинома ва аҳамияту арзишҳои адабии китобҳои «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ моро ба натиҷаҳои мушаххасе меоварад, ки онҳоро ба унвони муҳимтарин хулосаҳои илмии диссертатсия зикр менамоем.

1. Аҳмади Ғаззолӣ дар рӯзгоре ба сар бурдааст, ки аз назари сиёсӣ мураккабу печида буда, сарзаминҳои таърихии сукунати мардумони ориётабор бар асоси ба чандин қисмат ҷудо шудани ҳудудҳои он пас аз суқути давлати Сомониён дар ихтиёри хонадонҳои мухталифе чун Ғазнавиёну Қарахониён, Ғуриён, Салҷуқиён қарор гирифтааст. Новобаста ба чунин вазъи душвору пур аз мушкилот адабиёт ва забон – форсиву арабӣ ривоҷ ёфта, насри классикии форсу тоҷик тавассути иншои таълифот дар анвоъи мухталифи он рӯ ба таҳаввул овардааст. Бешак, ин вазъи мураккаби сиёсиву иҷтимоӣ барои адабиёт ва муҳити адабӣ низ таъсири муайян гузоштааст. Ривоҷи ҷараёнҳои тасаввуф дар баробари дигар равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ низ омил ба эҷоди яке аз анвоъи муҳими насри классикӣ-насри сӯфия ва таҳаввулу ташаккули он гардид, ки Аҳмади Ғаззолӣ барои ривоҷи он нақши муасссир гузоштааст. Хосатан, достони рамзии марбут ба парандагони ӯ боис ба эҷоди силсилаи осор дар бораи мурғон гардидааст. **[1-М]**

2. Пажӯҳиши зиндагинома ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ дар навбати аввал муқаррар месозад, ки ӯ яке аз нависандагон ва намояндангони насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик ба шумор рафта, афкору андешаҳои вай барои ривоҷу равнақи мактабҳои фалсафӣ ва ирфонии асримиёнагии форсу тоҷик нақши муассир гузоштаанд. Бар асоси сарчашмаҳои таърихӣ ва адабиву илмӣ аён мешавад, ки насаби комили ӯ Маҷдуддин Абулфутуҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ғаззолӣ буда, аз китоби «Савонеҳ» маълум мегардад, ки дар он рӯзгор ин адиб пеш аз ҳама бо номи Аҳмад маъруфият доштааст. Ба навиштаи сарчашмаҳо сафарҳои фаровони ӯ ба Бағдод, Нишобур, Тӯс, Мароға, Табрез, Исфаҳон, Қазвину Ҳамадон боис гардиданд, ки бо ташкили маҷолиси илмӣ ва суханрониҳои хеш дар муддати кутоҳ шуҳрати фаровоне ба даст оварад. Дар фурсати чиҳил соле, ки ба тарғибу ташвиқи ирфон ва оростани маҷлисҳои маънавӣ машғул буд, шогирдони зиёдеро раҳнамоӣ ва ба камол расонид, ки чанд тан аз онҳо намояндагони барҷастаи ирфон шинохта шудаанд. Зиёуддин Абӯнаҷми Сӯҳровардӣ, Абулфазли Бағдодӣ ва Аҳмад Котиби Балхӣ ва Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз ҷумлаи шогирдони Аҳмади Ғаззолӣ мебошанд, ки худ тариқати мустақили хешро таъсис дода, ҳар яке ҷойгоҳи хосаи худро чи дар тасаввуф ва чи дар насри форсу тоҷик дарёфтаанд.

3. Таҳқиқ дар мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ муқаррар месозад, ки ин донишманди соҳибном дар баробари ҳамчун ҳаким, файласуф ва ориф ном баровардан, дар ривоҷи насри фалсафӣ ва ирфонии форсу тоҷик бо таълифи осори мансур, хоса «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» ном бароварда, ҳамчун адиб ва нависанда дар ривоҷи адабиёт дар асрҳои миёна хидмати босазое ба анҷом расонидааст. Мероси адабиву ирфонии адиб таҷассуми афкори фалсафиву ирфонӣ дар оинаи анвоъи наср маҳсуб меёбанд, ки ин амр ба ҳунари нависандагии Аҳмади Ғаззолӣ ва мақоми вай дар ташаккули навъҳои мухталифи насри асримиёнагии форсу тоҷик таъкид меварзанд. Аз рӯи таҳқиқоти анҷомёфта то замони мо аз ӯ 23 асар бо назардошти номаҳои

вай боқӣ мондааст, ки «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» муҳимтарини онҳо ба шумор меравmissing. **[3-М]**

4. Таваҷҷуҳ ба мероси адабии Аҳмади Ғаззолӣ муқаррар месозад, ки ӯ ҳам ба монанди бештари намояндагони адабиёти ба сурудани ашъор иштиғол варзида, ки бештари намунаҳои шеърии ӯ дар миёни осори мансураш ҷой гирифтаанд. Муҳаммадтақӣ Баҳор бар мабнои як порчаи манзум ба натиҷае расидааст, ки Аҳмади Ғаззолӣ ба сабки Саноӣ шеър мегуфт ва дар дақоиқи шеъри форсӣ устод буд. Ин андешаи устод Баҳор албатта дар пояи як порчаи ӯ баён шудааст ва ҳаргиз наметавонад ба унвони ҳукме қабул шавад, ки тамоми осори манзуми вай дар истиқболи Саноӣ суруда шуда бошанд. Аммо таъкиди ин нукта муҳим аст, ки ҳарчанд намунаҳои содаву равон ва пуршӯру ҳоли ашъор дар миёни осори Аҳмади Ғаззолӣ кам нестанд, аммо вай бештар дар наср шӯҳрат касб намуд, ки вуҷуди осори зиёди мансур дар таркиби мероси адабии ӯ, хоса «Савонеҳ» ин андешаро бе ҳеҷ тардид ба субут мерасонад.

5. Аз муҳимтарин арзишҳои адабие, ки осори Аҳмади Ғаззолиро ба ҳукми сарчашмаи адабӣ метавонад муаррифӣ намояд, истифодаи ашъори шоирони пеш аз худ ва худи ӯ маҳсуб мешавад. Ин адиб ва файласуфи номвар баҳри тасбити назароти хеш дар маърифати масоили ирфонӣ ва пеш аз ҳама тазйини калом ва сабки нигориши хеш аз шоирони форсигӯ ва арабинавис низ истифода кардааст. Корбурди ашъор дар баробари арзиши муҳими адабии асарро бозгӯӣ намудан, метавонад ба ҳукми сарчашмаҳои адабӣ дар мантшиносии осори ин суханварон, ҳатто нафароне, ки ҳамрӯзгори шоир будаанд, ё ба замони вай наздик зистаанд, муҳим ва дорои аҳамияти илмӣ бошанд, зеро муқобала ва қиёси ин ашъор ба нусхаҳои мутуни адабии девон ва маҷмӯаи шеърҳои шоирон ба вуҷуди намунаҳои шеърии рубоиву ғазалу қасида ё абёти ҷудогона таъкид меварзад, ки онҳо дар ҷараёни тасҳеҳи мутуни адабӣ ҳукми сарчашма ё нусхабадалҳо муфид истифода шаванд. **[2-М], [4-М].**

6. Дар ҷараёни таҳқиқи ҳар ду китоби адиб равшан гардид, ки дар китоби «Савонеҳ-ул-ушшоқ»ӯ дар умум 115 байт истифода кардааст, ки аз ҷумлаи онҳо 84 байт ба худи вай тааллуқ доранд. Дар таркиби «Рисолат-ут-туюр» бошад 23 байт истифода шудааст. Баробари ин, таҳқиқи бештар муайян намуд, ки бархе аз ашъори мавриди истифодаи ӯ дар таркиби девон ва осори шоироне низ дучор меояд, ки баъд аз ӯ зистаанд. Ба эҳтимоли зиёд ин абёт ҳам дар асл ба қалами худи Аҳмади Ғаззолӣ тааллуқ доштаанд ва аз рӯи иродат ва ихлос шоироне чун Саноиву Мавлоно аз онҳо истиқбол намудаанд ё айнан ва ё бо андак тағирот абёти мазкурро вориди сурудаҳои хеш сохтаанд. Маълум аст, ки ин шева дар таркиби осори ирфонии асрҳои миёна роиҷ будааст ва мо ба чунин тарз абёти зиёди Мавлоноро дар таркиби «Маснавии маънавӣ» ҳам мебинем. Гузашта аз ин, бархе аз абёти Аҳмади Ғаззолӣ ба таркиби осори насрии шогирд ва муриди ӯ Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ворид шудаанд, ки ин албатта сабаби аслии иродати хоси ин шогирди вай мебошад. Ҳаройна, таҳқиқ дар истифодаи ашъор дар таркиби осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ ин нуктаро равшан месозад, ки ӯ дар баробари таълифи осори насрӣ ба сурудани ашъор низ рағбат доштааст ва бештари ашъори мавриди истифодааш намунаҳои шеърии худаш мебошанд. Аз ин рӯ, осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ сарчашмаи муҳими таъйини мақоми ӯ дар эҷоди шеър ба шумор рафта, бар асоси он имкон дорад, ки маҷмуаи ашъори шоир таҳия ва нашр гардад. **[5-М]**

7. Арзиш ва аҳамияти муҳими дигари адабии «Савонеҳ» дар шинохти он ҳамчун сарчашма ё манбаъи тавзеҳи истилоҳоти ирфонӣ ифода меёбад, ки маҷмӯан барои маърифати матолиби фалсафӣ, ирфонӣ, ахлоқӣ нақши муассир дорад. Дар асари мазкур ба таври умум чанд даста аз луғот ва истилоҳоти мавриди назар мавриди шарҳ қарор гирифтаанд, ки зимнан метавон онҳоро ба гунаи зайл дастабандӣ намуд:

А)Луғот ва истилоҳоти ирфоние, ки дар заминаи мафоҳими сарчашма дар фарҳанги исломӣ дошта, сохта шудаанд;

Б)Луғот ва истилоҳоти ирфоние, ки дар заминаи мафоҳими ахлоқӣ ва ҳикамӣ ба вуҷуд омадаанд;

В)Луғот ва мафоҳими фалсафӣ, ки дар матни асар мазмуни ирфонӣ касб намуда, ҳукми истилоҳи ирфонӣ гирифтаанд; Маҷмӯан корбурди ин мафоҳим ва истилоҳот, ки ба забони нигориши асар таъсири гуворо гузоштаанд, пеш аз ҳама онро ҳамчун намунаи насри фалсафӣ ва ирфонӣ муаррифӣ намуда, дар канори ин рамзгароӣ ва шеваи баёноти links мармуз, маҷозу истиораи хоси насри ирфониро дар матни ин китоб мушаххас гардонидаанд. **[6-М]**

8. Корбурди фаровони оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ, ки дар навбати аввал ба услуби нигориши муаллифи асар таъсири пурфайз гузоштаанд, барои сарчашмашиносии афкори фалсафӣ ва ирфонии ӯ низ мусоидат намудааст. Аз нигоҳи дигар, вуҷуди фаровони ин падидаҳои муассир ба тафаккуру андеша ва шеваи нигориши муаллиф боис омадааст, ки сабки таълифи насри фалсафӣ, ирфонӣ дар осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ боз ҳам тақвият ёфта, аз назари дигар усулҳои мухталифи истифодаи оёту аҳодис ҷанбаҳои бадеии асар, хоса шеваҳои ҷолиби корбурди саноеи талмеҳ, иқтибос ва дигар аносири фасоҳатбахши каломро дар насри ин адиб ва донишвар тақвият бахшидаанд. **[7-М]**

9. Аҳмади Ғаззолӣ дар осори насрии худ тавассути истифодаи ҳунарваронаи аркони санъати сухан ва аносири бадеӣ сабки таълифи хешро зиннат бахшида, омилҳои тасвири бадеиро ҷиҳати муассиру матлуб гардонидани шеваи баёни хеш моҳирона истифода намудааст. Вай санъатҳои мухталиферо чун тазод, ташбеҳ, ирсоли масал, таҷнис, муламмаъ, сифатчинӣ, такрир, тавсиф, нидо, истиора, муболиға ва ғайра ба кор гирифта, ба ин роҳ бадеияти асари хешро тақвият бахшидааст. Аз ин миён саҷъ ва сифатчиниро бештар истифода намудааст ва шояд истифода аз ин усул ба сабаб бошад, ки саҷъ яке аз саноъеи пуркорбурд дар насри он замон ба ҳисоб мерафт, ки дар баёни ақоиду афкори ирфонӣ ва ахлоқӣ муносибу мувофиқ маҳсуб мегардид. Сифатчинӣ бошад барои баёни андеша ва орои Аҳмади Ғаззолӣ аз ҳар ҷиҳат

мувофиқ омадаст, ки вай ҳангоми таҳлилу тавзеҳи масоили ирфонӣ, адабӣ ва фалсафӣ аз он истифода бурда, ба ин сабаб сабки нигориши асари хешро ороставу пероста гардонидааст. **[8-М]**

10. Дар ҷараёни таълифи асари хеш Аҳмади Ғаззолӣ иқдом дар корбурди дигар аз аносири фасоҳатбахши калом, хоса зарбулмасалу мақол ва вожагону луғоти роиҷ дар миёни мардум маҳорати ҳунарӣ аз худ зоҳир намудааст. Истифодаи бамавриди масалҳои форсӣ дар баробари баёни огоҳии ӯ аз фарҳанги мардум ва сарчашмаҳои зуҳури амсоли арабиву форсӣ ба маҳорати нависандагии адиб дар корбурди ин намунаҳои барҷастаи фарҳанги мардумӣ дарак медиҳад, ки ба сабки умумии нигориши китоб таъсире муҳим гузоштааast. **[9-М]**

11. Рисолаи «Савонеҳ-ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ аз замони зиндагонии адиб то кунун мавриди таваҷҷуҳи хоси аҳли тасаввуф ва орифону адибон қарор гирифтааст. Дар дарозои қаруни мухталиф, яъне аз айёми зиндагонии вай то кунун навишта шудани 7 шарҳ бар ин асар худ далели равшани он аст, ки ба таълифоти Аҳмади Ғаззолӣ орифону суханварон таваҷҷуҳи махсус доштаанд ва аз он баҳраҳои афзун бардоштаанд. Дар баробари ин, ба назм даровардани шудани ду ҳикоят аз китоби «Савонеҳ- ул-ушшо» аз сӯи Саноии Ғазнавӣ низ таваҷҷухи хоси ин шоири пешкисвати шеъри ирфонии форсу тоҷикро бозгӯӣ мекунад. Ҳатто ин баҳрамандии Саноӣ аз Ғаззолӣ сабаб шудааст, ки шарҳи манзуми «Савонеҳ»ро, ки ба қалами Иззуддин Маҳмуди Кошонӣ тааллуқ дорад, дар бархе нусхаҳои хаттӣ бо «Ишқномаи Саноӣ» ҳам ном баранд. **[11-М]**

12. «Рисолат-ут-туюр» низ ҳамчун намунаи достонҳои рамзии ирфонии форсӣ дар ташаккул ва ривоҷи осори рамзӣ, хоса таълифоте аз забони мурҒон дар адабиёти форсу тоҷик нақши муассир гузоштааст. Минбаъд шогирдону муридони вай дар ин роҳ аз шеваи кори ӯ истиқбол намуданд ва дар адабиёти форсу тоҷик силсилаи осоре бо чунин ном ва осоре маъруф бо достонҳои мурғон таълиф ёфт. Ҳатто дар шеваи иншои «Мантиқ-ут-тайр»-и хеш Шайх Аттори Нишопурӣ аз афкори адабиву ирфонӣ ва тарзи иншои

Аҳмади Ғаззолӣ истиқбол кардааст, ки ҳамоҳангиҳои мавҷуд дар тафсири ҳафт манзили Ғаззолӣ ва ҳафт водии ишқи Аттор ё ҳафт шаҳри ишқи ӯ ин нуктаро собит месозад. **[10-М]**

13. Аз баёни матолиб ва мазмуну мундариҷаи ҳар ду китоби насрии Аҳмади Ғаззолӣ пайдост, ки ӯ дар бештари маворид таҳти таъсири ҷаҳоншиносии пирони тариқат ва саромадони аҳли тасаввуф қарор гирифта будааст. Аз ин рӯ, дар сабки таълифи ҳар ду асари вай шеваи осоре чун «Рисолат-ат-тайр»-и Ибни Сино ва таълифоте аз дигар саромадони адабиёти тасаввуф ба мушоҳида мерасад. Агарчӣ «Савонеҳ» бештар бо шеваи маҷлисгӯёни асри XII таълиф шудааст, дар «Рисолат-ут-туюр» услуби осори рамзӣ ё достонҳои рамзии ирфониро ба мушоҳида мегирем, ки ҳарчанд намунаҳое аз он қабл аз Аҳмади Ғаззолӣ дар эҷодиёти Сино, Хоқонӣ ва дигарон мавҷуд будааст, аммо дар ташаккули осоре ба ин шева навиштаи Аҳмади Ғаззолӣ таъсири фаровон гузоштааст.

14. Китоби «Савонеҳ» дар ташаккули насри ирфонӣ ва фалсафии форсу тоҷик, инчунин ҷаҳоншиносии аксари суханварони баъд аз худ таъсири пурфайзе гузоштааст, ки ин асари равшанро мо дар сабки сухан ва андешаҳои Саноӣ, Мавлоно Балхӣ, Хоҷа Ҳофиз, Азизи Насафӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Наҷмиддини Исфаҳонӣ, Амир Ҳусайни Ҳиравӣ ва дигарон ба мушоҳида мегирем, ки масъалаи таъсир ва пайвандҳои мавзӯӣ, инчунин сабки сухани нависанда бо осори шоирону адибоне пас аз худ аллакай дар чандин пажӯҳишоти ҷудогона таҷассум ёфтааст.

15. Нуфузи «Савонеҳ» дар фалсафу ирфон ва адабиёти форсу тоҷик боис омада, ки нусхаҳои фаровоне аз ин китоб дар китобхонаҳои ҷаҳон маҳфуз гардида, нашру тасҳеҳи он ҳанӯз аз асрҳои ҳаждаҳу нуздаҳ оғоз ёбад. Баъдан кори тасҳеҳу таҳия ва нашри китоб асосан дар Ҷумҳурии Исломии Эрон равнақи тамом касб намуд, ки мукаррaран ба нашр расидани китоби мазкур боиси ба вуҷуд омадани таҳқиқоти бештаре дар ин кишвар низ шуд. Аммо то кунун матни комили ин асар боре ҳам дар Тоҷикистон тасҳеҳ ва нашр нашудааст ва шояд омили аслии камтар таҳқиқ гардидани асар аз диди

адабиётшиносӣ ҳамин бошад. Ба вуҷуд омадани таҳқиқоте дар давоми чанд соли охир дар риштаҳои фалсафаву ахлоқ ва ҳамакнун адабиётшиносӣ моро итминон мебахшад, ки дарояндаи наздик барои тасҳеҳи матни китоб низ иқдом хоҳад шуд, ки барои адабиётшиносии тоҷик аз муҳимтарин ва арзишмандтарин корҳо хоҳад буд. Нашри матни китоби «Рисолат-ут-туюр» бошад ҳарчанд бори аввал соли 2015 дар Тоҷикистон тариқи фаслномаи «Камоли Хуҷандӣ» бо тавзеҳоти адабиётшиноси ҷавон Иззатбек Шехимов ба анҷом расид, вале то кунун ба сурати китоби алоҳида ба нашр нарасидааст. Интишори маҷмуаи осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ бар асоси дастрасӣ ба нусхаҳои хаттии муътабар вазифаи муҳими аҳли таҳқиқ дарояндаи наздик аст ва мо боварии комил дорем, ки арзиш ва аҳамияти адабӣ ва ахлоқии ин таълифот барои анҷоми ҳар чи бештари ин кор имконият фароҳам хоҳад овард. **[12-М]**

## II.ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲО:

Таҳқиқоти осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ натиҷаҳои муайянеро ҳосил намуд, ки муҳимтарини онҳо дар 15 банди назарӣ баён шуданд ва ин натиҷаҳоро дар оянда барои анҷоми корҳои зерин метавон мавриди истифода қарор дод:

1. Дар ҷараёни таҳқиқот мо танҳо ба сурати иҷмолӣ вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таърихии замони зиндагонии Аҳмади Ғаззолиро баррасӣ намудем. Дар оянда аз рӯи ҳосили таҳқиқот метавон дар ҷараёни баррасии авзои сиёсиву иҷтимоӣ, таърихӣ ва адабии давр дар китобҳои таърихӣ ва осори марбут ба таърихи адабиёти асрҳои мавриди таҳқиқ, яъне XII -XIII истифода намуд.

2. Ҳангоми таҳқиқ ба таври мухтасар заминаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва адабии ба вуҷуд омадани насри сӯфия дар рисола ба таҳқиқ гирифта шуд. Имкон дорад, ки дар оянда натиҷои таҳқиқ барои идомаи пажӯҳиши масъалаҳои назарии ташаккули насри ирфони форсу тоҷик ва таълифи

китобҳои таърихи насри ирфонӣ дар адабиёти форсу тоҷик ба кор гирифта шавад.

3. Маводи диссертатсияро дар оянда барои таҳқиқи бештари мероси насрии Аҳмади Ғаззолӣ, сабкшиносии таълифоти ӯ, омӯзиши нусхаҳои хаттии таълифоти нависанда дар китобхонаҳои ҷаҳон истифода намуд.

4. Бо сабаби он ки осори насрии Аҳмади Ғаззолӣ дар Тоҷикистон то кунун ба сурати китоби ҷудогона нашр нашудаанд, маводи диссертатсия барои таҳия ва нашри осори адиб судманд истифода хоҳад шуд.

5. Бори аввал дар диссертатсия роҷеъ ба сайри шарҳнависӣ ба китоби «Савонеҳ»-и Аҳмади Ғаззолӣ изҳори назар шудааст. Аз ин рӯ, аз рӯи натиҷаҳои дар ин ҷода ба даст омада, метавонад дар таълифи маводи таҳқиқи дар заминаи шарҳнависии осори насрӣ дар адабиёти тоҷик, таҳия ва нашри шарҳҳо ва иншои шуруҳи нав ба ин осори мансур истифода шавад.

6. Дар заминаи маводи диссертатсия мавзуоти таҳқиқотиро барои таълифи рисолаҳои магристрӣ, докторӣ ва дигар анвоъи корҳои илмии донишгоҳӣ пешниҳод кардан мумкин аст.

7. Маводи диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқот барои омода намудани маводи таълимӣ аз фанҳои таърихи адабиёти тоҷик, таърихи насри классикии форсу тоҷик, курсҳои махсус оид ба шарҳнависӣ, мантшиносӣ, достонҳои рамзӣ дар адабиёти тоҷик барои донишҷӯёни риштаҳои филологӣ ва шарқшиносӣ истифода шавад.

## Рӯйхати адабиёти истифодашуда

## I. Сарчашмаҳо

### А) Бо забони тоҷикӣ


1. Авфӣ, Муҳаммад. Лубоб-ул-албоб / Муҳаммад Авфӣ; [Тасҳеҳоту ҳавошӣ ва таъликот аз Саид Нависӣ]. –Теҳрон, 1335.
2. Авҳадӣ, Тақиуддин. Тазкирату арафот-ул-ошиқин ва аразот-ул-орифин.-Теҳрон, 1388.
3. Ансорӣ, Хоҷа Абдуллоҳ. Табақот-ус-сӯфия. / Тасҳеҳи Абдулҳайи Ҳабибӣ Комил.-Теҳрон, 1341.-738 с.
4. Аттор, Фариддадин. Девон. / Фариддадин Аттор; [Ба тасҳеҳи Саид Нафисӣ].- Қум: Қалам, 1389.-512 с.
5. Аттор, Фариддадин. Мухторнома. / Фариддадин Аттор; [Тасҳеҳ ва муқаддима аз Шафеи Кадканӣ]. – Теҳрон: Сухан, 1375.-492 с.
6. Аттор, Фариддадин. Маниқ - ут – тайр / Фариддадин Аттор; Ба эҳтимоми Аҳмади Ранҷбар.- Теҳрон, 1369.-737 с.
7. Аттор, Фариддадин. Асрорнома. / Фариддадин Аттор; [Ба тасҳеҳи дуктур Содиқӣ Гавҳарин].- Теҳрон: Сафиалишоҳ, 1338.-428 с.
8. Аттор, Фаридаддин. Тазкират-ул-авлиё. / Фариддадин Аттор; [Бо муқаддимаи Муҳаммад Қазвинӣ]. Чопи саввум.- Теҳрон, 1336. -368 с.
9. Афлокӣ, Аҳмад. Маноқиб –ул- орифин. / Аҳмад Афлокӣ; [Тасҳеҳ ва муқаддима аз Шафеи Кадканӣ]. - Теҳрон. 1896.- 396 с.
10. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Маснавии Маънавӣ. / Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ; Ба кӯшиши Маҳдии Озаряздӣ Хуррамшоҳӣ]. - Теҳрон: Пажӯҳиш, 1383.-1318 с.
11. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддини. Гузидаи Ғазалиёти Шамс. / Мавлоно Ҷалолуддин Балхӣ; Ба кӯшиши Шафеи Кадканӣ].- Теҳрон: Алҳудо, 1372.- 544 с.
12. Бойқаро, Султон Ҳусайн. Маҷолис-ул-ушшоқ. / Султон Ҳусайни Бойқаро; Нусхаи хаттии китобхои Маҷлиси Шӯрои Исломии ҶИ Эрон.

13.Бухороӣ, Муҳаммад Авфӣ. Лубоб-ул-албоб. / Муҳаммад Авфӣ Бухороӣ; Аз рӯи чопи профессор Э. Браун. Ба муқаддима ва таълиқоти аллома Муҳаммад Қазвинӣ, ба кӯшиши Муҳаммад Аббосӣ. – Теҳрон: Донишгоҳӣ, 1361.-959 с.
14.Ганҷавӣ, Низомӣ. Лайлӣ ва Маҷнун. / Низомии Ганҷавӣ; [Ба тасҳеҳ ва таълиқот ҳамроҳ бо вожаномаҳо ва амсолу ҳикам аз Беҳрӯзи Сарватиён].- Теҳрон: Нигоҳ, 1364.-786 с.
15.Ғаззолӣ Абӯҳомид Муҳаммад. Кимиёи саодат.- Теҳрон, 1371.
16.Ғаззолӣ, Абӯҳомид Муҳаммад. Насиҳат-ул-мулук. / Таҳия ва тавзеҳи Нарзуллои Назар. – Душанбе: Ирфон, 2011.-176 с.
17.Ғаззолӣ, Аҳмад. Савонеҳ. / Аҳмад Ғаззолӣ; [Ба тасҳехи Ҳилмут Ритер ва муқаддимаи Насруллоҳи Пурҷаводӣ].- Теҳрон: Донишгоҳ, 1368.- 168 с.
18.Ғаззолӣ, Аҳмад. Рисолат-ус-савонеҳ фил-ишқ. / Аҳмад Ғаззолӣ; [Ба кӯшиши Маҳдии Баёнӣ. –Теҳрон, 1332.-670 с.
19.Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Бавориқ-ул-алмоъ. Теҳрон, 1327.
20.Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Баҳр-ул-маҳаббат фӣ асрор-ил-мавaддат.-Теҳрон, 1319.
21.Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Баҳр-ул-ҳақиқат. / Ба эҳтимоми Насруллоҳи Пурҷаводӣ.- Теҳрон, бидуни соли нашр.
22. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Маҷмӯаи осори форсии Аҳмади Ғаззолӣ. / Ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид.- Теҳрон, 1370.- 721 с.
23. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Маҷолис. / Ба эҳтимоми Аҳмади Муҷоҳид.- Теҳрон, 1376.
24. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Рисолаи айния.- Теҳрон, 1319.- 45 с.
25. Ғаззолӣ Аҳмад «Достони мурғон, Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмад Ғаззолӣ ба эҳтимоми Насруллоҳ Пурҷаводӣ. Теҳрон, 1976. 60 с.
26. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Савонеҳ-ул-ушшоқ. / Тасҳеҳи Насруллоҳи Пурҷаводӣ. Теҳрон, 1359.-314 с.

27. Ғаззолӣ Имом Аҳмад. Савонеҳ-ул-ушшоқ. / Ба тасҳеҳи Ҳелмут Риттер.- Истамбул, 1942. 226 с.
28. Ғаззолӣ, Аҳмад. Рисолат-ут-туюр. Таҳия ва тавзеҳи Иззаатбек Шехимов. / Фаслномаи Камоли Хуҷандӣ. 2015. №3 (3). С. 160-168.
29. Ғазнавӣ, Саноӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа/ Саноии Ғазнавӣ; Ба кӯшиш Саид Нафисӣ. -Теҳрон, 1335.-450 с.
30. Ғафуров, Бобоҷон. Тоҷикон. / -Душанбе, Нашриёти муосир. 2020.-976 с.
31. Заҳабӣ, Шамсиддин. Таърихи ислом. / Шамсиддини Заҳабӣ.- Бейрут: Дорулкитоби арабӣ, 1352.-1200 с.
32. Ироқӣ, Фахриддин. Куллиёт. / Фахриддини Ироқӣ; [Ба кӯшиш Саид Нафисӣ]. -Теҳрон, 1335.
33. Кошонӣ, Бобоафзал. Рубоиёт. / Бобоафзал Кошонӣ; [Ба замимаи мухтасаре дар аҳвол ва осори вай ба қалами Саид Нафисӣ]. -Теҳрон, 1311.-850 с.
34. Кубро, Наҷмиддин. Ал – авсал-ул-ушрат. / Наҷмиддини Кубро; [Ба кӯшиши Фурӯзонфар]. -Теҳрон, 1363 ҳ.-111 с.
35. Қуръони Карим. / Тарҷумаи Баҳоваддини Хоразмшоҳӣ.- Теҳрон: Гулшан, 1376.- 902 с.
36. Маориф. Маҷмӯаи мавоиз ва суханони Султон-ул-уламо Баҳоуддин Муҳаммад бинни Ҳусайн Хатибии Балхӣ машҳур ба Баҳоулвалад. / Маориф; Ба тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар]. –Теҳрон, Интишороти идораи кулли интибооти Вазорати фарҳанг, 1333. – 600 с.
37. Мавлавӣ, Мавлоно Ҷалолуддин. Фиҳӣ мо фиҳӣ. / Мавлоно Ҷалолуддин Мавлавӣ; Бо тасҳеҳот ва ҳавошии Базеуззамон Фурӯзонфар. -Теҳрон, 1330. – 600 с.
38. Майбудӣ, Абулфайз Рашидаддин. Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-аброр. / Абулфайз Рашидаддини Майбудӣ; ҳБа кӯшиши Али Асғари Ҳикмат].- Теҳрон, 1331. – 650 с.

39.Муншӣ, Насруллоҳ. Калила ва Димна. / Насруллоҳи Муншӣ; Ба эҳтимоми Абулазим Қариб Чопи чаҳорум. -Теҳрон, 1359.- 230 с.
40.Муставфӣ, Ҳамидуллоҳ. Таърихи гузида. / Ҳамидуллоҳ Муставфӣ; хБа эҳтимом доктор Аблҳусайни Навоӣ]. - Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1388.- 671 с.
41.Ибни Халликон. Вафийёт-ул-аъён. Ҷилди 1.- Қоҳира, 1367.
42. Ибни Ҷавзӣ. ал-Мунтазам фи таърих -ил-мулуки ва-ал-умам. –Ҷ.9; 17. –Бейрут: Дор-ул-кутуб ал-илмийя, 1992. 348 с.
43. Мукотиботи Аҳмади Ғаззолӣ бо Айнулқуззоти Ҳамадонӣ ба эҳтимоми Насруллоҳи Пури Ҷаводӣ.- Теҳрон, 1356.
44. Муставфӣ, Ҳамдуллоҳ. Таърихи гузида. Ҷилди 1.- Теҳрон, 1980.
45. Мустамилии Бухорӣ, Абӯиброҳим Исмоил. Шарҳ-ут-тааррууф лимазҳаб-ит-тасаввуф. / Тасҳеҳи Муҳаммад Равшан.-Теҳрон, 1365.
46. Нишопурӣ, Аттор. Илоҳинома. / Ба тасҳеҳи Ҳелмут Риттер. Теҳрон, 1372.
47. Нишопурӣ, Аттор. Мантиқ-ут-тайр. / Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон, 1383.
48. Нишопурӣ, Аттор. Мусибатнома. / Тасҳеҳи Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ.- Теҳрон, 1386.
49. Субкӣ, Тољиддин Абӯнаср Абдулваҳҳоб ибни Алӣ. Табақот –уш-шофеийя ал-кубро. – ҷ.2; 4. – Бейрут, 1979.
50. Ҳазратқулов М. Тасаввуф.- Душанбе: Маориф, 1988.- 256 с.
51. Ҳаллоҷ, Ҳусайн ибни Мансур. Маҷмӯаи осори Ҳаллоҷ.-Теҳрон, 1379.
52. Ҳамадонӣ, Айнулқуззот. Тамҳидот.- Теҳрон, 1341.
53. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. Ҷилди 1.- Теҳрон, 1382.
54. Ҳусайнӣ, Атоулло Маҳмуд. Бадоеу-с-саноеъ / Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Р.Мусулмонқулов.–Душанбе: Ирфон, 1974.–222 с.
55. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс.- Теҳрон, 1337.-1214 с.
56. Ширвонӣ, Халил Муҳаммад. Нузҳат-ул-маҷолис. Ҷилди 1.- Теҳрон, 1366.

57. Ровандӣ, Муҳаммад бинни Алӣ бинни Сулаймон. Роҳат-ус-судур ва оят-ус-сурур (дар таърихи Оли Салҷуқ). / Муҳаммад бинни Алӣ бинни Сулаймон Ровандӣ; [Ба тасҳеҳи Муҳаммад Иқбол]. –Теҳрон: Амири Кабир, 1343. – 860 с.
58. Самарқандӣ, Давлатшоҳ. Тазкирату-ш-шуаро / Таҳияи Мухлиса Нуруллоева. – Хуҷанд: Ношир, 2015. 544 с.
59. Самарқандӣ, Муҳаммад бинни Алӣ бинни Муҳаммад аз-Заҳирӣ. Синбаднома. / Муҳаммад бинни Алӣ бинни Муҳаммад аз-Заҳирии Самарқандӣ; [Ба эҳтимом ва тасҳеҳи Аҳмади Оташ]. –Истанбул, 1948.- 110с.
60. Саноӣ. Ҳадиқат-ул-ҳақиқа. / Саноӣ; (Ба тасҳеҳи Муҳаммад Тақии Мударриси Разавӣ].-Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1351.-450 с.
61. Сафадӣ, Ибни Ибак. Алвофӣ бил вофиёт. / Ибни Ибак Сафадӣ; [Бо кӯшиши Бадеъуззамони Фурӯзонфар].-Теҳрон, 1961. -320 с.
62. Сафӣ, Фахриддин Алӣ. Латоиф-ут-тавоиф. / Фахриддин Алӣ Сафӣ. [Тартибдиҳанда ва муаллифи сарсухан Саидов Ҳалим].- Душанбе: Ирфон, 1968.-261 с.
63. Ҳамадонӣ, Айнулқуззот. Рисолаи лавоеҳ. / Айнулқуззоти Ҳамадонӣ; [Ба тасҳеҳи доктор Раҳими Фарманиш]. –Теҳрон, 1337.-450 с.
64. Ҳамадонӣ, Айнулқуззот. Тамҳидот. / Айнулқуззоти Ҳамадонӣ; [Ба тасҳеҳи доктор Раҳими Фарманиш]. -Шероз, 1342.- 600 с.
65. Халифа, Ҳоҷа. Кашф-уз-зунун: Тазкира. / Ҳоҷа Халифа. -Третье изд. – Флуген, 1968.-375 с.
66. Ҳамавӣ, Ёқут. Муъҷам-ул-булдон: Тазкира. / Ёқути Ҳамавӣ. – Миср,1365.-540 с.
67. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин: Тазкира. / Ризоқулихон Ҳидоят. –Теҳрон: Чопи китобфурӯшии Маҳдия.-1316.-720 с.
68. Ҳуҷвирӣ, Абулҳасани Ҷуллобӣ. Кашф-ул-маҳҷуб. / Абулҳасани Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ; (Ба тасҳеҳи Валентин Жуковский). -Ленинград, 1926.- 720 с.

69.Ҷомӣ, Абдураҳмон. Нафаҳот ул-унс / Абдураҳмони Ҷомӣ; [Тасҳеҳ ва таъликоти Маҳмуд Ибодӣ].-Теҳрон: Сухан, 1382.- 1214 с.
70.Ҷоҷарми Бадрӣ. Мӯнис- ул- аҳрор: Нусхаи аксии мазбут дар китобхонаи Маҷлиси шурхи миллӣ аз нусхаи муаррих. / Бадри Ҷоҷармӣ. –Теҳрон, 1378.-720 с.
71.Шарҳ ва тафсири ҷомеи рисоли «Савонеҳ ул-ушшоқ»-и Аҳмади Ғаззолӣ. – Ба кӯшиши Шаҳром Яғмоии Зореъ. – Теҳрон, 1391.- 200 с.
72.Шервонӣ, Хоқони. Туҳфат-ул-ироқайн. / Хоқонии Шервонӣ: [Ба эҳтимоми доктор Яҳёи Қариб]. –Исфанд, 1333.-430 с.
73.Шуруҳи «Савонеҳ-ул -ушшоқ». Таҳқиқи Аҳмади Муҷоҳид. – Теҳрон, интишороти донишгоҳи Теҳрон, 1388.- 410 с.

## II. Адабиёти илмӣ

### А) Бо забони тоҷикӣ

74.Абдуллоев С. Фарҳанги Сомониён / С.Абдуллоев.-Москва: Воениздат, 2001. – 599 с.
75. Абдусаттор А. Арабият ва адабиёти аҳди Ғазнавиён / А.Абдусаттор. - Душанбе, 2001.-220 с.
76. Абдусаттор А. Таърихи адабиёти араб / А.Абдусаттор.- Душанбе: Деваштич, 2009. - 230 с.
77.Арабзода Н.Ҷаҳони андешаҳои Носири Хусрав / Н. Арабзода.- Душанбе: Нашриёти Нодир, 2003.- 257 с.
78.Афсаҳзод А. Таҳаввули афкори Абдураҳмони Ҷомӣ / А.Афсаҳзод. - Душанбе, 1981.- 159 с.
79.Баддавӣ, Абдураҳмон. Таърихи тасаввуфи исломӣ / А. Баддавӣ. - Теҳрон. 1978.-273 с.
80.Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насрӣ форсӣ. Ҷилди сеюм/ Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон, Заввор, 1381. – 440с.
81.Ғанӣ, Қосим. Баҳое дар тасаввуф.- Теҳрон, 1331.
82.Деҳхудо, Алиакбар. Мухтасари луғатнома. 2.Ҷ. Ҳарфи «нун», «мим». / Алиакбари Деҳхудо. -Теҳрон, 1371.-

83.Диноршоев М. Аз таърихи фалсафаи тоҷик/ Диноршоев М. – Душанбе,1988.- 220 с.
84.Ғаффорова У. Қиссаҳои «Қуръон» дар «Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» / Ғаффорова У. – Хуҷанд: Нури Маърифат. 2004. – 400 с.
85.Замонӣ, Карим. Миногари ишқ: Арҷи мавзӯи Маснавии маънавӣ. / Карим, Замонӣ.-Теҳрон, 1366.-328с.
86.Арринкӯб А. Баҳр дар кӯза / А.Арринкӯб.- Теҳрон, 1366.- 616 с.
87.Арринкӯб А. Бо корвони ҳулла / А.Арринкӯб. - Теҳрон, 1370.- 675 с.
88.Арринкўб, А. Љустуљў дар тасаввуфи Эрон. –Тењрон: Амир Кабир, 1385. –450 с.
89.Зеҳнӣ Т. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ / Т.Зеҳнӣ –Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960.–260 с.
90.Зиёев. Х.М. Мавлавия ва таърихи таҳаввули он.- Душанбе: Хумо, 2007.- 216 с.
91.Корбен Ҳенрӣ. Таърихи фалсафаи исломӣ. / Ҳенрӣ Корбен; Тарҷумаи Ҷавод Таботабоӣ. -Теҳрон, 1380.- 423 с.
92.Маонӣ, Аҳмад Гулчин. Кунуз-ул-асрор ва рум-ул-аҳрор. /Нашрияи донишкадаи адабиёт ва улуми исломии Донишгоҳи Теҳрон. -1345. Шумораи 4, соли дувоздаҳум, с. 429- 522.
93.Мирсаидов Б.Т. Тимсоли бадеии паррандагон дар назми ирфонии асрҳои миёна (асрҳои XI-XIII). - Хуҷанд, 2004.
94.Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳриствораи китобҳои форсӣ. Ҷ.8/ Аҳмад Мунзавӣ.- феҳраст. -Теҳрон. Маркази Доиратулмаорифи бузурги исломӣ. 1382.- 1497 с.
95. Муҳаммадхӯҷаев А. Аҳмади Ғаззолӣ. Энциклопедияи Советии тоҷик. Ҷилди 5. -Душанбе -1986.
96.Муин, Мухаммад. Фарҳанги форсӣ. Ҷилди 6. / Мухаммад Муин-фарҳанг. -Теҳрон: Сароюш,1387.
97.Мӯҳсини М. Таҳқиқ дар аҳвол ва осори Наҷмиддин Куброи Увайсӣ. / М.Мӯҳсин-таҳқиқот. - Теҳрон, 1346 ҳ. – 266 с.

98. Минавӣ, Муҷтабо. Аҳвол ва афволи Шайх Абулҳасани Хараҷонӣ/ Муҷтабо Минавӣ-таҳқиқот.-Теҳрон, 1363.- 180 с.
99. Мусулмонқулов Р. Саҷъ ва сайри таърихии он дар насри тоҷик. / Мусулмонқулов Р.-монография.–Душанбе: Ирфон, 1970.–218 с.
100. Никольсон Р. Ирфони орифони мусулмон/Тарҷумаи дуктур Асадулло Озод /- Теҳрон, 1382.- 358 с.
101. Никелсон, Рейналд. Тасаввуфи исломӣ. / Рейналд Никелсон. - Теҳрон, 1358ҳ – 254 с.
102. Никелсон, Рейнолд. Ирфони орифони мусалмон/ Рейналд Никелсон. - Теҳрон, 1382 ҳ.
103. Насриддин А. Шарҳнависӣ дар таърихи адаби форс- тоҷик. Қисми 1. / А.Насриддинов.-монография.– Хуҷанд 2000. - 254 с.
104. Насриддинов А. Матншиносии осори адабӣ / А.Насриддинов.-монография.-Хуҷанд: Ношир, 2009.-230 с.
105. Насриддинов А. Фарҳанги мушкилоти адабиётшиносӣ. Куллиёт, ҷилди 3.-Хуҷанд: Ношир, 2017.
106. Нафисӣ Саид. Сарчашмаи тасаввуф дар Эрон.- Теҳрон, 1342.- 276 с.
107. Олимов К.О. Баррасиҳо дар тасаввуф/ К.О. Олимов – монография.- Душанбе, 1999. – 139 с.
108. Олимов К.О. Ҷаҳонбинии Абдуллоҳи Ансорӣ/ К.О. Олимов – монография.- Душанбе: Дониш, 1988 – 133 с.
109. Осимӣ М. Пайдоиш ва ташаккули тафаккури фалсафӣ. / М.Осимӣ.-монография.- Душанбе, 1970.- 140 с.
110. Пурномдориён, Тақӣ. Рамз ва достонҳои рамзӣ дар адаби форсӣ. Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1396.- 602 с.
111. Пурҷаводӣ, Насруллоҳ. Султони тариқат. Зиндагӣ ва шарҳи осори Аҳмади Ғаззолӣ.- Теҳрон, 1358.-295 с.

112. Размҷӯ, Ҳусайн. Инсони ормони ва комил дар адабиёти ҳамосӣ ва ирфонии форсӣ. / Ҳусайн Рамзҷӯ-монография. - Теҳрон, 1368 ҳ. – 432 с.

113. Риёзӣ, Ҳашаматуллоҳ. Оёти ҳусн ва ишқ. Ҷилди 2.- Теҳрон, 1351.-297 с.

114. Саидӣ, Ғулом. Андешаҳои Иқболи Лоҳурӣ / Ғулом Саидӣ. - Теҳрон, 1370.- 359 с.

115. Салимов Н. Марҳилаҳои услуби ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII)/Н.Салимов –монография. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2002.-396 с.

116. Сафо Забеҳулло. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони порсӣ / З.Сафо.-монография. - Теҳрон: Фирдавс, 1366.- ҷ.7. 1463с.

117. Содиқова Р. Хусусиятҳои услубӣ – бадеии Мирсод – ул – ибод-и Наҷмиддини Розӣ / рисолаи номзадӣ - автореферат. Душанбе, 2018. 24 с.

118. Суруш, Абдулкарим. Афсофи порсиён / А.Суруш.- Теҳрон, 1371. -381 с.

119. Суратгар, Лутфалӣ. Таҷаллиёти ирфон дар адабиёти форсӣ/ Л.Суратгар -монография.- Теҳрон, 1359 -254.

120. Табарӣ Э. Бархе аз баррасиҳо дар бораи ҷаҳонбиниҳо ва ҷунбишҳои иҷтимоӣ дар Эрон / Э.Табарӣ. - Теҳрон, 1348. -406 с.

121. Тадайюн, Атоулло. Ҷилваҳои тасаввуф дар Эрон ва ҷаҳон / А.Тадаюн.-монография.- Теҳрон, 1374.- 557 с.

122. Хатиби Ҳусайн. Фанни наср дар адабӣ порсӣ/Ҳусайн Хатибӣ-монография.- Теҳрон, 1375.- 637 с.

123. Ҳазратқулов М. Тасаввуф / М.Ҳазратқулов.-монография.- Душанбе, 1988.- 124 с.

124. Ҳодизода Расул. Ҳазор мисраи Рӯдакӣ / Таҳияи матн аз Расул Ҳодизода ва Ансор Афсаҳов.-монография.-Душанбе, 1184, 240 с.

125. Ҳодизода Расул. Тасаввуф дар адабиёти форс-тоҷик. – Душанбе: Адиб, 1999.-177 с.
126. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Тартибдиҳандагон Т.Зеҳнӣ, В.Капранов ва дигарон. –Москва: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1-2. –952 с.
127. Фарҳанги Онандроҷ / Таълифи Муҳаммад Подшоҳ мутахаллис ба Шод. – Теҳрон, Хайём.1378.
128. Фурӯзонфар Базеуззамон. Аз гуфтори Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ. Ҷузви аввал / Бо тасҳеҳ ва ҳавошии устод.-Теҳрон, 1336.
129. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Шарҳи ҳол ва осори Мавлоно / Бо кӯшиши Ҷаъфари Ранҷбар ва Масъуди Миршоҳӣ. -Душанбе: Китобхонаи устод Халилӣ, 2007. -252 с.
130. Шамисо, Сирус. Баён/С.Шамисо.-монография. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. – 276 с.
131. Шамолов А. А. Ҳуҷҷат –ул-ислом Ғаззолӣ: Андешаҳои иҷтимова сиёсӣ / А.А.Шамолов-монография. - Душанбе: Дониш, 1996. – 330 с.
132. Шамолов А. А. Ҳикмати назми ниёгон / А. А. Шамолов – монография.- Душанбе, 1999. – 94 с.
133. Шиммель, Аннемери. Шукӯҳи шамс/Ба муқаддимаи Ҷамолиддини Оштиёнӣ. Тарҷумаи Ҳасан Лоҳурӣ.- Теҳрон, 1375.- 885с.
134. Фурӯзонфар, Бадеуззамон. Аҳодиси Маснавӣ / Ҷамъ ва тадвини Бадеуззамон Фурӯзонфар.- Теҳрон: Амири Кабир, 1347.
135. Хоҷаева М. Масъалаҳои сабкшиносӣ / М.Хоҷаева.-монография.–Хуҷанд, 1994.- 223 с.
136. Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ / Х.Шарифов-монография.-Душанбе: Маориф, 1991.- 164 с.
137. Шарифов Х. Назарияи наср / Х.Шарифов-монография.-Душанбе: Пайванд, 2004.

**б) бо забони русӣ**

138. Амирхонов Ш.Т. Философско-этические воззрения в мистицизме Ахмада Газали / дис. на соискание уч. степени канд. Философ.наук / Ш.Т. Амирхонов; науч. рук. А.А. Шамолов Н.С. Саидов ТГНУ Факультет философии.- Душанбе: [б.и.], 2011. – 159 с.

139. Арберри, Дж. Суфизм. Мистики ислама / Дж. Арберрӣ. - М, 2002.- 268с.

140. Бертельс Е.Э. История персидско- таджикской литературы / Е.Э.Бертельс. –М.: Изд. вост. лит, - 1960.- 556 с.

141. Бертельс Е.Э. Суфизм и суфийская литература / Е.Э.Бертельс. –М.: Наука, - 1965.- 523 с.

142. Бертельс Е.Э. Насир Хусрав и исмаилизм / Е.Э.Бертельс. –М.: Изд. Вост. лит, - 1959.- 289 с.

143. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы: Избранные работы / И.С. Брагинский. - М.: Наука, 1972-527 с.

144. Брагинский И.С. Из истории персидского литературного наследия. / И.С. Брагинский.-М.:- Наука, 1972-527 с.

145. Брагинский И.С. Иранское литературное наследие. И.С. Брагинский-исследование. - М.: Наука, 1984.-296 с.

146. Бартольд В.В. Сочинения. Т. 6. / В.В. Бартольд. -М.: Наука, 1966,–784 с.

147. Гринцер Б. Поэтика слова: Вопросы литературы / Гринцер Б. –Москва, 1984.- 160 с.

148. Гринцер Б. Литературы древности и средневековья в системе исторической поэтики/ Гринцер Б. - Москва, 1986.- 240 с.

149. Гуревич А.Я. Категория средневековой культуры/ Гринцер Б. –Москва: Искусство, 1972.–318 с.

150. Иностранцев К.А. Персидская литературная традиция. / К.А. Иностранцев. - СПб.: 1909.- 135 с.

151. Избрание сочинения. Т.1 / В. А. Годлевский. -М., Изд-во Восточной литературы, 1960.– 551 с.

152. Занд М. И. Искусство перевода в таджикской поэзии 10 в / М. И. Занд -Рудаки и его эпоха.- Сталинабад, 1958.-С.152-167;

153. Зиёев Х. Суфийский орден Мавлавия / Х.Зиёев. – Душанбе: Ҳумо, 2007.- 276 с.

154. Литературный энциклопедический словарь / Под общей редакцией В.М. Кожевникова, П.А. Николаева. - М.: Сов. энциклопедия, 1987. – 752 с.

155. Мец Адам. Мусульманский ренессанс. /Перевод с немецкого. - М.: Наука, 1966.-458 с.

156. Мусульманкулов Р. Персидско-таджикская классическая поэтика (X–XV вв)/ Мусульманкулов Р.-монография.–Москва: Наука, 1983.–240 с.

157. Олимов К.О. Мировоззрение Санои/ К.О. Олимов –монография.- Душанбе: Дониш, 1973 – 173 с.

158. Одилов. Н. Ф. Мировоззрение Джалолуддина Руми/ Н. Ф. Одилов.-монография. - Душанбе: Ирфон, 1974. – 111 с.

159. Одинаев Я. К. Ибн Араби / Я.К. Одинаев.-монография. - Душанбе , 1974. – 117 с.

160. Петрушовский И. П. Ислам в Иране в VII- ҶV вв. / И. П. Петрушовский-монография.- Л., 1966-400 с.

161. Рипка Ян. История персидской и таджикской литературы / Я.Рипка; (Перевод с чешского, редактор и автор предисловия И.С.Брагинский]. - М.:Прогресс,1970. – 440 с.

162. Ханна Алфахурӣ. История арабского летературы/Ханна Алфахури-монография.-Т.1-2.-М,1959-1961 – 794 с.

163. Хасанова З.А. Социально-политические и этические взгляды Наджмуддина Рази /Автореферат диссертации на соискание учёной степени кандидата философских наук, Душанбе – 2009.

164. Шаймухамбетова Г.Б. Арабоязычная философия средневековья и классическая традиция (начальный период)/ Г.Б.Шаймухамбетова.- монография. - М.: Наука, 1979.- 152 с.

165. Шамолов А. А. Сревнительный анали этики Абу Хамида Газали и Насриддина Туси/А.А.Шамолов-монография. - Душанбе: Дониш, 1994. – 210 с.

166. Шидфар Б.Я. Образная система арабской классической литературы VI-XII / Б.Я.Шидфар-монография. - М,1974- 321 с.

167. Шиммель, Аннемери. Шукӯҳи шамс / Ба муқаддимаи Ҷамолиддини Оштиёнӣ. Тарҷумаи Ҳасан Лоҳурӣ.- Теҳрон, 1375.- 885 с.

168. Шиммель, Аннемери. Мир исламского мистицизма (суфийский ордена). А.Шиммель-монография.- М. 1999.- 179 с.

169. Шишкин А. Ф. Из истории этических учений / А.Ф.Шишкина-монография. - М:Госполитиздад, 1959.- 344 с.

170. Эрнест К. Суфизм. / К.Эрнест-монография. - М., - 2002.- 320 с.

**Китобҳо ба забонҳои аврупоӣ**

171. Bauman, Richard. «Performance». Folklore, Cultural Performances, and Popular, Entertainments. Ed. Richard Bauman. Oxford: Oxford University, 1992.41-49.

172. Blachère R. Al-Hamadhвno. In: Encyclopedia of Islam. (3. kötet) Szerk.: P.J. Bearman, Th. Bianquis, C.E. Bosworth, E. van Donzel, W.P. Heinrichs et al. Leiden, E. J. Brill, 1960-2005. pp. 106–107

173. Brockelman, C., Pellat, Ch., Makama, The Encyclopaedia of Islam, Vol. VI, Leiden, 1989.

174. Brown.Literary History of Persia Vol.2, P.122- London.

175. Hamilton, Michelle M. «Poetry and Desire: Sexual and Cultural Temptation in the Hebrew Maqama Tradition.» Wine, Women and Song: Hebrew and Arabic Literature of Medieval Iberia. Eds. Michelle M. Hamilton, Sarah J. Portnoy and David A. Wacks. Estudios de Literature Medieval Number: 2: Juan de la Cuesta, Newark, DE, 2004. 59-73.

176. Katsumata, Naoya. «The Style of the Maqama: Arabic, Persian, Hebrew, Syriac.» Arabic and Middle Eastern Literatures 5.2 (2002): 117-37.

177. Monroe, James T. The Art of Badi az-Zaman al-Hamadhano as Picaresque Narrative.Beirut: American University of Beirut, 1983.

178. Monroe, James T., trans. Al-Maqamat Al-Luzuamoyah. al-Saraqusti, Muhammad ibn Ysuf. Leiden: Brill, 2002.

179. Young, Douglas C. Rogues and Genres: Generic Transformation in the Spanish Picaresque and Arabic Maqama. Newark, DE: Juan de la Cuesta, 2004.

180. Wacks, David A. «The Performativity of Ibn al-Muqaffa's Kalola wa-Dimna and Al-Maqamat al-Luzumoyya of al-Saraqusti.» Journal of Arabic Literature 34.1-2 (2003): 178-89.

181. fa.wikipedia.org/wiki

182. wikipedia.ir.

183. www.farhangsara.com/ferfaniran-ghazalitosi.htm

184. www.elaibrari.com

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-М]** Рӯзгор ва сори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №4 (76), 2018 - Душанбе. С. 212-215.

**[2-М]** Ташаккули истилоҳоти ирфонӣ дар адабиёти тоҷик / С.Саидғанизода // Паёми ДДОТ ба номи С.Айнӣ / ISSN (2219-5108) - №5 (77), - Душанбе. С. 195-199.

**[3-М]** Истифодаи санъатҳои бадеӣ дар "Савонеҳ"-и Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / ISSN (2413-516X) - №7, 2020 - Душанбе. С. 304-307.

**[4-М]** Андешаҳои ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Паёми ДДБохтар ба номи Н.Хусрав / ISSN (2663-5534) - №1/4 (94), 2022 с. Бохтар.. С. 34-37.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[5-М]** Аҳмади Ғаззолӣ ва мактаби ӯ / С.Саидғанизода // Роҳи Абрешим ва робитаҳои байнифарҳангии Авруосиё, (маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ) 3 – июли 2018 – Душанбе. С. 274-276.

**[6-М]** Мафҳум ва хусусияти рубоиҳои Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”, Донишкадаи забонҳои Тоҷикистон, 22.12.2020 сол.

**[7-М]** Ирфони Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2021. С. 560-563.

**[8-М]** Корбурди истилоҳоти адабӣ дар осори Аҳмади Ғаззолӣ / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 675-680.

**[9-М]** Ашъори Аҳмади Ғаззолӣ ва хасоиси он / С.Саидғанизода // Конференсияи байналмилалӣ, Паёми донишкадаи Панҷакент – 2022. С. 680-683.

**[10-М]** Нақши “Рисолат-ут-туюр”-и Аҳмади Ғаззолӣ ба “Мантиқ-ут-тайр”- Аттори Нишобурӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи байналмилалии “Филологияи араб ва замони муосир” Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 143-146.

**[11-М]** “Савонеҳ-ул-ушшоқ” ва бадеиёти он // С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ “Заминаҳои ривоҷу ташаккули филологияи араб дар ҷаҳони муосир”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 16-уми ноябри соли 2021 – Душанбе. С. 212-215.

**[12-М]** Арзишҳои бедии “Савонеҳ-ул-ушшоқ”-и Аҳмади Ғаззолӣ / С. Саидғанизода // Конференсияи ҷумҳуриявӣ “Масоили мубрами арабшиносии тоҷик”, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 28-уми октябри соли 2022 – Душанбе. С. 356-361.